**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ВБД: 378.004 (575.3)**

**АБДУЛЛОЗОДА НАҶИБУЛЛО**

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСИИ ХОНАНДАГОН БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ

**Ҳимояи такрорӣ**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот)**

**Роҳбари илмӣ: Камолзода Сайфиддин, номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи методикаи таълим, психология ва омодасозии кадрҳои илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

**ДУШАНБЕ – 2025**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**............................................................... **3**

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ** ........................................................ **17**

1.1 Омилҳо, шароит ва технологияи ташаккули салоҳиятҳои асосоии хонандагон дар раванди таълим.......... 17

1.2 Хусусиятҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳо дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ............................................... 41

Хулосаи боби якум ........................................................ 69

**БОБИ II. АМСИЛАИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСИИ ХОНАНДАГОН ДАР ШАРОИТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ**......................................................................... **74**

2.1. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қисми асосии ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ................................................................ 74

2.2. Ташаккули салоҳияти хонандагон дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ................................................................ 93

2.3. Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз он ......... 127

Хулосаи боби дуюм ........................................................ 141

**ХУЛОСАИ УМУМӢ**...................................................... **146**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**.................................................... **157**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Яке аз хусусиятҳои муҳими рушди маориф дар шароити муосир ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) ба раванди таълим мебошад, зеро онҳо омили муҳими рушди давлат ва ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Истифодаи ТИК сифат ва сатҳи тайёрии мутахассисонро баланд менамояд. Хонандагон имконият доранд аз воситаҳои ТИК васеъ истифода баранд, ки ин тафаккури эҷодӣ, иҷрои корҳои мустақилона ва фаъолияти таълимиро самаранок мегардонад.

Истифодаи ТИК муносибати инноватсионӣ буда, барои тайёр намудани мутахассисон ва бунёди системаи инноватсионии таълим мусоидат мекунад. Он ба самаранок намудани фаъолияти зеҳнӣ ва тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир нигаронида шудааст. Яке аз масъалаҳои муҳим ташаккули салоҳиятҳои гуногуни хонандагон дар асоси истифодаи ТИК мебошад.

Салоҳиятнокӣ натиҷаи таҳсилот буда, ба рушди шахсият, қобилияти маърифатӣ ва мутобиқгардии фаъол дар бозори меҳнат нигаронида шудааст. Салоҳият ва салоҳиятнокии истифодаи ТИК яке аз унсурҳои таркибии ихтисосмандии хонандагон ба ҳисоб меравад ва бояд дар алоқамандӣ бо қобилиятҳои психологиву педагогӣ дар асоси таҷрибаи хонандагон ташаккул ёбад.

Дар ҷаҳони муосир, ки технологияҳои иттилоотӣ босуръат рушд мекунанд, истифодаи онҳо дар соҳаи маориф на танҳо як тамоюл, балки зарурати воқеӣ ба шумор меравад. Ворид намудани ТИК ба раванди таълим имконият медиҳад, ки шакл ва методҳои таълим дигаргун шуда, ба талаботи замон мутобиқ гарданд. Инчунин, он баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон, рушди малакаҳои эҷодӣ ва таҳлилии онҳо мусоидат мекунад.

Истифодаи ТИК дар таълим имконияти дастрасии васеъ ба маълумотро фароҳам меорад. Хонандагон метавонанд аз захираҳои гуногуни электронӣ, аз қабили китобҳои электронӣ, мақолаҳои илмӣ, видеоконференсияҳо ва

ғайра истифода баранд. Ин имкон медиҳад, ки онҳо дониши худро васеъ намуда, дар мавзӯъҳои гуногун маълумоти иловагӣ гиранд. Ғайр аз ин, ТИК имконияти ташкили таълими фосилавӣ ва маҷозиро фароҳам меорад, ки ин барои хонандагони дар манотиқи дурдаст қарордошта хеле муҳим аст.

Бояд қайд кард, ки истифодаи ТИК дар таълим на танҳо ба хонандагон, балки ба омӯзгорон низ манфиат меорад. Онҳо метавонанд аз технологияҳои иттилоотӣ барои тайёр кардани маводи таълимӣ, гузаронидани дарсҳо ва арзёбии дониши хонандагон истифода баранд. Инчунин, ТИК имконияти мубодилаи таҷриба ва ҳамкорӣ бо дигар омӯзгоронро фароҳам меорад, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи касбии онҳо мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, бояд дар хотир дошт, ки истифодаи ТИК дар таълим бояд бо мақсади дуруст ва самаранок истифода бурда шавад. Танҳо дар ин сурат он метавонад ба рушди маориф ва тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир мусоидат намояд. Зарур аст, ки барномаҳои таълимӣ бо назардошти имкониятҳои ТИК таҳия карда шаванд ва омӯзгорон барои истифодаи онҳо дар раванди таълим омода бошанд.

Ҳамин тариқ, ворид намудани ТИК ба раванди таълим як қадами муҳим дар самти рушди маориф дар шароити муосир мебошад. Он имкониятҳои навро барои баланд бардоштани сифати таълим, рушди малакаҳои хонандагон ва тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир фароҳам меорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳоти кунунии низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ба фароҳам овардани замина барои ташаккули муносибати босалоҳият ба таълим нигаронида шудааст. Баланд бардоштани сифати маълумот ба таври назаррас танҳо бо истифодаи муассир ва густурдаи ТИК имконпазир аст.

Истифодаи воситаҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ дар Тоҷикистон ва дар арсаи байналмилалӣ масъалаи дорои аҳамияти стратегӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала дар як қатор санадҳои миллии соҳавӣ, аз ҷумла "Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015", "Барномаи

давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022", "Барномаи давлатии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015" ва "Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои то 2030" инъикос ёфтааст.

Ҳадаф аз татбиқи технологияҳои иттилоотӣ рушди қобилияти зеҳнии хонандагон ва баланд бардоштани сифати тайёр кардани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат мебошад.

Муҳим аст, ки амалисозии ин ҳадаф саводнокии компютерӣ ва ташаккули салоҳиятҳои гуногуни хонандагон, аз ҷумла салоҳияти иттилоотӣ-коммуникативиро тавассути навсозӣ ва такмили низоми таҳсилот талаб мекунад.

Ҷорӣ намудани ТИК дар раванди таълим баланд бардоштани сифат ва сатҳи таълимро таъмин менамояд. Дар ин замина, ҷанбаҳои муҳиме, аз қабили истифодаи ТИК дар раванди таълим, таъмини дастрасии васеъ ба иттилоот ва донишҳо, рушди таҳсилоти фосилавӣ, азхудкунии малакаҳои кор бо иттилооти гуногун, коркард ва истифодаи технологияҳои самараноки ташкил ва идоракунии раванди педагогиро қайд кардан зарур аст.

Ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда тағйироти куллиро дар раванди педагогӣ талаб мекунад, ки ба тайёр намудани мутахассисони дорои салоҳиятҳои муайян нигаронида шудааст. Таъкид мешавад, ки тайёр намудани мутахассисон бо салоҳиятҳои мушаххас яке аз вазифаҳои муҳим аст. Масъалаи ташаккули салоҳиятҳои хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳанӯз ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст. Таҳлили истифодаи ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки истифодабарӣ аксаран тамоюли эҳтимолӣ дорад ва бо набудани асоси назариявӣ-методологӣ алоқаманд аст.

Бар ин назарем, ки ҳалли ин мушкилот танҳо дар заминаи таҳқиқи ҷанбаҳои дидактикии омодагии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-

коммуникатсионӣ дар фаъолияти минбаъдаашон имконпазир аст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, мо талош кардем, ки ба ин масъала равшанӣ андозем ва асосҳои дидактикии омодагии хонандагони муассисаҳои таълимӣ барои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар фаъолияти ояндаашон таҳқиқ намоем, ҳамчунин шароитҳои педагогии таъмини дидактикии истифодаи ТИК-ро ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои хонандагон муайян созем.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот.** Ҷанбаҳои мухталифи назариявӣ, амалӣ ва методологии воридгардӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар маориф аз ҷониби муҳаққиқони мухталиф мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Масъалаҳои мухталифи иттилоотонии маориф, истифодаи иттилоот дар раванди таълим, асосҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои педагогиву психологии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, истифодаи воситаҳои мултимедиявӣ дар раванди таълим аз тарафи О.А.Козлов [18], И.В.Роберт [32], В.В.Гусев [10], А.А.Андреев [1], Т.А.Матвеев [23], И.Г.Захарова [12], А.В.Хуторская [39], Л.Н.Горбунова [9], Е.С. Полат [29], Т.С. Илин [13], В.П. Беспалко [7], М.В.Каймакова [16] ва диг. мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Ҷанбаҳои амалии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим аз тарафи муҳаққиқони тоҷик, ба монанди С.С.Афғонов, А.Р.Додихудоев [11], К.Б.Қодиров [20], Ф.С.Қосимов [21], М.Муллоҷонов [25], Ф.Шарипов [41], И.Олимов [26] мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Ҷиҳатҳои мухталифи салоҳият ва салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ва хонандагон аз тарафи мактабҳои мухталифи педагогӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ин самт метавон таҳқиқотҳои М.И Станкин [35], И.П. Подласий [28], Н.В. Баздовская [4], И.Ф. Исаев [15], В.И. Андреев [1], Д.А. Белухин [6], Т.В. Мишаткин [24], В.И. Писаренко [27], И.Я. Писаренко [27], П.К. Холмогортсев [37], В.Н. Чернокозова [40] ва И.И. Чернокозов [40]-ро махсусан қайд намуд. Ин муаллифон дар таҳқиқотҳои худ ба масъалаи

таснифоти мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ”; роҳҳо ва воситаҳои ташаккули самараноки салоҳият ва салоҳиятнокӣ, шароити педагогии ташаккули салоҳиятнокӣ, нақши салоҳиятнокӣ дар фаъолияти мутахассиси оянда бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ рӯй овардаанд.

Дар муносибатҳои илмии пешина салоҳиятнокӣ ҳамчун дониш ва таҷриба дар ин ё он соҳаи фаъолият; ҳамчун имкониятҳои асосии мансабдор, дониш ва таҷрибаи ӯ, ки имконият медиҳад масъалаҳои гуногун бо иштироки ӯ ҳал карда шаванд, тасниф карда мешуд.

Муҳаққиқони тоҷик М. Лутфуллозода [22], Қ. Қодиров [20], И.Х. Каримова [17], Ғ.Бобизода [8], М.Аҳмадов [3], Д.Расулов [31], С.Туронов [36], Д.Имомназаров [14], А.Байзоев [5] ва дигарон ба масъалаҳои мухталифи салоҳият ва салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ва хонандагон дахл намуда, ҷиҳатҳои алоҳидаи онро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додаанд. Ин муаллифон оид ба таснифоти мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” роҳҳо ва воситаҳои таъмини ташаккул ва инкишофи салоҳиятнокии хонандагон дар раванди таълим, муносибати босалоҳият ба таълим ва ғайраҳоро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё лоиҳаҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021 дар мавзуи “Роҳҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълим фанҳои табиатшиносию дақиқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” ва муқаррароти асосии Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои итгилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солхои 2018-2022 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2017, № 443) иҷро шудааст.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** омӯзиш ва таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ-методологии шароитҳои педагогии ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва санҷишу озмоиши он.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

- муайян сохтани омилҳо, шароитҳо ва технологияҳои ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ;

- асоснок кардани ҷанбаҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ – коммуникатсионии хонандагон дар раванди таълим;

- ба таври маҷмуӣ баҳогузории амалӣ ва объективии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон;

- асоснок кардани нақш ва мақоми салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун замина ва пойгоҳи асосии ташаккул ва инкишофи шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон ;

- коркард кардани маҷмуи роҳҳо ва воситаҳои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ – коммуникатсионии хонандагон дар раванди таълим, ки ба рушди самараноки салоҳиятнокии хонандагон мусоидат менамоянд;

- асосноксозии муносибатҳои педагогии ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, таҳияи хулоса ва тавсияҳо, ки рушди салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагонро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ таъмин менамоянд.

**Объекти таҳқиқот:** раванди ташаккул ва рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.

**Фарзияи таҳқиқот:** Сифат ва сатҳи слоҳиятҳои умумии хонандагон баланд мегардад, агар:

- муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ бо технологияҳои иттилоотӣ-компютерӣ анҷом дода шуда, роҳу усулҳои ташаккули салоҳияти хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ баррасиву таҳқиқ карда шавад;

- шароитҳои педагогии самараноки тайёр намудани хонандагон ҷиҳати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ таъмин ва ба инобат гирифта шаванд;

- ташаккули салоҳиятнокии иттилоотиву коммуникатсионии омӯзгорон ва хонандагон дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ таъмин карда шавад;

- шароити педагогии ташаккули салоҳиятҳои умумии хонандагон бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ошкор карда шавад.

- салоҳияти коммуникативӣ-иттилоотӣ ҳамчун қисми асосии ташаккули салоҳиятҳои хонандагон таҳқиқ карда шавад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳилаи бо ҳам алоқаманд гузаронида шуд:

*Дар марҳилаи аввал* (сс.2017-2018) ҷамъоварии мавод, ташхису таснифот ва банизомдарории онҳо, интихоби далелҳои педагогӣ, ғояҳо, назарияҳо, муайян намудани натиҷаҳои ҷустуҷӯҳоро дар иртибот ба мавзуи таҳқиқот ташкил медиҳад;

*Дар марҳилаи дуюм* (сс. 2019-2020) омӯзиши мавод ва ташхиси онҳо идома ёфта, натиҷаҳои ба даст овардашуда, бо натиҷаҳои ибтидоӣ муқоиса карда шуданд. Аз ҷумла, натиҷаҳои бадастомада қисман дар шакли мақолаҳо ба чоп расонида шудаанд.

*Дар марҳилаи сеюм* (сс. 2021-2022) хулоса ва пешниҳодҳо дақиқ гардонида шуда, натиҷаҳои бадастомада дар қолаби рисола, яъне диссертатсияи номзадӣ, ба анҷом расонида шудааст.

**Асоси назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро осори дар ин самт таълифнамудаи олимони хориҷӣ ва ватанӣ:

а) О.А.Козлов, И.В.Роберт, В.В.Гусев, А.А.Андреев, Т.А.Матвеев, И.Г.Захарова, А.В.Хуторская, Л.Н.Горбунова, Е.С. Полат, Т.С. Илин, В.П. Беспалко, Е.А. Науменко, М.В.Каймакова, Е.В.Батаев, М.И Станкин, И.П. Подласий, Н.В. Баздовская, И.Ф. Исаев, В.И. Андреев, Д.А. Белухин, Т.В. Мишаткин, В.И. Писаренко, И.Я. Писаренко, П.К. Холмогортсев, В.Н. Чернокозова и И.И. Чернокозов ва дигарон;

б) М. Лутфуллозода, Қ. Қодиров, И.Х. Каримова, Ф. Шарифзода, Ғ.Бобизода, М.Б. Каримзода, А. Мирзоев, М.Аҳмадов, Д.Расулов, С.Туронов, Д.Имомназаров, А.Байзоев, А.Р. Додихудоев, Ф.С.Қосимов, М.Муллоҷонов, Ф.Шарипов, И.Олимов ва дигарон;

в) қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияву стратегия ва барномаҳои давлатии рушди маориф, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва ғ. ташкил доданд.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқот аз муқаррароте иборат мебошад, ки дар доираи муносибати системавӣ, назарияи педагогикаи умумӣ нуҳуфтаанд, инчунин аз муқаррароти назариявӣ аз педагогика ва психологияи муҳити таълимӣ, таҳқиқоту тафсирҳо оид ба назария ва методикаи иттилоотикунонии таҳсилот, истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълим, истифодабарии технологияҳои иттилоотию компютерӣ дар таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин назарияҳо оид ба муносибати фаъолонаю салоҳиятнок ва ғайра иборат мебошанд.

Дар кори илмӣ инчунин принсипу усулҳои умумиилмӣ: принсипҳои мунтазамӣ, маҷмуӣ, таърихӣ, илова ва бардавомӣ, муносибати субъективию

фаъолиятӣ, инчунин усулҳои илмӣ ба мисли таҳлил, синтез, индуксия, тарҳ ва ғ. истифода шудаанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти таълимии хонандагон; монографияҳо, мақолаҳо ва диссертатсияҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, маводи шабакаи Интернет, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030 ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорон ва ғ.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории бевоситаи амалии муҳаққиқ бо объекти таҳқиқшавандаи дорои вижагиҳои умумиилмӣ ва махсус: таҳлили назариявии адабиёти илмӣ-педагогӣ, таҳлили стандартҳои таълимӣ, барномаи тайёрӣ аз рӯи фанҳои иттилоотӣ, таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиш, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, таснифи онҳо ва ҷаъбасткунӣ бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ - арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия ва ғ.; дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ, дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо рӯи кор омадаанд.

**Пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот.** Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №80-и шаҳри Душанбе ва №1-и ноҳияи Сангвор гузаронида шуда, дар он 395 нафар хонандагон ба корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ҷалб карда шуданд. Дар раванди корҳои озмоишӣ, асосан, хонандагони синфҳои болоӣ ҷалб карда шуда буданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки:

- ба тavри маҷмуӣ роҳҳо ва воситаҳои ҷорӣ намудани принсипҳои ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим муайян карда шудаанд, ки ба рушди самараноки салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон мусоидат менамоянд;

- роҳҳои такмили усулҳои ташаккули салоҳиятнокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии хонандагон, сохтор ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пешниҳод шудаанд;

- ба тavри маҷмуӣ баҳогузории амалӣ ва объективии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳиятҳои азхудкунии хонандагон собит карда шудааст;

- нақш ва мақоми салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун замина ва пойгоҳи асосии ташаккул ва инкишофи шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон асоснок карда шудааст;

- равишҳои педагогӣ ба ташаккули салоҳиятҳои ТИК асоснок карда шуда, тавассути озмоиши педагогӣ санҷида шудаанд ва дар асоси онҳо хулоса ва тавсияҳо барои рушди салоҳиятҳои асосии ТИК-и хонандагон таҳия карда шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- дар шароити муосир, салоҳият ва салоҳиятмандӣ ҳамчун омили муҳими рақобатпазирӣ ба ҳисоб меравcovered. Сатҳи баланди салоҳиятнокӣ дар иҷрои фаъолияти муайян, азхудкунии низоми донишҳо, қобилият ва маҳорат, инчунин ташаккули ҷаҳонбинии шахсӣ, ки талабот, муқаррарот, ангезаҳо ва тасаввуроти шахсро дар бар мегирад, бевосита ба сатҳу сифати салоҳиятҳои хонанда вобаста аст. Салоҳият ва салоҳиятнокӣ на танҳо дар раванди таълим, балки зери таъсири арзишҳои оилавӣ, муносибатҳои рафиқона, унсурҳои динӣ, арзишҳо ва анъанаҳои фарҳангӣ ташаккул меёбад;

- дар ташаккули салоҳияти хонандагон принсипҳои дидактикӣ, ки ба

мазмун, метод ва шаклҳои таълим таъсир мерасонанд, аҳамияти калон доранд. Шартҳои муҳими дидактикӣ дар ташаккули салоҳият ин ба инобат гирифтани нақши донишҳои назариявӣ, ягонагии вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳанда, ҳавасманднамоӣ ва муносибати мусбӣ ба таълим мебошанд;

- яке аз самтҳои асосии беҳтар ва самаранок гардонидани тайёрии хонандагон ташаккули мақсадноки салоҳияти коммуникативии онҳо мебошад. Аз ин рӯ, таъмини шароитҳо барои рушди маҳорати таҳлил ва таснифоти иттилоот дар доираи ҳамкории субъектҳо зарур аст. Салоҳияти коммуникативӣ бо сатҳи азхудшудаи маҳорат ва малакаҳои нутқӣ, ки вазъияти рафтори кории нутқиро муайян менамояд, тасниф карда мешавад. Дар ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон технологияи бозӣ васеъ истифода бурда мешавад. Ташаккул ва рушди салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон аз салоҳияти зеҳнӣ вобаста аст, зеро он ҳамчун заминаи азхудкунии донишҳо дар соҳаҳои мухталиф баромад менамояд. Салоҳияти зеҳнӣ ва коммуникативӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои камолоти зеҳнӣ ва ташаккули шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокӣ арзёбӣ мешаванд;

- ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар давраи таҳсил дар муассисаи таълимӣ амалӣ мегардад, зеро дар марҳилаи худогоҳӣ ва ҷаҳонбинӣ ташаккули шавқу рағбати хонанда ба миён меояд, ангезаҳои маърифатӣ қувват мегиранд, қарорҳои мустақил қабул мешаванд, худмукаммалнамоӣ ва худинкишофдиҳии шахсӣ амалӣ мешаванд. Ин ба мутахассис имкон медиҳад, ки вазифаҳои касбиро дар асоси донишҳо, малакаву маҳорат, мавзӯъ ва модулҳои фаъолияти касбӣ, услубҳо, воситаҳо ва технологияҳои азхудшуда ҳал намояд. Таҳқиқотҳо дар самти истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълим нишон медиҳанд, ки истифодаи онҳо дар раванди таълим нисбатан самаранок аст;

- мақсади корҳои озмойишӣ аз муайян намудани самт ва марҳилаҳои кор нисбати ошкор намудани ташаккули салоҳияти хонандагон бо истифода

аз технологияи компютерӣ, ошкор намудани нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ ва муайян намудани сатҳи аввалини ташаккули салоҳияти хонандагон, таҳлил ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳои ниҳоии корҳои санҷишиву озмойишӣ иборат аст. Солҳои охир саъю кӯшиш карда мешавад, ки методҳои мувофиқи ташхиси салоҳият ва салоҳиятнокӣ коркард карда шавад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки мушкилоти ташаккули салоҳияти хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Тарҳи маҷмуии раванди таълимӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ коркард ва асоснок карда шудааст. Илова бар ин, асосҳои илмиву методӣ ва дидактикии тайёрнамоии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ҷиҳати истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар фаъолияти оянддаи онҳо васеъ гардонида шудааст.

**Аҳамияти амалии тадқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводи онро метавон ҳамчун  васоити  методӣ барои рушди салоҳият ва салоҳиятнокиии хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, инчунин, дар муасисаҳои таълимӣ ба сифати маводи иловагӣ дар омӯзиши фанҳои бахши педагогӣ  истифода намуд. Ҳамчунин, дар кор тавсияҳои методӣ оид ба инкишофи салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва маводҳои ташхисӣ барои ошкор намудани мушкилилот дар ин самт коркард шудаанд, ки метавон онҳоро дар раванди таълим  ва низоми таҳсилоти умумӣ истифода кард.

**Дараҷаи эътимоднокии** натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада бо методологияи донишҳои илмӣ, консепсияҳои ташхиси педагогӣ, бо такя ба як қатор методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, инчунин тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшуда ва таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот): *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни ба воярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо;).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми муаллиф дар таҳқиқоти мазкур аз баррасии вазифаҳои дар пеш гузошташуда ва санҷиши фарзияҳои ибтидоӣ зимни истифодаи маҷмуи методҳои тадқиқотии зерин мавриди истифода қарор дода шудаанд: методҳои ташхиси назариявӣ – муқоисавӣ, ретроспективӣ, моделсозӣ; методи ташхисӣ – саволномаҳо, методи баҳогузориҳои санҷишӣ; ташхиси маҳсули фаъолият, омӯзиши таҷрибаи психологиву педагогӣ; методҳои таҳқиқоти озмоишӣ; методҳои коркарди омории маълумотҳои таҷрибавӣ оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҷамъоварии маълумоти озмоишӣ, таҳлил ва ҷамъбасткунии натиҷаҳо, пешниҳоди хулосаҳои асосии диссертатсия иборат мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар семинару мизҳои мудаввар ва дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ироа ва тасвиб шудаанд. Мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ба табъ расида, ҳамин тариқ тасвиби худро ёфтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, ба теъдоди 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳаҷми диссертатсия 172 саҳифаи чопи компютериро ташкил мекунад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

## 1.1 Омилҳо, шароит ва технологияи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар раванди таълим

Соҳаи касбии ҳар як фаъолияти инсони муосир ба таври босуръат тағйирёбанда тасниф карда мешавад, ки бешубҳа дар ин дигаргуниҳо талабот ба мутахассис таҷассум мегардад. Омили пешбарандаи рушди маълумоти умумӣ гузариш аз муқаррароти мақсадноки дониш ба муқаррароти ташаккули қобилият ва тайёрии мутахассис ба ҳалли самаранок ва мустақили вазифаҳои дар ҳолатҳои мухталиф дар доираи муносибати босалоҳият ба ҳисоб меравад.

Дар адабиёти педагогӣ то ба имрӯз як қатор таснифоти пешбари мафҳумҳои салоҳият ва салоҳиятнокӣ мушоҳида карда мешавад. Аввалин маротиба мафҳуми салоҳият (компетенсия) аз тарафи Н.Хомский мавриди истифода қарор дода шудааст. Мувофиқи таснифи Н.Хомский мафҳуми “салоҳият” барои ифода намудани қобилият, ки дар иҷроиши фаъолияти муайян, хусусан фаъолияти забонӣ зарур буд, истифода карда шудааст. Ӯ мафҳуми “салоҳият”-ро ҳамчун системаи қобилиятҳои зеҳнӣ, системаи донишҳо ва ақидаҳо, ки дар таъсиррасониҳои мутақобила бо дигар омилҳо рушд менамояд, тасниф намудааст [137, С. 123].

Дар педагогикаи муосир мафҳуми "салоҳият" маҳорат, қобилият, сифатҳои шахсӣ, ҳамкорӣ, тафаккур ва арзишҳоро дар бар мегирад. Таснифоти гуногун имкон медиҳад, ки ин масъала аз нуқтаи назарҳои гуногун баррасӣ шавад.

Мафҳуми “салоҳият” на танҳо унсурҳои маърифатӣ ва амалиётиву технологӣ, балки унсурҳои ҳавасмандкунӣ, этикӣ, иҷтимоӣ ва рафториро низ фарогир аст. Он натиҷаи омӯзиш, системаи арзишҳо, одатҳоро дарбар мегирад. Салоҳият натанҳо дар раванди таҳсилот дар муассисаи таълимӣ,

балки зери таъсири оила, рафиқон, дин, фарҳанг ташаккул меёбад. Барои ҳар як салоҳият метавон сатҳҳои мухталифи рушдро ҷудо намуд.

Б.А. Райзенберг, Л.Ш. Лозовский, Е.Б. Стародубсева салоҳиятро ҳамчун маҷмуи ваколатҳо, ки мақомот ё шахс мувофиқи қонунҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, оиннома ва муқаррарот доро мебошад, тасниф намудаанд [110, С. 70].

Н.М. Борытко ва А.В.Хуторский салоҳиятро ҳамчун талаботи пешакӣ муайянгардидаи тайёрнамоии таълимии хонанда, хусусияти нақши ояндаи ӯ тасниф намудаанд [18, С. 132].

М.Минко салоҳиятро ҳамчун системаи донишҳо, маҳорат, қобилият, арзишҳо, ки барои иҷроиши самараноки фаъолияти асосӣ дар асоси нишондиҳандаҳои иҷроиши кор ва барои рушди шахсии доимӣ ва мукаммалгардонӣ тасниф намудааст [89, С. 23].

Мафҳуми “салоҳият” нисбат ба мафҳумҳои “дониш”, “малака” ва “таҷриба” васеъ аст, гарчанде мо оид ба салоҳият ва салоҳиятнокӣ ҳамчун маҷмуи умумии дониш, малака ва таҷриба ҳарф намезанем. Ин нуқтаро муҳаққиқони тоҷик М.Лутфуллозода ва Ғ. Бобизода баррасӣ намуда, қайд менамоянд, ки мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” дар забони тоҷикӣ нав нестанд, гарчанде доираи истифодаи ин мафҳумҳо маҳдуд гардида буд. Ба ҷои мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” аз мафҳумҳои “дониш”, “маҳорат” ва “малака” истифода мешуд. Аз ин хотир, баъзеҳо чунин мешумориданд, ки истифодаи мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” шарт нест, чунки мафҳумҳо маънои онро медиҳанд. Лекин доираи салоҳият ва салоҳиятнокӣ васеътар аст [82, С. 3].

Муҳаққиқони тоҷик М.Лутфуллозада ва Ғ. Бобизода тасниф намудаанд, ки: “Салоҳият ҳамчун ҷабидани дониш, маҳорату малака, таҷрибаи амалӣ, технологияи педагогӣ, маънавиёт ва фарҳанг, ки дар мустақилияти иҷтимоӣ - коммуникативӣ, ахбор, тафаккури интиқодӣ, таҳқиқотӣ, тафаккури эҷодӣ, эҳсос, арҷгузорӣ ва ғайра ифода мегардад” [82, С. 7-8].

Ҳамин тариқ, таҳлили мазмуну мундариҷаи мафҳуми “салоҳият” имконият медиҳад, ки се ҷузъи асосии он ба тариқи зайл муайян карда шавад:

*1. Доштани маҷмӯи муайяни дониш, малака ва маҳорат:* Ин асоси бунёдии салоҳият аст. Ин на танҳо дониши назариявӣ, балки малака ва малакаҳои амалӣ барои иҷрои вазифаҳои мушаххас зарур аст. Онҳо ҳамчун базаи иттилоотӣ ва абзоре хизмат мекунанд, ки шахс метавонад дар фаъолияти худ ба онҳо такя кунад. Ин ҷузъ ба саволи "Ман чиро медонам ва карда метавонам?" ҷавоб медиҳад. Аналогия асоси бино аст. Бе он бино вуҷуд дошта наметавонад.

*2. Сифатҳои шахсӣ ва ҳавасмандӣ:* Салоҳият танҳо маҷмӯи дониш ва малака нест. Он бо хислатҳои шахсии шахс, ба монанди масъулият, мутобиқшавӣ, муошират ва қатъият зич алоқаманд аст. Ин сифатҳо барои самаранок истифода бурдани дониш ва малакаҳои мавҷуда дар ҳолатҳои гуногун кӯмак мекунанд. Инҳо на танҳо малакаҳои «сахт», балки малакаҳои «нарм» мебошанд, ки муайян мекунанд, шахс дониш ва малакаи худро то чӣ андоза самаранок истифода мебарад. Онҳо ба мисли «семент» мебошанд, ки «хишт»-и донишу маҳоратро ба ҳам мепайвандад.

*3. Ҳавасмандӣ, қобилият ва омодагӣ ба иҷрои доираи муайяни корҳо дар асоси дониш, малака, қобилият ва сифатҳои шахсии мавҷуда:* Ин шояд ҷузъи муҳимтарин бошад, зеро на танҳо мавҷудияти донишу малака, балки майлу қобилияти дар амал истифода бурдани онҳоро нишон медиҳад. Он омодагии шахсро барои ба ӯҳда гирифтани масъулият ва иҷрои вазифаҳои мушаххас инъикос мекунад. Ин на фацат иктидор, балки ба кор бурдани вокеии ин потенциалро низ нишон медихад. Ин «таҳкурс»-ии бино аст, ки онро аз таъсири беруна эмин медорад ва тамомияти онро пурра мекунад.

Дар маҷмӯъ, амсилаи пешниҳодшуда салоҳиятҳо онро ҳамчун як низоми ягона пешниҳод мекунад, ки на танҳо донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ, балки сифатҳои шахсӣ ва ҳавасмандиро низ дар бар мегирад. Танҳо ҳамгироии ҳар се ҷузъ ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи салоҳияти ташаккулёфта дар соҳаи мушаххас сухан гӯем. Ҳар як ҷузъ муҳим аст ва бо дигарон алоқаманд буда, як тамоми ягонаро ташкил медиҳад. Набудани як ҷузъ тамоми низомро заиф мекунад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар як қатор таҳқиқотҳо мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” ҳамчун синоним баррасӣ карда шудаанд. Лекин, дар таҳқиқоти худ зарур мешуморем, ки мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” ҷудо карда шаванд. Мувофиқи таҳқиқотҳои А.С.Белкин, С.Е.Шишов ва Л.М.Сурков метавон муқаррар намуд, ки салоҳият - ин меъёрҳои пешниҳодшуда ба тайёр намудани мутахассис аст, ки барои фаъолият дар соҳаи муайян зарур аст. Салоҳият ҳамчун қобилият ва омодагии шахсият ба фаъолияти бомуваффақи маҳсулнок, ки дар донишҳо ва таҷриба асос ёфтааст, баррасӣ карда мешавад. Салоҳиятнокӣ бошад, ҳамчун сифатҳои аллакай ташаккулёфтаи шахсият, ҳамчун “барнома” фаҳмида мешавад, ки дар асоси он салоҳият рушд менамояд. Салоҳиятнокӣ нисбат ба салоҳият васеъ буда, маҷмуи сифатҳои шахсиро пешниҳод менамояд, ки аз таҷрибаи фаъолияти шахс дар соҳаи муайян бармеояд ва амалӣ гардидани салоҳиятро таъмин менамояд.

Муҳаққиқони тоҷик М.Лутфуллозода ва Ғ.Бобизода низ фарқияти байни мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ”–ро нишон дода, аз ҷумла қайд намудаанд, ки салоҳиятро ба омӯзгор сазовор медонанд, салоҳиятнокиро бошад омӯзгор дар асоси заҳматҳои зиёд, кӯшишу тамринҳо мунтазам ба даст меорад [82, С. 7-8].

Ғ.Бобизода, Д.Имомназаров, Ш.Исрофилниё, А.Байзоев дар дастури методии “Муносибати босалоҳият ба таълим” мафҳуми “салоҳият”-ро чунин тафсиф кардааед: “Салоят - маҷмуи дониш, малака ва маҳорати амалии ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, маърифатӣ; маҷмуи маҳорат дар асоси маърифат ва таҷриба; натиҷаи таҳсил, қобилияти истифода намудани дониш, малака ва маҳорат мебошад. Мафҳуми “салоҳиятнокӣ” ҳамчун қобилияти маҷмуии инсон, ки барои мустақилона истифода намудани унсурҳои мухталифи дониш, малака, маҳорат ва усули фаъолият дар ҳолатҳои муайян равона гардидааст” [91, С. 18-19].

Дар доираи илми педагогика пештар муносибатҳои илмӣ ҷой доштанд, ки мувофиқи онҳо “салоҳиятнокӣ” (ба даст овардан, мувофиқ будан) ҳамчун

илм ва таҷриба дар ин ё он соҳа, ҳамчун имкониятҳои шахсии мансабдори муайян, дониш ва таҷрибаи ӯ, ки имконият медиҳад дар коркарди доираи муайяни қарорҳо иштирок намояд ё масъаларо худ ҳал намояд, тасниф карда мешуд.

Л.Н.Давидов иброз кардааст, ки: “Салоҳиятнокӣ - мутобиқ будан, қобилият доштан, сатҳи маълумотнокӣ, қобилияти ҳалли вазифаҳо дар соҳаҳои мухталифи фаъолият дар асоси донишҳои назариявии азхудшуда мебошад” [34, С. 5-8]. М.А. Горюнов чунин таснифотро пешниҳод намудааст: “Салоҳиятнокӣ ҳамчун қобилияти шахсият дар ҳалли доираи васеи вазифаҳо; омодагии исботшуда ба фаъолият” [34, С.9]. А.В. Хуторский таъкид менамояд, ки: “Салоҳиятнокӣ ин доштани салоҳиятҳои мувофиқи инсон аст, ки муносибати шахсӣ ӯро ба он ва мавзуи фаъолият дарбар мегирад” [138, С. 170].

Салоҳиятнокӣ натиҷаи омӯзиш, системаи арзишҳо ва самтгириҳо, одатҳоро муттаҳид менамояд. Илова бар ин, фаҳмиши салоҳиятнокӣ на танҳо ҳамчун мавҷудияти дониш ва таҷриба, балки қобилияти истифодаи онҳо фаҳмида мешавад. Ҳамин тариқ, метавон таъкид намуд, ки мафҳуми “салоҳиятнокӣ” дар муайян намудани сатҳи касбияти инсон истифода гардида, салоҳиятнокии асосии мутахассисро пешниҳод менамояд.

Таҳлили муносибатҳои мухталифи муайяннамоии мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” имконият медиҳад, ки чунин хулосабарориҳо намуд:

- муҳаққиқон фаъолият, моҳияти салоҳият ва салоҳиятнокиро аз хусусиятҳои дониш ҷудо менамоянд;

- аксарияти муҳаққиқон ҳавасмандиро ҳамчун унсури таркибии салоҳиятнокӣ ҷудо менамоянд;

- муҳаққиқон дар асоси муайяннамоӣ ва баҳогузорӣ характери мураккаби салоҳият ва салоҳиятнокиро таъкид менамоянд.

Дар илми муосир, салоҳиятнокӣ ҳамчун маҷмӯи донишҳо, малакаҳо ва муносибатҳо муайян карда мешавад, ки имкон медиҳад шахс дар фаъолияти мушаххас муваффақ бошад. Салоҳиятнокӣ на танҳо дороии дониш аст, балки

қобилияти истифодаи он дониш дар шароити гуногун мебошад. Ин консепсия дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла таълим, идоракунӣ ва психологияи касбӣ татбиқ мешавад.

Мафҳуми салоҳиятнокӣ аксар вақт бо салоҳият алоқаманд аст, аммо ин ду мафҳум якхела нестанд. Салоҳият – ин қобилияти иҷрои вазифаҳои мушаххас аст, дар ҳоле ки салоҳиятнокӣ мафҳуми васеътар буда, дониш, малака ва муносибатҳои заруриро барои муваффақият дар фаъолият дар бар мегирад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки салоҳиятнокӣ ба муваффақияти касбӣ ва қаноатмандии корӣ таъсир мерасонад. Инчунин, салоҳиятнокӣ омили муҳими рушди шахсӣ ва касбӣ мебошад, зеро он ба шахс имкон медиҳад, ки ба тағйирот мутобиқ шавад ва мушкилоти навро ҳал кунад. Барои баланд бардоштани салоҳиятнокӣ, муҳим аст, ки дар раванди таълим ва таҷрибаомӯзӣ ба рушди дониш, малака ва муносибатҳо диққати ҷиддӣ дода шавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси муносибатҳои мухталифи таснифоти мафҳуми “салоҳият”, онро ҳамчун қобилияти шахсият дар амалӣ намудани салоҳиятнокӣ баррасӣ менамоем.

Л.Н.Давидов қайд менамояд, ки: “Салоҳият ин доираи масъалаҳое мебошад, ки нафаре бо онҳо ба таври мушаххас ва бо донистани кор ошно буда, дониш ва таҷрибаи амалӣ дар ин ё он соҳа дорад” [34,7].

Таҳлили манбаъҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки дар соҳаҳои психология ва педагогикаи муосир, масъалаи такмили салоҳиятҳои калидии хонандагон аз муносибати бисёрҷанба талаб мекунад. Ин муносибат метавонад хусусиятҳои ҳавасмандкунанда ва инфиродии салоҳияти калидиро дар бар гирад. Таъкид кардан бамаврид аст, ки салоҳияти калидӣ дорои хислати интегративӣ буда, бо динамизм ва гуногунҷанбагии худ фарқ мекунад, ки мураккабӣ ва гуногунии натиҷаҳои онро муайян менамояд.

Таҳлили таҳқиқоти педагогӣ имкон медиҳад ҷудо намудани ҷанбаҳои зерини салоҳияти калидӣ: дониш, малака ва маҳорат; омодагии маърифатӣ,

яъне қобилияти азхудкунии донишҳо ва малакаҳои ТИК; омодагии коммуникативӣ, яъне қобилияти ба роҳ мондани муошират бо забони модарӣ ё хориҷӣ; омодагии бунёдӣ, яъне қобилияти ҷустуҷӯи роҳҳои нави ҳалли мушкилот; дарки самтҳои асосии рушди соҳаи технологӣ дар мувофиқат бо равандҳои маънавӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ; сифатҳои устувор ва рушдкунанда, аз қабили масъулиятшиносӣ, мақсаднокӣ, ҷиддият ва тоқатпазирӣ.

Дар шароити имрӯза, салоҳияти калидӣ ҳамчун омили воқеии рақобатпазирӣ баромад мекунад. Бар асоси ақидаи олимон ва омӯзиши муносибатҳои мухталифи ин масъала, қайд кардан мумкин аст, ки рақобатпазирӣ ҳамчун қобилият, салоҳият - ин сатҳи баланди доштани ин ё он фаъолият, системаи донишҳо, қобилиятҳо ва малакаҳо, ташаккули ҷаҳони дохилии шахсият, аз ҷумла талаботҳо, муқаррарот, мотивҳои фаъолият ва тасаввурот дар бораи худ арзёбӣ мешавад.

Аксарияти муаллифон, ба монанди Г.Ю.Богдан, Г.А.Кручинин, Л.А. Шевтсова, Т.В. Паншин, масъалаи омодагии кадрҳои педагогӣ, ки қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар раванди таълим доранд, таҳқиқ намуда, мафҳуми омодагии касбиро истифода мебаранд. Онҳо қайд мекунанд, ки омодагии касбӣ на танҳо донишҳо ва малакаҳо, балки инчунин қобилияти татбиқи онҳоро дар амал дар бар мегирад.

Дар идомаи таҳқиқоти муосир, салоҳиятнокӣ ҳамчун ҷузъи муҳими раванди таълим ва рушди шахсият эътироф шуда, дар адабиёти илмӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Таъкид мешавад, ки салоҳиятнокӣ на танҳо дониш ва маҳоратро дар бар мегирад, балки қобилияти истифодаи ин донишҳоро дар шароитҳои гуногун ва ҳалли мушкилот, яъне "action competence" фароҳам меорад. Ин нукта махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии босуръати технологӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

Ғайр аз ин, дар таҳқиқоти педагогӣ диққати махсус ба рушди салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дода мешавад, ки ба хонандагон имкон

медиҳад дар ҷомеа самаранок фаъолият намуда, муносибатҳои солимро барқарор созанд. Салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ инчунин аз ҷониби ЮНЕСКО ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф эътироф шудааст.

Бо назардошти аҳамияти салоҳиятнокӣ дар таъмини рақобатпазирии шахс дар бозори меҳнат ва ҷомеаи муосир, таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимии ба рушди салоҳиятҳои асосӣ нигаронидашуда вазифаи муҳими муассисаҳои таълимӣ ва ниҳодҳои идоракунии маориф ба ҳисоб меравад. Ин раванд бояд бо назардошти хусусиятҳои миллии фарҳангӣ ва иқтисодии кишвар амалӣ гардад.

Мафҳуми "салоҳиятҳо" аз рӯи мазмуну мундариҷаи худ ба мафҳуми "тайёрӣ" наздик аст. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки як қатор муаллифон, ба монанди Г.А.Кручинин ва Т.В.Паншин омодагии касбиро ба фаъолият ҳамчун хусусияти устувори шахсият, маҷмуи умумӣ, ки аз унсурҳои ҳавасмандӣ, маърифатӣ, эҳсосотӣ иборат буда, ба талаботҳои фаъолият ҷавобгӯ мебошанд [68, С. 25].

Тайёрӣ вазъияти омодагии дониш, қобилият ва маҳоратро муайян мекунад, дар ҳоле ки салоҳиятнокӣ амалӣ намудани тайёрӣ дар фаъолият аст. Салоҳиятнокӣ татбиқи донишро дар амал дар бар мегирад. Омодагӣ ҳавасмандӣ, маърифат, эҳсосот ва иродаро таъмин мекунад, ки ин сифатҳо дар фаъолият ҷузъи салоҳиятнокӣ мешаванд. Дар сатҳи ақал хонанда бо мафҳумҳои иттилоотигардонӣ шинос аст, дар сатҳи миёна ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ равона шудааст, ва дар сатҳи олӣ донишҳои назариявӣ, методологӣ ва технологиро аз худ мекунад ва онҳоро дар фаъолият истифода мебарад [111, С. 32].

Дар раванди таълим, тайёрӣ асоси ташаккули салоҳиятнокӣ мебошад. Тайёрӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки бо маълумоти зарурӣ муҷаҳҳаз гардад, қобилиятҳои худро инкишоф диҳад ва малакаҳои амалиро аз худ намояд. Салоҳиятнокӣ дар навбати худ, имкон медиҳад, ки хонанда ин

дониш ва малакаҳоро дар амал татбиқ намуда, дар ҳалли масъалаҳои мушаххас муваффақ гардад.

Таъмини тайёрӣ на танҳо азхудкунии иттилоотро дар бар мегирад, балки инчунин ташаккули муносибати мусбат ба таълим, эҳсоси масъулият ва қобилияти кор дар гурӯҳро низ дар бар мегирад. Ин ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоӣ дар ташаккули салоҳиятнокӣ нақши муҳим мебозанд, зеро онҳо ба хонанда имкон медиҳанд, ки дар ҳолатҳои гуногун мутобиқ шавад ва мушкилотро самаранок ҳал намояд.

Дар шароити муосир, истифодаи ТИК дар таълим аҳамияти махсус пайдо мекунад. Хонандагоне, ки дар сатҳи ақал бо мафҳумҳои иттилоотигардонӣ шинос ҳастанд, метавонанд аз манбаъҳои гуногуни иттилоот истифода баранд ва дар ҷустуҷӯи маълумоти зарурӣ мустақил бошанд. Хонандагоне, ки дар сатҳи миёна ба истифодаи ТИК равона шудаанд, метавонанд бо истифода аз абзорҳои гуногуни электронӣ маълумотро коркард намуда, презентатсияҳо ва ҳисоботҳоро омода созанд.

Хонандагоне, ки дар сатҳи олӣ донишҳои назариявӣ, методологӣ ва технологиро аз худ мекунанд, метавонанд ТИК-ро барои ҳалли масъалаҳои мураккаб истифода баранд, моделҳои математикиро таҳия намоянд ва дар таҳқиқоти илмӣ иштирок кунанд. Ин гуна хонандагон на танҳо истеъмолкунандагони технология, балки офарандагони он низ мебошанд.

Ҳамин тариқ, тайёрӣ ва салоҳиятнокӣ ду ҷузъи муҳими раванди таълим мебошанд, ки ба таври мутақобила якдигарро пурра мекунанд. Тайёрӣ заминаи дониш ва малакаҳоро фароҳам меорад, дар ҳоле ки салоҳиятнокӣ имкон медиҳад, ки ин дониш ва малакаҳо дар амал татбиқ карда шаванд. Истифодаи самараноки ТИК дар таълим метавонад сатҳи тайёрӣ ва салоҳиятнокии хонандагонро ба таври назаррас баланд бардорад ва онҳоро барои фаъолияти муваффақона дар ҷомеаи муосир омода созад.

Дар намунаҳои амалкунандаи насли имрӯза салоҳияти асосии хатмкунанда ҳамчун маҷмуи салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ва асосӣ тасниф карда мешавад.

Салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ҳамчун сифати шахсияти хатмкунанда, салоҳиятҳои асосӣ ҳамчун қобилияти мутахассис дар соҳа тасниф карда мешавад. Дар шароити имрӯза, яке аз таснифотҳои паҳнгардидаи салоҳияти асосӣ қобилияти мутахассис дар ҳалли доираи муайяни вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

Маҷмуи салоҳиятҳои азхудшуда бо мафҳуми салоҳиятнокии асосӣ ҳамчун сифатҳои шахсии хатмкунанда - мутахассиси оянда интегратсия мешавад. Ин бо он исбот карда мешавад, ки дар сарчашмаҳои педагогӣ салоҳиятнокии асосӣ дар ду ҷанба ташхис карда мешавад: ҳамчун мақсади таҳсил, мақсади тайёрӣ; ҳамчун натиҷаҳои ҷорӣ, ки ҳолати мутахассис, ва фаъолияти касбии худро амалӣ менамояд, тасниф менамояд.

Аксарияти муаллифон қайд менамоянд, ки салоҳиятҳои асосӣ ҳамчун хусусияти интегралӣ ва серҷанбаи шахсияти мутахассис аст, ки сифати баланди фаъолияти меҳнатиро дар асоси донишҳо, қобилият ва донистани воситаҳои иҷроиши фаъолият таъмин менамояд. В.В.Сериков қайд менамояд, ки салоҳияти мутахассис бо хусусияти ихтисос алоқаманд аст, ки дар маҷмуъ ба донишҳои асосӣ заруранд. Чунин таснифоти салоҳиятнокӣ моҳияти онро дар қобилияти инсон дар истифодаи донишҳои илмӣ ва амалӣ нисбат ба фаъолияти асосӣ ифода менамояд [118, С. 272].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таснифоти нисбатан бомуваффақи салоҳиятнокии асосӣ, муайяннамоии зерин ба ҳисоб меравад: салоҳияти асосӣ - ин саъйу кӯшиш, омодагӣ ва қобилияти амалӣ намудани нерӯи худ барои фаъолияти маҳсулнок, бомуваффақ ва эҷодӣ аст. [125, С. 21-26].

Муаллифон салоҳиятнокиро ҳамчун системаи қобилиятҳо, донишҳо ва амалисозии интихоб дар вазъият таъкид мекунанд. Мутахассиси салоҳиятнок ба оянда нигаронида шуда, ба таҳсилоти мустақилона рӯй меорад. Салоҳиятнокӣ имрӯз амалӣ гашта, ба оянда равона шудааст [63, С. 98].

Дар ҷаҳони муосир салоҳиятнокӣ на танҳо маҷмӯи донишҳо, балки қобилияти татбиқи онҳо дар амал, дар шароитҳои тағйирёбанда ва номуайян мебошад. Ин қобилияти ҳалли масъалаҳои мураккаб, қабули қарорҳои

масъулиятнок ва пешгӯии оқибатҳои онҳоро дар бар мегирад. Мутахассиси салоҳиятнок доимо дар ҷустуҷӯи рушд ва такмили ихтисос аст, зеро ҷаҳон дигаргун мешавад ва донишҳои кӯҳна метавонанд нокифоя бошанд.

Салоҳиятнокӣ инчунин маънои қобилияти мутобиқ шудан ба шароитҳои нав, омӯхтани чизҳои нав ва татбиқи онҳо дар амалро дорад. Мутахассиси салоҳиятнок дорои тафаккури интиқодӣ буда, қодир аст ба вазъият аз нуқтаи назарҳои гуногун назар андозад ва қарорҳои худро асоснок намояд.

Дар ҷомеаи имрӯза салоҳиятнокӣ ба сифати асосии мутахассис арзёбӣ мешавад. Ширкатҳо ва ташкилотҳо ба кормандоне ниёз доранд, ки на танҳо донишҳои назариявӣ дошта бошанд, балки қобилияти татбиқи онҳоро дар амал, ҳалли мушкилот ва ба даст овардани натиҷаҳои мушаххас дошта бошанд. Мутахассисони салоҳиятнок ба ширкатҳо имкон медиҳанд, ки дар бозори рақобатпазир бартарӣ дошта бошанд ва ба ҳадафҳои худ бирасанд.

Хулоса, салоҳиятнокӣ маҷмӯи донишҳо, қобилиятҳо ва малакаҳоест, ки ба мутахассис имкон медиҳанд, ки дар вазъиятҳои гуногун самаранок амал намояд, мушкилотро ҳал кунад ва ба натиҷаҳои мушаххас ноил шавад. Салоҳиятнокӣ омили муҳими муваффақияти мутахассис дар ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад ва ба ӯ имкон медиҳад, ки дар фаъолияти касбӣ ва шахсӣ ба қуллаҳои баланд бирасад.

Муаллифон сифатҳои зарурии мутахассисони муосирро, аз қабили мустақилият, масъулият, ташаббускорӣ, қобилияти ҳалли мушкилот, истифодаи дониш дар вазъиятҳои нав, азхудкунии донишҳои нав ва қабули қарорҳоро қайд мекунанд. Илова бар ин, муҳимияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва ташаккули салоҳияти компютерӣ дар тайёр кардани мутахассисон таъкид мешавад.

Дар ҷаҳони муосир, ки бо суръати баланди тағйирот ва рақобати шадид тавсиф мешавад, мутахассисон бояд қодир бошанд, ки ба шароитҳои нав зуд мутобиқ шаванд, мустақилона фикр кунанд ва қарорҳои масъулиятнок қабул кунанд. Ин сифатҳо имкон медиҳанд, ки онҳо дар ҷои кор самараноктар бошанд ва ба рушди соҳаи худ саҳм гузоранд.

Масъулият яке аз сифатҳои муҳимтарини мутахассис аст. Шахси масъул барои рафтори худ ҷавобгар аст, вазифаҳои худро сари вақт ва босифат иҷро мекунад ва оқибатҳои қарорҳои худро дарк мекунад. Масъулият ба мутахассис имкон медиҳад, ки эътимоди ҳамкорон ва роҳбариятро ба даст орад ва дар коллектив мавқеи худро мустаҳкам намояд.

Ташаббускорӣ низ барои мутахассиси муосир аҳамияти калон дорад. Ташаббускорӣ ба мутахассис имкон медиҳад, ки потенсиали худро пурра амалӣ созад ва ба дастовардҳои назаррас ноил гардад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва салоҳияти компютерӣ дар шароити муосир барои мутахассисон ҳатмӣ аст. ТИК имкон медиҳад, ки мубодилаи иттилоот суръат бахшида, автоматикунонии равандҳои корӣ таъмин карда шавад ва дастрасӣ ба маълумоти зарурӣ осон гардад. Мутахассисе, ки салоҳияти компютерии хуб дорад, метавонад аз ин имкониятҳо самаранок истифода барад ва дар фаъолияти касбии худ ба натиҷаҳои беҳтарин ноил шавад.

Таҳлили таснифотҳои гуногуни салоҳиятнокии асосӣ имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои муҳими онро муайян созем:

*Истифодаи самараноки қобилиятҳо:* Ин маънои онро дорад, ки шахс бояд қобилияти худро барои таъмини самаранокии фаъолияти таълимӣ дуруст истифода барад.

*Такмили доимӣ:* Шахс бояд мустақилона ва пайваста сатҳи дониш, маҳорат ва қобилиятҳои худро такмил диҳад, то барои иҷрои вазифаҳои гуногун омода бошад.

*Мустақилият ва ҳалли мушкилот:* Ин ҷанба ба қобилияти шахс дар ҳалли мустақилонаи масъалаҳои таълимӣ ишора мекунад.

*Ҳамкорӣ:* Муҳим аст, ки шахс дар муҳити омӯзиш бо ҳамсинфон фаъолона ҳамкорӣ намояд ва масъалаҳои гуногуни таълимиро бо онҳо муҳокима кунад.

*Ҳамгиройӣ ва сафарбаркунӣ:* Шахс бояд қодир бошад, ки дониш, маҳорат, таҷриба ва қобилиятҳои худро барои ҳалли вазифаҳои муҳим муттаҳид ва сафарбар созад.

*Худтанзимкунӣ ва худбаҳодиҳӣ:* Рушди қобилияти худтанзимкунӣ ва худбаҳодиҳӣ ба шахс имкон медиҳад, ки ба вазъияти тағйирёбанда мутобиқ шавад.

Ҳамин тариқ, салоҳиятнокӣ ин маҷмӯи салоҳиятҳои асосӣ ва умумифарҳангӣ мебошад, ки ба амалӣ намудани фаъолияти асосӣ мусоидат намуда, самаранокии онро таъмин менамояд.

Мазмуну мундариҷаи мафҳум ва сохтори салоҳиятҳои аосӣ имконият медиҳад чунин шуморид, ки ташаккул ва инкишофи он дар раванди таълим ба миён меояд. Чунин муносибат марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои аосиро дар раванди маълумоти аосӣ муайян менамояд.

В.Д. Шадриков ва Э.Ф. Зеер чунин мешуморанд, ки азхудкунии фаъолият дар он маъно иловагӣ ба ҳисоб намеравад, ки дар аввал танҳо унсурҳои алоҳидаи он ташаккул меёбанд ва сипас унсурҳои дигари он ташаккул меёбанд [45, С. 6]. Мувофиқ ба ин консепсия фаъолият ба таври умумӣ шакл мегирад, лекин танҳо рушди як қатор унсурҳои он ба инкишофи дигар унсурҳо ва умуман система мусоидат менамояд.

Дар асоси консепсияи мазкур метавон қайд намуд, ки салоҳияти асосӣ ба таври мустақил бо истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ ва иттилоотӣ дар фанни алоҳида ташаккул намеёбад. Ташаккули салоҳиятҳои асосӣ, мукамаалгардии минбаъдаи он дар доираи тамоми фанҳо дар раванди таҳсилоти асосӣ бо назардошти алоқаҳои байнифаннӣ амалӣ мегардад.Чунин муносибат имконият медиҳад, ки марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи салоҳитяҳои асосӣ, бо назардошти он, ки рушди ҳар як унсури он дар давраи алоҳида боиси рушди унсурҳои дигари салоҳияти асосӣ мегардад, ҷудо намуд.

Дар асоси таҳлилҳо метавон марҳилаҳои зерини ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои асосиро ҷудо намуд:

- марҳилаи ташхисӣ: дар ин марҳила муайян карда мешавад, ки то чӣ андоза хонанда малакаҳои умумитаълимиро азхуд кардааст, ки барои азхудкунии салоҳиятҳои асосӣ заруранд. Инчунин, ҳавасмандӣ, арзишҳо ва ҳадафҳои таълимии хонанда ташхис карда мешаванд. Ғайр аз ин, хусусиятҳои фардии хонанда, ки ба самаранокии фаъолияти таълимӣ таъсир мерасонанд, муайян карда мешаванд;

- марҳилаи ангезавӣ-арзишӣ: дар ин марҳила ҳавасмандӣ ба гирифтани маълумоти асосӣ ташаккул ва рушд меёбад. Ҳамчунин, муносибати арзишӣ ва маънодор ба таълимоти асосӣ ташаккул меёбад, яъне хонанда бояд дарк кунад, ки чаро ин таълимот барои ӯ муҳим аст ва чӣ гуна он ба ҳаёти ӯ таъсир мерасонад;

- марҳилаи назариявӣ: ташаккули системаи донишҳо, маҳорати амалӣ, ки самаранокии салоҳиятҳои асосиро таъмин менамоянд;

- марҳилаи амалӣ: истифодаи дониш, маҳорат, амалҳо дар таълим ва ҳолатҳои таълимию асосӣ ва ғайримуқаррарӣ.

Қайд намудан зарур аст, ки ташаккули салоҳиятҳои асосӣ аз ташхис ва таҳлили донишҳо, маҳорат, қобилият ва инчунин талаботҳову имконияти хонанда оғоз мегардад. Номуваффақии хонанда дар азхудкунии салоҳиятҳо одатан аз сатҳи пасти ҳавасмандӣ, ҷой надоштани хоҳиши устувори бадастории малакаву маҳорати муайян бармеояд. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки ташаккули салоҳиятҳои асосӣ хонандагон аз системаи ҳавасу шавқмандӣ бармеояд.

Марҳилаи мундариҷавӣ ва амалӣ ба ташаккули системаи донишҳо, маҳорат, амалҳо дар доираи салоҳиятҳои мушаххаси ба фанни мушаххас дар асоси алоқаҳои байнифаннӣ равона карда шудаанд. Дар барномаҳои корӣ омӯзгорон ба донишҳо ва малакаҳои мавҷуда, ки дар марҳилаи тайёрии умумии таълимӣ ташаккул ёфтаанд ё ба дигар фанҳо такя намуда, алоқаи мавзуъҳои алоҳидаро нишон медиҳанд ва бо ин васила салоҳиятҳоро бо дигар фанҳо ташаккул менамоянд. Инчунин, дар барномаҳои корӣ муайян

карда мешавад, ки кадом донишҳо, малака, маҳорат бояд пас аз омӯхтани фанни мазкур ташаккул ёбанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар педагогика то ба имрӯз муносибат ва механизми ягонаи баҳогузории сатҳи ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии асосӣ пешниҳод нагардидааст. Як қатор муаллифон, ба монанди Н.В.Пахаренко ва И.Н.Золников, душворӣ ва мураккабӣ дар баҳогузории сатҳи ташаккули салоҳият дар он аст, ки салоҳият ҳамчун ҷамъи донишҳо ва маҳорату малакаи фаннӣ тасниф карда намешавад [98, С. 310].

Масъалаи муайян намудани нишондиҳандаҳои салоҳияти асосӣ ва сатҳҳои рушди он аз тарафи муаллифони мухталиф баррасӣ шудааст, ки боиси ташаккули муносибатҳои мухталифи омӯзиши масъалаи мазкур гардидааст. Дар ин самт метавон таҳқиқотҳои И.Ф.Исаев, Т.В.Макарова, А.А. Реанро махсусан қайд намуд, ки дар муайян намудани сатҳи ташаккули салоҳияти асосӣ аз нишондиҳандаҳои мухталиф истифода намудаанд.

Дар консепсияи В.Д.Шадрикова сатҳи ташаккули салоҳиятҳои асосро пас аз омӯзиши фанни алоҳида баҳогузорӣ намудан ғайриимкон аст, зеро дар доираи ин консепсия, омӯзиши як фан барои ташаккули унсурҳои дигари салоҳияти асосӣ ҳамчун замина баромад менамояд.

Л.Ф.Спирин механизми панҷзинавии баҳогузории ташаккули қобилият ва маҳорати касбиро пешниҳод менамояд: сатҳи токасбият, сатҳи азхудкунии ибтидоии маҳорат ва қобилият, сатҳи ташаккули маҳдуди қобилият ва маҳорат, сатҳи ташаккули кофии қобилият ва маҳорат, сатҳи соҳибии бомуваффақи амалҳои касбиву педагогӣ. О.В.Лебедева дар таҳқиқоти худ ҳаракати мутахассиси ояндаро дар раванди ташаккули салоҳияти асосӣ аз сатҳи эмпирикӣ то сатҳи эҷодӣ исбот намудааст.

Сатҳи эмпирикӣ сатҳи ҷамъи донишҳоро тасниф менамояд, лекин дар фаъолияти амалӣ, талаботи роҳбарият, тавсияҳо ва дастурамал дорои мустақилияти кофӣ нест. Инчунин дар сатҳи ибтидоӣ зоҳир намудани мустақилияти қобилияти таҳлил ва бунёди раванд мавҷуд набуда, дар ҳалли вазифаҳои таълимӣ-асосӣ ба асоснокнамоии назариявӣ такя карда мешавад.

Дар сатҳи бунёдӣ, мутахассиси оянда дарки мақсади амалҳои худро нишон медиҳад, натиҷаҳоро ба нақша мегирад, шароити иҷроиши амалҳоро интихоб менамояд, лекин тамоми амалҳоро дар асоси тавсияҳо иҷро менамояд. Дар сатҳи эҷодӣ бошад, хонанда ҳамчун бунёдгари мустақили раванд баромад менамояд, ки мустақилона қарор қабул намуда, дар фаъолияти амалӣ, аз он ҷумла дар фаъолият тамоми мушкилотҳои пайдошударо ҳал менамояд [86, С. 37-74].

Ҳамин тариқ, салоҳияти асосӣ, ҳамчун  сифати интегративии шахсии хатмкунанда мебошад, ки ба амалӣ намудани нерӯи худ дар фаъолияти асосӣ омода аст. Дар сохтори салоҳият мо унсурҳои ҳавасмандгардонӣ-арзишӣ, маърифатӣ, фаъолиятӣ, шахсиятӣ ва рефлексивиро ҷудо менамоем. Бо назардошти мавҷудияти тайёрииояндаи тахассусӣ метавон пешниҳод намуд, ки унсурҳои номбаршуда ба сохтори ноустувори салоҳият-мансубанд, унсури тағйирёбанда метавонад мундариҷаи ихтисос ва хусусиятҳои шахсии хонандаро пурра намояд.

Албатта, нишондиҳандаи муҳимтарини салоҳияти асосии хонанда қобилияти мустақилона ҳал кардани мушкилоте мебошад, ки бо шароити фаъолияти воқеӣ муайян карда шудааст. Самаранокии ташаккули салоҳияти асосӣ дар маҷмӯъ ва тамоми унсурҳои таркибии он бо мавқеи субъективии хонанда муайян карда мешавад, зеро фаъолнокӣ, ҳавасмандӣ, мутамарказии хонанда омили асосии муваффақият аст. Арзиши муайянкунандаи мавқеи субъективии хонанда дар таҳсилоти умумӣ фаъолияти мустақилонаи маърифатии хонанда мебошад. Фаъолсозӣ ва ҳавасмандкунии маърифатии мустақили хонандагон, пеш аз ҳама, дар доираи кори мустақилона самти афзалиятноки модернизатсияи раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ  мебошад.

Ҳар як навъи салоҳият қобилияти мутахассисро дар мустақилона гузоштан ва ҳалли вазифаҳои таълимӣ, маърифатӣ ва асосӣ тасниф менамояд. Мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд ба корҳои мустақилонаи хонандагон равона карда шавад,

зеро хонанда дар шароити имрӯза на танҳо бояд дорои маҷмӯи муайяни донишҳо, маҳорат ва малака бошад, балки ба мустақилона қабул намудани қарор, ба даст овардани донишҳои иловагӣ, дар раванди тамоми фаъолият минбаъда тайёр бошад.

Кори мустақилонаи хонанда ҳамчун асоси ташаккули салоҳияти асосии мутахассисони оянда баррасӣ карда мешавад. Дар стандартҳои давлатӣ нақши кори мустақилонаи хонандагон махсусан қайд карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки дар стандартҳои пешина кори мустақилонаи таълимӣ пас аз корҳои дуюминдараҷа ҳисобида мешуд, лекин дар стандартҳои имрӯза миқдори вақти фаъолияти мустақилона мувофиқ аст.

Ба миқдори зиёди таҳқиқотҳои педагогӣ оид ба мушкилоти ташкил ва мазмуну мундариҷаи корҳои мустақилонаи хонандагон муносибати ягонаи дидактикӣ ва ташкилии моҳияти ин раванд то ба имрӯз пешниҳод нагардидааст. Ба ин нигоҳ накарда нақш ва аҳамияти кори мустақилона дар тайёрнамоии мутахассисони оянда бузург аст.

Дар таҳқиқотҳои Н.В.Соловова ва О.Ю.Калмикова шаклҳо ва навъҳои мухталифи вазифаҳо барои корҳои мустақилонаи хонандагон пешниҳод карда мешавад. Муаллифон вазифаҳоро аз рӯи мақсадҳои дидактикӣ навъбандӣ намудаанд: азхудкунии донишҳо, мустаҳкам ва банизомдарории донишҳо, ташаккули маҳорат, ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокӣ.

Ба гурӯҳи аввали шаклҳои кори мустақилона муаллифон кор бо китобҳои дарсӣ, адабиёти иловагӣ, санадҳои меъёрӣ ва қонунгузорӣ, сабтҳои аудио ва видео, мақолаҳои касбиро дохил намудаанд. Ба хонандагон тартиб додани нақша, диаграмма, ҷадвали муқоисавӣ, корҳои ҷустуҷӯӣ бо захираҳои электронии иттилоотӣ ва захираҳои интернети пешниҳод карда мешавад.

Ба гурӯҳи дуюми вазифаҳо барои корҳои мустақилона оид ба мустаҳкам ва банизомдарории донишҳо чунин шаклҳои корҳои мустақилона пешниҳод карда шудааст: коркарди конспекти лексия, мақолаҳо; коркарди нақшаҳо, ҷадвалҳо, кроссвордҳо барои банизомдарории маводи таълимӣ; иҷро намудани вазифаҳои тестӣ; ҷавоб ба саволҳои назоратӣ; тартиб додани

номгӯи сарчашмаҳо, аз он ҷумла захираҳои электронӣ оид ба мавзӯи омӯзишӣ; кор бо барномаҳои компютерӣ ва ғайраҳо.

Ташаккули малакаҳо дар ҷараёни кори мустақилона ҳангоми иҷрои вазифаҳо ва машқҳои сатҳҳои гуногуни мураккабӣ имконпазир аст; сохтани ҷадвалҳо, нақшаҳо, диаграммаҳо; иҷрои корҳои ҳисоббарорӣ ва графикӣ; омода кардани рӯзнома, муаррифии электронӣ, вебсайт, намоиши телевизионӣ, намоишгоҳ; татбиқи лоиҳаҳо, тарҳҳо; тартиб додани ёддоштҳо, тавсияҳо, маслиҳатҳо, рамзҳо, шарҳҳо ва ғайра.

“Ташаккули салоҳиятҳо дар раванди корҳои мустақилонаи хонандагон, дар ҳолати иҷроиши вазифаҳои зерин имконпазир аст: навиштани эссе; тартиб додани хабарҳои мавзуӣ ба семинар, гузориш дар конференсия; иҷро намудани рефератҳо; ҳалли вазифаҳои таълимӣ; иштирок дар бозиҳои мухталиф; иштирок дар конфронсҳои омӯзишӣ ва илмиву таълимӣ; лоиҳакашӣ ва моделсозии навъҳои гуногуни фаъолияти асосӣ, корҳои таҷрибавӣ; таҳлили мунтазами инъикос намудани малакаи асосӣ тавассути барномаҳои аудио, видео ва таҳлили компютерии семинарҳои электронӣ; таҳияи лоиҳаҳо ва мақолаҳо” [64, С. 88].

“Хонандаи салоҳиятнок ин на танҳо хонандаест, ки воситаҳои фаъолияти асосиро медонад ва истифода менамояд, ин ҳамон нафарест, ки ба ҳалли мустақилонаи проблемаҳо дар шароит ва вазъияти нав омода аст, дар ин самт имкониятҳои мухталифро дар ҷустуҷӯи мушкилот ва тақвияти илмӣ истифода менамояд” [46, С. 45].

Ҳамин тариқ, метавон як қатор идеяҳоро таъкид намуд, ки ба ташаккули самараноки салоҳият мусоидат менамоянд ва имконият медиҳанд, ки мақсадҳои зерин ба даст оварда шаванд:

- интегратсияи натиҷаҳои мухталифи таълим ва худомӯзӣ дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта;
- ташаббускорӣ, худинкишофёбӣ, худназоратнамоӣ;
- самтгирӣ ба дурнамои мақсадҳои шахсӣ.

Мувофиқи ин идеяҳо шароити психологӣ ва дидактикии ташаккули салоҳиятҳои умумӣ ҷудо карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки ин шароитҳо ташаккул ва инкишофи тамоми унсурҳои салоҳиятро дарбар мегиранд.

Ба шароити психологии ташаккули салоҳиятҳои умумӣ, пеш аз ҳама, ҳавасмандии хонанда нисбат ба азхудкунии салоҳиятҳо дохил мешавад. Маҳз ҳавасмандӣ ҳамчун талаботи даркгардидаи шахсият фаъолнокии ӯро дар ин раванд таъмин менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки ҳавасмандӣ ба ҳар як марҳилаи ташаккули салоҳиятҳо аз нуқтаи назари шахсӣ бармеояд.

Арзиши шахсӣ ё касбии салоҳият доштан яке аз ангезаҳои дохилии маънофар ба ҳисоб меравад, ки ба бадастории натиҷаи дилхоҳ дар фаъолияти муайян мусоидат менамояд. Дар аввал аҳамияти шахсӣ ё касбии ташаккули салоҳияти мушаххасро дар фаъолияти таълимӣ омӯзгор шарҳ медиҳад, сипас ин амалро бояд худи хонандагон ба сомон расонанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ангезандаи аҳамияти касбии донишҳо ва воситаҳои фаъолият бартарӣ дорад. Махсусан, аҳамияти қобилият ва маҳорати иттилоотӣ бузург аст, зеро онҳо барои ҳар як навъи фаъолият зарур ва ҳатмӣ ба ҳисоб меравaнд.

Раванди ташаккули салоҳиятҳоро ҳамчун падидаи ягонаи педагогӣ баррасӣ намуда, шароити дидактикии ташкили раванди ташаккули салоҳиятҳоро муайян менамоем:

- мақсадгузории салоҳиятиву самтгирӣ: бо мақсади таълими фан бояд мақсади ташаккули салоҳиятҳои умумӣ ворид карда шавад;

- коркарди барномаи ташаккули салоҳиятҳо, ки мазмуну мундариҷаи он бояд вариантивӣ ва гуногунсатҳа бошад;

- диққати асосӣ ба ташаккули салоҳиятҳои алоҳида аз таркиби салоҳиятҳои умумӣ дар омӯзиши фанҳои мушаххас бояд бо назардошти хусусияти соҳа ба роҳ монда шавад;

- дар қисмати тартиботӣ бояд ба кори мустақилонаи хонандагон ва методҳои фаъоли таълим – методҳои проблемавӣ, гуфтугӯӣ ва ҷустуҷӯӣ диққат дода шавад;

- бунёди муҳити иттилоотии таълим, ки барномаи ташаккули салоҳият, хазинаи китобхонавӣ, шабакаи дохилӣ, захираҳои шабакавии интернетро муттаҳид менамояд, мақсаднок аст;

- коркарди нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои ташаккули салоҳиятҳои умумӣ барои тасҳеҳи раванд ва муайян намудани самаранокии он зарур аст.

Дар раванди ташаккули салоҳияти касбии хонанда шароити педагогӣ муҳим ба ҳисоб меравад. Хусусияти мафҳуми “шароити педагогӣ” дар он зоҳир мегардад, ки он тамоми унсурҳои раванди таълим ва тарбия - мақсад, мазмуну мундариҷа, методҳо, шакл ва воситаҳоро дарбар мегирад.

В.И.Андреев чунин мешуморад, ки: “Шароити педагогӣ ин ҳолати раванди таълим, ки натиҷаи интихоби мақсаднок, бунёд ва истифодаи унсурҳои мундариҷавӣ, методҳо ва инчунин шаклҳои ташкилии таълим барои бадастории мақсадҳои муайяни дидактикӣ аст,  ба ҳисоб меравад. Шароити педагогӣ - ин шарти зарурӣ аст, ки бевосита раванди таълимро таъмин менамояд” [6, С. 58].

Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ-педагогӣ ва таҳлили амалияи раванди таълим, шароитҳои педагогӣ, ки раванди ташаккули салоҳияти асосии хонандагонро таъмин менамояд, муайян карда шудаанд. Яке аз шароитҳои муҳими педагогӣ - истифодаи технологияи таълими модулӣ ба ҳисоб рафта, омили калидии ташаккули мутахассиси рақобатпазир ба мебошад.

Таҳсилоти модулӣ ин системаи машғулиятҳои таълимӣ-амалӣ ба ҳисоб меравад, ки дар асоси принсипҳои ҳамгироӣ бунёд гардида, имконияти бадастории ташаккули салоҳияти хонандагонро бо сарфи ками саъйу кӯшиши ҷисмонӣ ва психикӣ аз ҳисоби чандирии ташкил намудани раванди таълимӣ ва таъминоти методии он таъмин менамояд.

Модули таълимиву методӣ дар ҷанбаи ташкилӣ аз бахшҳо иборат аст: бахши даромад, бахши иттилоот, бахши умумӣ, бахши баромад. Ҳар як бахш

дорои мазмуну мундариҷа ва таъиноти худ мебошад. Дар натиҷаи назорат омӯзгор ҷадвали ҷамъбастии камбудиву норасоиҳои таълимиро тартиб медиҳад ва бо хонандагон корҳои инфиродӣ ва машваратиро муайян менамояд.

Чунин муносибат имконият медиҳад, ки мушкилоти таълимӣ ошкор карда шаванд, ки ба таври мусбӣ ба сифати дониш ва муваффақият таъсир расонида, имконият медиҳад, ки раванди ташаккули салоҳиятҳои умумӣ махсус идора карда шавад. Чӣ тавре ки қайд намудем, шаклҳои инфиродӣ ва машваратии кор ҷудо карда мешавад. Дар машваратҳо омӯзгор ҳаҷми вазифаҳои таълимиро, ки хонандагон бояд иҷро намоянд, хабар медиҳад.

Унсури дигар - бахши иттилоотӣ ба ҳисоб меравад, ки асоснокнамоии идеяи асосии модули таълимӣ-методӣ, муайян намудани мақсади фаъолияти таълимӣ аз тарафи хонанда дар доираи мақсади ҳамгироишуда, гузориши мушкилотӣ таълимӣ, бунёди вазъияти проблемавӣ, муайян намудани сатҳи даркнамоии назариявии хонандагон, ислоҳи раванди таълимиро дарбар мегирад. Дар доираи ин унсур чунин шаклҳои кор, ба монанди лексияҳои хулосавӣ, шаклҳои инноватсионии машғулиятҳо, машваратҳои мавзуӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Бахши иттилоотӣ бо назорати ҷорӣ ба итмом мерасад, ки мақсади он санҷиши сатҳи назариявии дарки вазъияти проблемавӣ аз ҷониби хонанда ба ҳисоб меравад. Камбудиҳои ошкоргардида дар назария ба ҷадвали ташхисӣ бо назардошти ислоҳи раванди таълимӣ дар бахши умумӣ ворид карда мешавад, инчунин корҳои мустақилонаи инфиродии хонандагон нисбати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта пешниҳод карда мешавад.

Дар бахши умумӣ баромад ба сатҳи амалӣ, ҳалли мушкилот, дарки эҷодии шахсии мушкилот, ворид намудани он ба асоси таҷрибаи хусусии субъект, ташаккули салоҳиятҳои калидӣ амалӣ мегардад. Дар ин бахш шаклҳои зерини кор истифода карда мешаванд: корҳои мустақилонаи эҷодии хонандагон, фаъолияти амалӣ, семинарҳо, корҳои лабораторӣ, корҳои амалӣ дар истеҳсолот, тренингҳо. Дар ин марҳила мақсади асосӣ - ҷалби ҳар як

хонанда ба ҷустуҷӯи фаъоли эҷодии ҳалли мушкилот ҷамъи тамоми корҳои пешина, самтгирии он ба бунёди маҳсули мушаххаси эҷодӣ ва истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад.

Шакли фаъоли ташаккули салоҳиятҳо дар доираи ин марҳила корҳои лоиҳавӣ ба ҳисоб меравад. Корҳои лоиҳавӣ ба хонандагон имконияти зоҳир намудани донишҳоро дар бунёди лоиҳаи мушаххас пешниҳод карда, онҳоро дар ҳалли мустақилонаи мушкилотӣ пайдошуда мусоидат менамояд.

Бахши мазкур бо назорати ҷорӣ ба итмом мерасад, ки мақсади он дар санҷиши сатҳи амалии азхудкунии мушкилот зоҳир мегардад. Дар ин марҳила ба хонандагон корҳои амалӣ пешниҳод карда мешавад, ки баҳогузории онҳо имконият медиҳад, ки сатҳи ташаккули салоҳиятҳои муайян карда шавад.

Назорати охирин аз назорати ҷамъбастӣ ва ҳисобот иборат аст. Ин як навъ рафтори коллективонаи натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ, таҳлили дастовардҳо ва камбудиҳо, инчунин вақти хубтаҳлилнамоии ҳар як хонанда ба ҳисоб меравад.

Дар бахши баромад ҷадвали ташхисии сатҳи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон тартиб дода мешавад. Чунин муносибат ба хонандагон ва омӯзгорон имконият медиҳад, ки раванди ташаккули салоҳиятҳоро мушоҳида намоянд. Дар мундариҷаи ин технологияи педагогӣ шаклҳои мухталифи фаъол ва методҳои таълим таҷассум ёфтаанд.

Шароити дигари педагогӣ - муносибати ҳавасмандиву арзишии хонандагон-хонандагони оянда оянда ба фаъолияти мустақили таълимиву маърифатӣ дар раванди омодагӣ ба ҳисоб меравад. Амалӣ намудани ин шароити педагогӣ дар ташкил намудани намоишҳо, ки дар онҳо саҳмгузориҳо, дастовардҳо, натиҷаи фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон; ташкил ва гузаронидани озмунҳои маҳорат дар байни хонандагон ифода мегардад.

Муносибатҳои устувори ҳавасмандиву арзишии хонандагон ба фаъолияти мустақилонаи таълимиву маърифатӣ дар раванди тайёрӣ бо саъйу

кӯшиш ба азхудкунии дониш ва таҷриба, хоҳиши машғул шудан ба фаъолият дар оянда, худинкишофдиҳӣ, мукаммал намудани маҳорат ва малака тасниф карда мешавад.

Баланд бардоштани салоҳиятнокии омӯзгорон шароити дигари педагогӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз воситаҳои баланд бардоштани салоҳиятнокии касбиву методии ҳайати омӯзгорон оид ба ташаккули салоҳиятҳои асоси хонандагон ворид намудани технологияҳои самараноки баҳогузории омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Дар ин самт барои баҳодиҳӣ иштироки омӯзгорон дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, дастовардҳои хонандагон, маҳорати педагогӣ ва методӣ, системаи маҷмуаҳои таълимиву методӣ ва дастовардҳои омӯзгор истифода шуданд.

Барои баҳодиҳӣ ба иштироки омӯзгорон дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, дастовардҳои хонандагон, маҳорати педагогӣ ва методӣ, системаи маҷмуаҳои таълимиву методӣ ва дастовардҳои омӯзгор истифода шуданд. Ин меъёрҳо имкон медиҳанд, ки сатҳи касбият ва саҳми ҳар як омӯзгор дар рушди муассисаи таълимӣ ба таври ҳаматарафа муайян карда шавад. Раванди баҳодиҳӣ мунтазам гузаронида шуда, натиҷаҳои он барои такмили фаъолияти омӯзгорон ва баланд бардоштани сифати таълим истифода мешаванд.

Хулоса, дар шароити имрӯза, дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим, масъалаи таснифоти мафҳумҳои “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” ба миён омадааст. Салоҳият ҳамчун қобилият ва омодагии шахсият ба фаъолияти бомуваффақи маҳсулнок, ки дар донишҳо ва таҷриба асос ёфтааст, баррасӣ карда мешавад. Салоҳиятнокӣ бошад, ҳамчун сифатҳои аллакай ташаккулёфтаи шахсият, ҳамчун “барнома” фаҳмида мешавад, ки дар асоси он салоҳият рушд менамояд. Салоҳиятнокӣ нисбат ба салоҳият васеъ буда, маҷмӯи сифатҳои шахсиро пешниҳод менамояд, ки аз таҷрибаи фаъолияти шахс дар соҳаи муайян бармеояд ва амалӣ гардидани салоҳиятро таъмин менамояд.

Дар психология ва педагогикаи муосир масъалаи мукаммал намудани салоҳиятҳои асосии хонандагон муносибати гуногунсамтаро талаб менамояд.

Салоҳият хусусияти интегративӣ дошта, динамика ва гуногунмаъногии он мураккабӣ ва мухталиф будани натиҷаи онро муайян менамояд. Ташаккули салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ва асоси хонандагон аҳамияти таҳқиқи назариявӣ ва амалиро доро мебошад.

Салоҳият омили рақобатпазирӣ, мобилият ва сатҳи баланди фаъолият буда, системаи донишҳо, қобилият ва маҳорат, ташаккули ҷаҳонии дохилии шахсиятро дар бар мегирад. Салоҳият ҳамчун хусусияти интегралӣ ва серҷанбаи шахсияти мутахассис сифати баланди фаъолияти меҳнатиро дар асоси донишҳо, қобилият ва донистани воситаҳои иҷроиши фаъолият таъмин менамояд.

Ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар доираи тамоми фанҳо дар раванди таҳсилоти умумӣ бо назардошти алоқаҳои байнифаннӣ амалӣ мегардад. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои асосӣ ҷудо карда шавад.

Дар қаринаи таҳсилоти муосир, салоҳиятҳо на танҳо маҷмӯи донишҳо ва малакаҳо, балки қобилияти истифодаи онҳо дар шароитҳои гуногуни ҳаётӣ ва касбӣ мебошанд. Таъкид ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар барномаҳои таълимӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳсилот набояд танҳо ба азхудкунии иттилоот маҳдуд шавад, балки бояд фардро барои муваффақият дар ҷаҳони мураккаб ва зудтағйирёбанда омода созад.

Дар раванди ташаккули салоҳиятҳои асосӣ, муҳим аст, ки усулҳои фаъоли таълим истифода шаванд, ки хонандагонро ба ҳалли мушкилоти амалӣ ҷалб мекунанд. Ин усулҳо метавонанд дар бар гиранд корҳои лоиҳавӣ, таҳлили ҳолатҳо, бозиҳои нақшӣ ва дигар шаклҳои ҳамкорӣ, ки ба хонандагон имкон медиҳанд донишҳои худро дар амал татбиқ намуда, малакаҳои ҳалли мушкилотро инкишоф диҳанд.

Ташаккули салоҳиятҳои умумифарҳангӣ, аз қабили муошират, ҳамкорӣ, худтанзимкунӣ ва масъулиятнокӣ, дар тамоми фанҳои таълимӣ муҳим аст. Ин салоҳиятҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки дар гурӯҳҳо кор кунанд,

фикру ақидаҳои худро баён кунанд, мушкилотро ҳал намоянд ва барои қарорҳои худ масъулият дошта бошанд.

Бо дарназардошти аҳамияти салоҳиятҳои асосӣ дар таҳсилоти муосир, омӯзгорон бояд дар ин самт омода бошанд. Ин омодагӣ бояд фаҳмиши амиқи назарияи салоҳиятҳо, малакаҳои истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва қобилияти арзёбии ташаккули салоҳиятҳои хонандагонро дар бар гирад. Илова бар ин, муҳим аст, ки омӯзгорон худашон намунаи салоҳиятнокӣ бошанд ва барои рушди касбии худ пайваста кӯшиш кунанд.

## 1.2. Хусусиятҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳо дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ

Имрӯз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба рушди ҷомеа таъсири калон мерасонанд ва дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон ҷорӣ шудаанд. Онҳо ҷараёнҳои иттилоотиро дар ҷомеа паҳн мекунанд ва фазои глобалии иттилоотиро ташаккул медиҳанд. Компютеркунонии таҳсилот як қисми муҳими ин равандҳост, аммо хонандагон асосан технологияҳои иттилоотиро барои вақтхушӣ истифода мебаранд, ки ангезаҳои маърифатӣ ва таълимӣ дар ҷои аввал нестанд.

Дар шароити муосир, истифодаи самараноки ТИК дар раванди таълим зарурати муҳим ба ҳисоб меравад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҷорӣ намудани ТИК ба таври назаррас метавонад сифати таълимро баланд бардорад ва шавқу ҳаваси хонандагонро нисбат ба омӯзиш зиёд намояд. Аммо, мушкилоти асосӣ дар он аст, ки аксарияти хонандагон ТИК-ро на ҳамчун воситаи таълим, балки ҳамчун василаи фароғат истифода мебаранд.

Барои ҳалли ин мушкилот, зарур аст, ки усулҳои таълим таҷдиди назар карда шаванд ва ба истифодаи ТИК дар раванди таълим диққати ҷиддӣ дода шавад. Масалан, истифодаи платформаҳои таълимии интерактивӣ, барномаҳои таълимии мултимедиявӣ ва захираҳои онлайнии таълимӣ метавонад раванди омӯзишро ҷолибтар ва самараноктар гардонад. Ғайр аз ин, омӯзгорон бояд малакаҳои заруриро барои истифодаи самараноки ТИК дар

раванди таълим дошта бошанд ва ба хонандагон дар ин самт роҳнамоӣ кунанд.

Ҳамзамон, муҳим аст, ки масъалаи бехатарии иттилоотӣ ва истифодаи дурусти ТИК дар байни хонандагон таблиғ карда шавад. Хонандагон бояд дарк кунанд, ки ТИК на танҳо воситаи фароғат, балки инчунин манбаи иттилооти муҳим ва воситаи муошират аст. Аз ин рӯ, онҳо бояд истифодаи масъулона ва бошууронаи ТИК-ро омӯзанд.

Дар ҷамъбаст, бояд қайд кард, ки ТИК дорои потенсиали бузург барои рушди соҳаи таҳсилот аст. Аммо, барои истифодаи самараноки ин потенсиал, зарур аст, ки муносибати хонандагон ва омӯзгорон нисбат ба ТИК тағйир дода шавад ва дар раванди таълим ба истифодаи он диққати ҷиддӣ дода шавад. Фақат дар ҳамин сурат мо метавонем аз имкониятҳои ТИК барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва омода намудани насли наврас ба зиндагӣ дар ҷаҳони рақамӣ самаранок истифода барем.

Сабаби вазъият дар он аст, ки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълим ба таври зарурӣ истифода намешаванд, зеро дониш ва салоҳияти омӯзгорон паст аст ва онҳо намехоҳанд методикаи куҳнаро бо технологияҳои нав иваз кунанд. Аксарияти омӯзгорон бо технологияҳо шинос нестанд ва оиди истифодаи онҳо дар таълим тасаввурот надоранд. Технологияи иттилоотӣ маҷмуи фанҳои илмӣ ва технологӣ, методҳои ташкили самараноки меҳнат, техникаи ҳисоббарор, муқаррароти амалӣ, инчунин мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад [43].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳо, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) дар таълим на танҳо як имконият, балки як зарурат аст. Ин технологияҳо имкон медиҳанд, ки раванди таълим ҷолибтар, самаранoктар ва мувофиқ ба талаботи замон гардад. Аммо, мушкилоти асосӣ дар он аст, ки на ҳамаи омӯзгорон бартариҳои ин технологияҳоро дарк мекунанд ва ё малакаи истифодаи онҳоро надоранд.

Барои бартараф намудани ин мушкилот, зарур аст, ки омӯзгорон ба таври мунтазам донишу малакаи худро дар самти ТИК такмил диҳанд. Ин метавонад тавассути курсҳои омӯзишӣ, семинарҳо, тренингҳо ва дигар шаклҳои таълим сурат гирад. Инчунин, муҳим аст, ки дар муассисаҳои таълимӣ шароит барои истифодаи ТИК фароҳам оварда шавад, аз ҷумла таъмини компютерҳо, интернет ва дигар таҷҳизоти зарурӣ.

Дар таълим маҳсулоти гуногуни барномавӣ, аз қабили редакторҳои матнӣ, ҷадвалҳои электронӣ ва системаҳои коршиносӣ истифода мешаванд. Технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба раванди таълим ворид шуда, муносибати махсусро талаб менамоянд ва барои мутобиқсозии мақсадҳо ва вазифаҳо таҳқиқотҳои илмӣ гузаронидан зарур аст.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ самаранокии таълимро таъмин намуда, ба тайёр намудани мутахассисони баландихтисос мусоидат мекунад. Воситаҳои мултимедӣ ва сомонаҳо барои иҷрои вазифаҳо истифода шуда, ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагон таъсир мерасонанд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълим аз ҷониби олимон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, имконият медиҳад раванди омӯзиш шавқовар ва самаранок гардад. ТИК дастрасии осон ба маълумотро фароҳам оварда, платформаҳои онлайнӣ ва низомҳои идоракунии таълим (НИТ) мубодилаи мавод, санҷиши вазифаҳо ва ҳамкории омӯзгорон бо хонандагонро таъмин мекунанд. Омӯзгорон бояд технологияҳоро ҳамчун воситаи дастгирӣ истифода баранд ва хонандагонро аз хатарҳои эҳтимолӣ огоҳ созанд.

Истифодаи ТИК як ҷузъи раванди таълими муосир буда, бояд бо усулҳои анъанавӣ муттаҳид карда шавад. Масъалаи фаъолгардии раванди таълим дар доираи истифодаи ТИК аз тарафи В.Г.Афанасев ва дигарон таҳқиқ шудааст. ТИК имкониятҳои маърифатӣ ва тадқиқотиро тақвият медиҳад ва мубодилаи иттилоотро ба роҳ мемонад.

Фаъолияти таълимӣ бо ТИК аз унсурҳое иборат аст, ки вазифаи таълимӣ, системаи амалҳои таълимӣ, моделсозии мундариҷа, тағйир додани

тарҳ, худбаҳодиҳӣ ва назоратро дар бар мегиранд. Дар ин раванд, ҳавасмандгардонӣ муҳим аст. Сохтори ҳавасмандӣ марҳилаҳоро дар бар мегирад: ҷалби таваҷҷӯҳ, мушаххас кардани масъалаҳо, интихоби роҳи ҳал ва арзёбии амалҳо.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, татбиқи ТИК дар раванди таълим на танҳо як тамоюл, балки зарурати мубрам ба ҳисоб меравад. Истифодаи технологияҳои муосир имкон медиҳад, ки таълим ба талаботи замон мутобиқ гардонида, сатҳи дониши хонандагон ва малакаҳои касбии онҳо баланд бардошта шавад. Таҳқиқоти гузаронидаи олимон, аз ҷумла А.В. Хуторской, нишон медиҳанд, ки истифодаи самараноки ТИК дар таълим ба афзоиши ҳавасмандӣ ва фаъолнокии хонандагон мусоидат мекунад.

Нақши омӯзгор дар ин раванд низ тағйир меёбад. Ӯ на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки роҳнамо ва ҳамоҳангсози раванди таълим мегардад. Омӯзгор бояд қодир бошад, ки ТИК-ро ба таври самаранок истифода барад, манбаъҳои заруриро ҷустуҷӯ намояд ва ба хонандагон дар интихоби иттилооти дуруст кумак расонад. Ҳамзамон, омӯзгор бояд аз хатарҳои эҳтимолии марбут ба истифодаи ТИК, аз қабили вобастагии аз ҳад зиёд ба технология, паҳншавии маълумоти нодуруст ва ғайра огоҳ бошад.

Истифодаи ТИК дар таълим бояд ба таври мутавозин ва мувофиқ ба мақсад амалӣ гардад. Он набояд ҷойгузини усулҳои анъанавии таълим шавад, балки онҳоро такмил диҳад ва ғанӣ гардонад. Муҳимияти ин ҷанбаро В.П. Беспалко қайд кардааст, ки муътақид аст, ки истифодаи технологияҳо бояд ба эҳтиёҷоти мушаххаси таълимӣ ҷавобгӯ бошад ва ба рушди шахсияти хонанда равона карда шавад.

Ниҳоят, истифодаи ТИК дар таълим як раванди мураккаб ва бисёрҷанба буда, тақозо мекунад, ки омӯзгорон дониши амиқи назариявӣ ва малакаҳои амалии истифодаи технологияҳои муосирро дошта бошанд. Танҳо дар ин сурат метавон аз имкониятҳои фарохи ТИК барои баланд бардоштани сифати

таълим ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ба таври самаранок истифода кард.

Иттилоотигардонии таҳсилот яке аз самтҳои афзалиятноки раванди иттилоотигардонии ҷомеа ба ҳисоб меравад, ки ба сифат ва сатҳи тайёрии мутахассисони оянда, ба ҷанбаҳои методӣ ва ташкилии истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ талаботи навро пешниҳод менамояд. Иттилоотигардонии фазои таълимӣ бо риояи талабот ва технологияҳои педагогӣ метавонад ба таври назаррас ба самаранокии раванди педагогӣ, ки ба рушди шахсият ва тафаккури эҷодӣ равона гардидааст, таъсир расонад.

Дар шароити компютеркунонии таҳсилот дар раванди таълим боз як иштирокчии дигар - компютер пайдо мешавад, ки бо таъминоти барномавии зарурӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Сатҳи фарҳанги иттилоотии хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёна ин қобилияти кор кардан бо иттилоот дар компютер бо истифодаи метод ва воситаҳои муосир ба ҳисоб меравад.

Зарурати ташаккули мутахассисони сатҳи зарурии тайёрӣ ба тағйир ёфтани мазмуну мундариҷа ва технологияи таълими мутахассисон ба ташаккули салоҳиятҳои умумифарҳангӣ оварда расонид. Дар шароити муосир муносибати босалоҳият ба сифати яке аз муқаррароти муҳими консептуалӣ таҷдиди мазмуну мундариҷаи таҳсилот баррасӣ карда мешавад.

Муносибати босалоҳият ин самтгирии афзалиятнок ба мақсад - омӯзиш, худмуайяннамоӣ, рушди фардият ба ҳисоб меравад. Салоҳиятнокӣ, дар фарқият аз дониш, дорои характери амалкунӣ, амаливу самтгирӣ мебошад, яъне салоҳиятнокӣ ин маҷмуи донишҳо дар амал мебошад [45, С.23-30].

Мутахассиси оянда бояд ба истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ омода бошад. Дар раванди тайёр гардидан дар муассисаи таълимӣ хонанда бояд салоҳиятҳои мувофиқро аз худ намояд. Дар асоси таҳлилҳо, ба салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ҷанбаҳои зеринро ворид намуд: қобилияти истифодаи донишҳо дар бораи тасвири муосири табиатшиносии

ҷаҳонӣ дар фаъолияти таълимӣ истифодаи усулҳои коркарди математикии иттилоот, таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ; омодагӣ ба истифодаи методҳои асосӣ, воситаҳои гирифтан, ҳифз кардан, коркарди иттилоот, кор бо компютер ба сифати воситаи идоракунии иттилоот; омодагии истифодаи методҳои асосии ҳифз аз оқибатҳои эҳтимолии садама, офатҳои табиӣ; қобилияти дарк кардани моҳият ва аҳамияти иттилоот дар рушди ҷомеаи муосири иттилоотӣ, шинохти хатар ва таҳдидҳое, ки дар ин раванд ба вуҷуд меоянд, риояи талаботи асосии амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла ҳифзи сирри давлатӣ.

Дар доираи салоҳиятҳо метавон ҷузъҳои зайлро шомил кард: малакаи корбурди усулҳо ва технологияҳои навтарин, аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ барои таъмини сатҳи баланди раванди таълим дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар як муассисаи таълимии мушаххас; майл ба истифодаи захираҳои муҳити таълимӣ, аз ҷумла фазои иттилоотӣ барои кафолати сифати раванди таълим; имконияти таҳия ва амалисозии барномаҳои маданӣ ва маърифатӣ барои қишрҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла бо истифода аз технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ.

Ҷанбаҳои муҳими салоҳиятнокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар соҳаи маориф нишондиҳандаҳои зерин маҳсуб меёбанд. Инҳо нишондиҳандаҳои муҳиме мебошанд, ки нишон медиҳанд, то чӣ андоза шахс ё муассисаи таълимӣ метавонад аз ТИК самаранок истифода барад. Барои тақвияти минбаъда, метавон ҳар як ҷанбаро амиқтар баррасӣ кард:

*1. Воридшавии маориф ба ҷараёнҳои глобалии иттилоотӣ:* Ин падида инъикоси зарурати ҳамоҳангсозии соҳаи маориф бо таҳаввулоти ҷаҳонишавӣ ва фароҳам овардани имкониятҳо барои иштироки фаъолонаи хонандагон дар мубодилаи иттилооти байналмилалӣ мебошад. Тибқи гузориши ЮНЕСКО маориф нақши калидӣ дар таъмини дастрасӣ ба иттилоот ва рушди малакаҳои зарурӣ барои истифодаи самараноки он мебозад.

*2. Тайёрӣ ба азхудкунии самарабахши иттилооти бемаҳдуд:* Ин ҷанба ба такмили маҳоратҳои ҷустуҷӯ, интихоб, таҳлил ва коркарди маълумот нигаронида шудааст. Хонандагон бояд қобилияти муайян кардани манбаъҳои боэътимоди иттилоот ва истифодаи онҳоро барои ҳалли масъалаҳои мушаххас дошта бошанд. Таҳқиқоти Донишгоҳи Стэнфорд нишон медиҳад, ки "малакаҳои таҳлили интиқодӣ барои муваффақият дар ҷаҳони рақамӣ муҳиманд".

*3. Ташаккули сифатҳои шахсӣ барои инноватсия:* Ин ҷанба ба рушди эҷодкорӣ ва қобилияти тавлиди ғояҳои нав тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ алоқаманд аст. Хонандагон бояд ташвиқ шаванд, ки барои ҳалли мушкилот роҳҳои эҷодӣ ҷӯянд ва онҳоро бо истифода аз абзорҳои рақамӣ амалӣ созанд.

*4. Рушди фарҳанги коммуникативӣ:* Ин ҷанба азхудкунии малакаҳои муошират ва ҳамкорӣ дар муҳити рақамиро дар бар мегирад. Хонандагон бояд қодир бошанд, ки бо ҳамтоён ва коршиносон тавассути платформаҳои гуногуни онлайн муошират кунанд ва дар лоиҳаҳои муштарак иштирок намоянд.

*5. Азхудкунии таҷрибаи фаъолияти якҷоя:* Ин ҷанба ба қобилияти кор дар гурӯҳ ва мубодилаи дониш асос ёфтааст. Технологияҳои иттилоотӣ метавонанд барои осон кардани мубодилаи афкор ва маълумот дар байни хонандагон ва омӯзгорон истифода шаванд.

*6. Азхудкунии фарҳанги идоракунии иттилоот:* Ин ҷанба ба маҳорати идоракунии иттилоот дахл дорад. Хонандагон бояд қодир бошанд, ки маълумоти заруриро ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, таҷдид ва ҳамгиро кунанд, инчунин барои истифодаи минбаъда захира намоянд.

*7. Истифодаи технологияҳои интерактивии муосир:* Истифодаи технологияҳои интерактивии муосир барои беҳтар намудани раванди таълим ва ҷалби хонандагон ба дарсҳо муҳим аст. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи технологияҳои муосир метавонад самаранокии таълимро ба таври назаррас афзоиш диҳад.

Хулоса, ин ҷанбаҳо маҷмӯи мукаммали салоҳиятнокии истифодаи ТИК-ро дар соҳаи маориф ташкил медиҳанд. Рушди ин салоҳиятҳо барои тайёр кардани хонандагон ба зиндагӣ ва кор дар ҷаҳони муосири иттилоотӣ муҳим аст.

Л.Н.Горбунова ва А.М.Семибратов салоҳиятнокии хонандагонро нисбат ба технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ тайёрӣ ва қобилияти истифодаи мустақил ва масъулиятноки онҳо дар фаъолияти минбаъда дониста, изщор кардаанд, ки: “Имкониятҳои маҳдудкунӣ аз нишондиҳандаҳои технологӣ ва муҳити иттилоотӣ, инчунин вазифаҳои таълим ва тарбия бо хусусиятҳои асосии шахсии хонандагон алоқаманд буда, сохтори салоҳияти хонандагонро нисбат ба технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ чунинанд:

- донистани имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, истифода ва маҳдудияти онҳо, ҳалли вазифаҳо;
- қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар фаъолияти минбаъда;
- таҷрибаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар фаъолият, зоҳир намудани мустақилият ва ташаббускорӣ;
- мукаммал намудани қобилият, пурра намудани донишҳо ва инкишофи таҷриба дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ;
- тайёрӣ, ҷустуҷӯ ва коркарди иттилоот дар шакли электронӣ;
- баланд бардоштани салоҳиятнокии худомӯзишӣ бо ёрии истифодаи захираҳои таълимӣ;
- гузаронидани машғулиятҳои амалӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ;
- истифодаи захираҳои шабакаи интернет, ҷамъбастнамоӣ ва истифодаи технологияҳои коммуникативӣ дар ташкили фаъолияти таълимӣ ва илмиву таҳқиқотии хонандагон” [30, С. 91-96].

Мафҳуми “салоҳиятҳои калидӣ” бо интизориҳои ҷомеа ва таҳлили талаботи корфармоён алоқаманд аст. Аз тарафи Шӯрои Аврупо панҷ

салоҳияти калидӣ муайян карда шудааст, ки: “...ҷавонон бояд чунин салоҳиятро дошта бошанд:

- салоҳиятҳо, ки бо болоравии иттилоотонии ҷомеа алоқаманд мебошанд;

- салоҳиятҳои қобилияти коммуникатсияи хаттӣ ва шифоҳӣ;

- салоҳиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ;

- салоҳиятҳо, ки бо ҳаёт ва фаъолият дар ҷомеаи сермиллат алоқаманд мебошанд;

- қобилияти идома додани омӯзиш дар тули тамоми ҳаёт” [113, С.44].

Аҳамияти технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони зиёд таъкид шуда, аҳамияти ворид кардани ТИК-ро дар низоми таҳсилот ва омода кардани хонандагон ба ҷаҳони рақамӣ собит месозад, ки хулосаи асосӣ ва тафсири онҳо чунин аст:

Хулосаи асосӣ:

*1) Муваффақияти таълим дар рушди ҳамаҷонибаи хонандагон вобаста аст, ки ТМК дар ин раванд нақши муҳим мебозад.*

*2) Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд хонандагонро барои таҳсили минбаъда ва истифодаи дониш дар фаъолияти оянда омода созанд, ки ин истифодаи ТИК-ро тақозо мекунад.*

*3) Барои қабул ва истифодаи самараноки ТИК дар таълим шароитҳои муайян, аз қабили мавҷудияти воситаҳои техникӣ, сатҳи тайёрии омӯзгорон ва саводнокии хонандагон муҳиманд.*

Тафсир ва аҳамият:

*1) Рушди ҳамаҷониба:* Истифодаи ТИК ба рушди эҳсосӣ, ҷисмонӣ ва зеҳнии хонандагон мусоидат мекунад. Ин воситаҳо имкон медиҳанд, ки диққат, ирода, тафаккур ва қобилиятҳои эҷодии онҳо фаъол гарданд.

*2) Омодагии хонандагон:* Муассисаҳои таълимӣ бояд хонандагонро бо малакаҳои зарурии ТИК таъмин кунанд, то онҳо тавонанд дар муассисаҳои

таҳсилоти олӣ таҳсил кунанд ва дар ҷомеаи муосир бомуваффақият фаъолият намоянд.

*3) Шароитҳои муҳим:* Барои муваффақ шудан дар ин раванд, муассисаҳои таълимӣ бояд бо воситаҳои муосири техникӣ таъмин бошанд, омӯзгорон бояд дар истифодаи ТИК тахассус дошта бошанд ва хонандагон бояд саводнокии заминавии заруриро дошта бошанд [104, С.72].

Бояд таъкид кард, ки татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим боиси тағйироти куллӣ ва навсозӣ мегардад. Аксари пажӯҳишгарон таваҷҷуҳи худро ба нақш ва таъсири эҳтимолии ТИК, махсусан дар самти ба даст овардани маълумот равона карда, таҳқиқоти худро дар ин замина анҷом додаанд.

Т.С.Илина таъкид мекунад, ки: “Тағйироти куллии ҳаёт ва фаъолияти инсон аз мутахассисон тайёрии мувофиқро талаб мекунад, ки ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ ҷавобгӯ бошад. Ин зарурати бунёди низоми нави таҳсилотро бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба миён меорад” [53, С.122].

Таҳлилҳо собит месозанд, ки барои ташаккули салоҳияти муассири хонандагон дар самти корбурди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ заминаи ташкилӣ-педагогии мушаххас лозим аст:

*1) Муҳити иттилоотӣ-таълимӣ:* Таъмини фаъолияти пурсамари ТИК дар муассисаҳои таълимии миёна аз мавҷудият ва рушди муҳити иттилоотӣ-таълимӣ вобаста аст.

*2) Такмили корҳои методӣ:* Навсозии корҳои методӣ дар муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки омӯзгор на танҳо донишҳои тайёрро интиқол диҳад, балки раванди таълимро идора намуда, салоҳиятҳои худро дар самти ТИК такмил диҳад.

*3) Таълими фосилавӣ:* Истифодаи имкониятҳои таълими фосилавӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки мустақилона дониши худро ғанӣ гардонанд ва омӯзгор дар ин ҷода ҳамчун роҳнамо баромад мекунад.

*4) Тарҳрезии раванд:* Таҳия ва татбиқи тарҳи раванди ташаккули салоҳияти истифодаи ТИК дар муассисаҳои таълимии миёна, аз ҷумла моделсозӣ, бунёдкорӣ ва азхудкунии раванди таълимӣ-тарбиявӣ, аҳамияти калон дорад.

Муҳаққиқон Т.С.Илина ва О.Н.Шилова қайд менамоянд, ки: “Барои ворид намудани муваффақонаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ ба раванди таълим, баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии омӯзгорон зарурати бунёди муҳите, ки бо таҷҳизот ва воситаҳои барномавии технологияҳои иттилоотиву компютерӣ ҷамъ оварда шудаанд, зарур аст” [53, С.120].

Имконияти ин муҳит бояд аз тарафи омӯзгорони фанҳои мухсус барои рушди салоҳияти иттилоотӣ ва фарҳанги иттилоотии хонандагон, барои рушди касбии худ истифода карда шавад. Ин амал муҳим аст, зеро салоҳияти иттилоотӣ ва компютерии хонандагон яке аз салоҳиятҳои калидӣ ба ҳисоб меравад, ки бояд дар муассисаи таълимӣ ташаккул ёбад.

Дар асоси таҳлили барномаҳои тайёрнамоӣ Горюнова М.А. ва А.А.Андреев қайд менамоянд, ки: “Диққати асосӣ то ба имрӯз ба тайёр намудан дар соҳаи воситаҳо, технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ равона мегардад, ки он дар заминаи ба таври самаранок дар раванди таълим истифода гарданда асос ёфтааст.

Омӯзгор дар муҳити таълимӣ бояд чунин тааccуротро дошта бошад:

- дар кадом системаи таълимӣ фаъолият менамояд;

- маводи таълимӣ-методиро чӣ тавр омода намояд;

- оид ба нақши нави омӯзгор, ки тамоми боигарии имкониятҳои дидактикӣ, барномавӣ-технологӣ ва дигар имкониятҳои системаро истифода менамояд” [31, С.114]..

Хулоса, метавонем иброз кунем, ки мафҳуми “муҳити таълимии иттилоотӣ” ҷанбаҳои зеринро таҷассум менамояд:

- *афзалияти мақсадҳои педагогӣ:* Таъкид мешавад, ки технологияҳои иттилоотӣ бояд на ҳамчун ҳадафи ниҳоӣ, балки ҳамчун воситаи расидан ба

мақсадҳои таълимӣ истифода шаванд. Ин хеле муҳим аст, зеро истифодаи нодурусти технология метавонад ба сифати таълим зарар расонад;

- *таъсири мутақобила:* Ин нукта нишон медиҳад, ки муҳити таълимӣ на танҳо ба хонандагон таъсир мерасонад, балки хонандагон низ ба муҳити таълимӣ таъсир мерасонанд. Ин таъсири мутақобила ба рушди муассисаи таълимӣ ва раванди таълим мусоидат мекунад.

Дар маҷмӯъ, ин таъриф муҳити таълимии иттилоотиро ҳамчун системаи мутақобилаи мураккаб, ки дар он технологияҳо барои расидан ба мақсадҳои педагогӣ истифода мешаванд ва субъектҳои муҳити таълимӣ ба ҳамдигар таъсир мерасонанд, муаррифӣ мекунад.

Е.Ю.Кулик таъкид менамояд, ки муҳити таълимии иттилоотии таҳсилоти мавзуӣ ин маҷмуи таъсиррасонии системавии иттилоотӣ, таъсири сарчашмаҳои муҳити иттилоотии ба соҳаи алоҳида аст, ки ба ташаккули салоҳиятҳои барои ҳамкории мустақил бо муҳити табиии иттилоотии соҳаи муайян равона карда шудааст [13, С.37].

Принсипҳои дидактикӣ дар тарҳи раванди ташаккули салоҳияти хонандагон муҳим буда, ба мазмун, метод ва шаклҳои таълим таъсир мерасонанд. Тарҳ алгоритми амалҳоро мушаххас ва роҳи бунёди муҳити иттилоотиву коммуникатсиониро пешниҳод менамояд.

Дар ин замина, принсипи илмият аҳамияти калон дорад, зеро мазмуни таълим бояд ба дастовардҳои муосири илмӣ асос ёфта, дониши аниқ ва объективиро фароҳам орад. Ҳамзамон, принсипи дастрасӣ нақши муҳим мебозад, зеро маводи таълимӣ бояд ба синну сол, сатҳи дониш ва хусусиятҳои инфиродии хонандагон мувофиқ бошад, то ки онҳо тавонанд маводро ба осонӣ дарк ва азхуд намоянд.

Принсипи аёният низ дар ташаккули салоҳияти хонандагон нақши муҳим дорад, зеро истифодаи воситаҳои таълимии аёнӣ, аз қабили расмҳо, ҷадвалҳо, моделҳо ва дигар маводҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки маводро беҳтар дарк кунанд ва дар хотир нигоҳ доранд. Илова бар ин, принсипи фаъолиятнокӣ дар таълим хеле муҳим аст, зеро хонандагон бояд

дар раванди таълим фаъолона иштирок намуда, таҷрибаи шахсии худро ба даст оранд.

Хонандагони муосир таҳсилоти бефосиларо барои мутобиқат ба раванди таълим афзал мешуморанд. Салоҳиятнокии иттилоотӣ бо тамоми салоҳиятҳои дигар алоқаманд буда, бе донистани технологияҳои иттилоотӣ мутобиқшавӣ ба дигар салоҳиятҳо мушкил аст. Салоҳиятнокии иттилоотӣ ин сифати интегративии шахсият, донишҳо, маҳоратҳо ва қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, инчунин қобилияти такмили донишҳо ва қабули қарорҳо дар шароити тағйирёбанда мебошад.

Дар ҷаҳони муосир, салоҳиятнокии иттилоотӣ на танҳо як маҳорати муҳим, балки як ҷузъи зарурии таҳсилоти бефосила ба ҳисоб меравад. Ин мафҳум, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ барои ҷамъоварӣ, таҳлил, арзёбӣ ва истифодаи иттилоот алоқаманд аст, дар шароити дигаргуниҳои доимии технологӣ ва иттилоотӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад. Мувофиқи тадқиқотҳои ЮНЕСКО, салоҳиятнокии иттилоотӣ ба шахс имкон медиҳад, ки дар ҷаҳони иттилоотӣ ба таври самаранок амал кунад, фикрҳои худро баён намояд ва дар ҷомеа фаъолона ширкат варзад.

Таъкид ба салоҳиятнокии иттилоотӣ дар таҳсилоти муосир аз он бармеояд, ки хонандагон бояд на танҳо иттилоотро қабул кунанд, балки онро интиқодӣ арзёбӣ карда, аз он барои ҳалли масъалаҳо ва қабули қарорҳо истифода баранд. Ин муносибат ба хонандагон кӯмак мекунад, ки малакаҳои тафаккури интиқодӣ, таҳлилӣ ва эҷодиро инкишоф диҳанд, ки барои муваффақият дар касб ва ҳаёти шахсӣ муҳиманд.

Ҳамгиройии салоҳиятнокии иттилоотӣ ба раванди таълим талаб мекунад, ки омӯзгорон усулҳои нави таълимро истифода баранд, ки ба хонандагон имкон медиҳанд, ки бо иттилоот дар шаклҳои гуногун ҳамкорӣ кунанд. Ин метавонад истифодаи манбаъҳои электронӣ, пойгоҳҳои додаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва асбобҳои дигари рақамиро дар бар гирад. Муҳим аст, ки омӯзгорон хонандагонро дар арзёбии манбаъҳои иттилоотӣ, муайян

кардани маълумоти бардурӯғ ва риояи қоидаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқи муаллифӣ роҳнамоӣ кунанд.

Ғайр аз ин, салоҳиятнокии иттилоотӣ бояд ҳамчун як раванди доимӣ ва бефосила дар тӯли ҳаёт қабул карда шавад. Технологияҳо ва иттилоот доимо тағйир меёбанд, бинобар ин, шахс бояд пайваста малакаҳои худро такмил диҳад ва ба навгониҳо мутобиқ шавад. Ин муносибат ба таҳсилот ба шахс имкон медиҳад, ки дар ҷаҳони муосир муваффақ гардад ва ба рушди устувори ҷомеа саҳм гузорад.

Дар ниҳоят, салоҳиятнокии иттилоотӣ на танҳо як маҳорати техникӣ, балки як қисми фарҳанги маърифатӣ ва ҷаҳонбинии шахсӣ мебошад. Ин малака ба шахс имкон медиҳад, ки дар ҷаҳони иттилоотӣ ба таври огоҳона ва масъулиятнок амал кунад, иттилоотро барои ҳалли мушкилот истифода барад ва дар ҷомеа нақши фаъол дошта бошад.

Унсурҳои асосии сохтори салоҳияти субъект дар раванди кор бо технологияҳои иттилоотӣ инҳоянд:

*Ҳавасмандиву мақсаднокӣ:* Шавқу рағбат ва ҳавасмандӣ барои омӯзиш ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ.

*Маърифативу мундариҷавӣ:* Дониш ва фаҳмиши усулҳо ва воситаҳои кор бо иттилоот.

*Амалиётиву фаъолиятӣ:* Қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар амал ва дарки имкониятҳо ва маҳдудиятҳои онҳо.

*Рефлексивӣ:* Қобилияти таҳлил ва баҳодиҳии фаъолияти худ ва ворид намудани тағйирот дар асоси таҷриба [30, С.91-96].

В.Г.Первутинский таъкид кардааст, ки: “Салоҳиятноки иттилоотӣ ҳамчун пайвасти донишҳо ва қобилиятҳои мавзуи махсус, ки ба фаъолияти мақсаднок бо иттилооти босуръат тағйирёбанда имконият медиҳад ва қобилияти ҳалли вазифаҳои ғайримуқаррарӣ дар асоси донишҳои мавҷуда дар фаъолияти педагогӣ мебошад” [100].

Баъзе муҳаққиқон истилоҳи "салоҳият дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ"-ро афзалтар медонанд, зеро он мафҳумро

пурратар ифода мекунад. Зеро салоҳияти иттилоотӣ системаи донишҷо ва қобилиятҳои компютерӣ мебошад, ки сатҳи зарурии коркарди иттилоотро таъмин мекунад.

Истифодаи маҷмӯи мултимедиявӣ барои ҳалли масоили таълимӣ равона карда мешавад, аз ҷумла, барои  пурзӯр кардани таълим, фароҳам овардани муҳити таълимии технологӣ, баланд бардоштани фаъолияти коммуникативӣ, таҷдиди мундариҷаи таълим, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, рушди мухторияти хонандагон ва таҳияи назорати мувофиқ ба натиҷаҳои таълимро дар бар мегиранд.

Дар шароити ҷаҳонишавии иттилоотӣ ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ ва компютерӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад. Зеро, шахсе, ки дар ҷомеаи муосир фаъолият мекунад, бояд на танҳо қобилияти дарёфти иттилоотро дошта бошад, балки онро таҳлил, коркард ва дар фаъолияти худ истифода барад. Ҳамзамон, зарурати азхудкунии технологияҳои нав ва истифодаи онҳо дар раванди таълим васеътар мегардад.

Маҷмӯи мултимедиявии таълимӣ имкон медиҳад, ки маводи таълимӣ ба шакли ҷолибтар ва фаҳмотар пешниҳод карда шавад. Истифодаи графика, аниматсия, видео ва аудио имконият медиҳад, ки диққати хонандагон ҷалб карда шуда, маълумотро ба таври самараноктар дарк кунанд. Инчунин, маҷмӯи мултимедиявӣ имконият медиҳад, ки маводи таълимӣ мувофиқи сатҳи дониши хонандагон мутобиқ карда шавад, ки ин ба рушди мустақилонаи онҳо мусоидат мекунад.

Дар раванди таълим, маҷмӯи мултимедиявӣ метавонад ҳамчун воситаи иловагӣ барои омӯзиши маводи таълимӣ, инчунин барои гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва лабораторӣ истифода шавад. Истифодаи симулятсияҳо ва моделҳои интерактивӣ имкон медиҳад, ки хонандагон таҷрибаи амалӣ ба даст оварда, дониши худро дар амал татбиқ намоянд.

Илова бар ин, маҷмӯи мултимедиявии таълимӣ метавонад барои ташкили кори мустақилонаи хонандагон истифода шавад. Таҳияи лоиҳаҳо,

навиштани рефератҳо ва гузаронидани тадқиқотҳо бо истифодаи манбаъҳои иттилоотии гуногун имкон медиҳад, ки хонандагон малакаҳои таҳлилӣ ва мустақилона фикррониро инкишоф диҳанд. Ҳамчунин, истифодаи маҷмӯи мултимедиявӣ имкон медиҳад, ки раванди баҳодиҳии дониши хонандагон ба таври объективӣ ва шаффоф гузаронида шавад.

Бо дарназардошти ин, истифодаи маҷмӯи мултимедиявии таълимӣ дар раванди таълим на танҳо баланд бардоштани самаранокии таълимро таъмин мекунад, балки ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ ва компютерии хонандагон мусоидат намуда, онҳоро барои фаъолият дар ҷомеаи иттилоотӣ омода месозад [48, С.62-71].

Муҳаққиқи рус Ю.А. Иванов таъкид кардааст, ки: “Омодасозии хонандагон – мутахассисони оянда дар асоси маҷмӯи мултимедиявии таълим роҳи васеъро барои касби салоҳиятҳои зерин мекушояд:

- хонандагон бо дарки амиқи консепсияҳои асосӣ, донишҳои назариявӣ ва амалӣ, ки барои фаъолияти босамарашон зуруранд, мусаллаҳ мегарданд;

- одоби муошırати байнифарҳангӣ ва касбиро аз бар мекунанд ва онро моҳирона ба кор мебаранд;

- қобилияти баҳс дар мавзуъҳои гуногунро пайдо мекунанд, захираҳои беканори интернетро барои расидан ба ҳадафҳои соҳибкорӣ истифода мебаранд ва ҳуҷҷатҳои кориро бо маҳорати баланд таҳия месозанд;

- таҳлили вазъиятҳои мушаххасро бо корбурди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ аз худ мекунанд ва дар асоси онҳо қарорҳои дақиқу мувофиқ қабул менамоянд” [49, С. 54].

Барои таъмини раванди таълимии ғанӣ, омӯзгор метавонад аз маҷмӯаи мултимедиявии дорои маводҳои гуногуни таълимӣ, истифодаи фаъолонаи интернет, вазифаҳову лоиҳаҳои иловагӣ, коркардҳои тайёр ва маводи электронии худ баҳри эҷоди дарсҳои ҷолибу муассир истифода барад.

Интихоби захираҳои таълимии электронӣ бояд бо назардошти талабот ба баҳогузории сифат ва мутобиқати онҳо ба мақсадҳои таълим амалӣ карда мешавад. Нишондиҳандаҳои умумии баҳогузории захираҳои аслии навъҳои

гуногун мутобиқат ба талаботҳои пешниҳоди иттилоот дар шакли электронӣ, инчунин мавҷудияти далелҳо, эътимоднокӣ ва аҳамияти иттилооти пешниҳодшавандаро тасдиқ менамояд, ба ҳисоб мераванд.

Захираҳои электронӣ, ки барои истифода пешниҳод мешаванд, бояд ба сатҳи омодагии хонандагон дар соҳаи иттилоотиву коммуникативӣ мувофиқ бошад. Илова бар ин, онҳо бояд қисми алоҳидаи машғулият буда, мувофиқ ба навъи вазифа дар марҳилаи муайяни омӯзиши мавод ворид карда мешаванд.

Истифодаи маҷмӯи мултимедиявии муосир дар таълим ба инфиродии раванди таълим, истифодаи иттилоот, фаъолсозии стратегияҳои маърифатӣ, такмили малакаҳои истифодаи технологияҳо ва рушди малакаҳои муошират мусоидат мекунад. Маҷмӯи мултимедиявӣ бояд барои ҳалли вазифаҳои таълимӣ дар шакли электронӣ ёрӣ расонад:

*Бедор кардани шавқу ҳавас ба фаъолияти мустақилонаи таълимӣ:* Ин маҷмӯа бояд тарзе таҳия карда шавад, ки дар хонандагон шавқу ҳавас ба омӯзишро бедор кунад ва онҳоро ба фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ҳавасманд созад. Ин бояд бо дарназардошти эҳтиёҷот ва хоҳишҳои мутахассиси оянда амалӣ шавад.

*Таъмини татбиқи таълим дар самти фаъолияти касбии интихобшуда:* Маҷмуи мултимедиявӣ бояд тавре тарҳрезӣ шавад, ки хонандагонро дар самти фаъолияти касбии интихобкардаашон таълим диҳад ва онҳоро барои кор омода созад.

*Раҳнамоӣ намудан ба фаъолияти таълимии хонандагон:* Маҷмуи мултимедиявӣ бояд ба хонандагон дар раванди омӯзиш роҳнамоӣ кунад ва ба онҳо дар фаҳмидани маводҳои таълимӣ ва иҷрои супоришҳо кӯмак расонад.

*Фароҳамсозии шаклҳои мухталифи таълим дар самтҳои гуногун:* Воситаҳои маҷозӣ ва рақамӣ бояд имконоти гуногуни таълимро пешниҳод кунанд, то ки хонандагон тавонанд мувофиқи шавқу завқи худ маводи зарурии таълимиро интихоб кунанд.

*Танзими ҷараёни ташаккули дониш ва малакаҳо:* Маҷмуи мултимедиявӣ бояд ба хонандагон дар ташаккули дониш ва малакаҳои зарурӣ кӯмак расонад ва ҷараёни омӯзишро танзим намояд.

*Санҷиши пешравии хонандагон:* Маҷмуи мултимедиявӣ бояд имконият диҳад, ки пешравии хонандагон дар ҳар як зинаи раванди таълим санҷида шавад ва натиҷаҳои омӯзиш арзёбӣ карда шаванд.

*Назорати дастовардҳо:* Маҷмуи мултимедиявӣ бояд дастовардҳои хонандагонро назорат кунад ва ба онҳо дар муайян кардани нуқтаҳои қавӣ ва заифи худ кӯмак расонад.

*Ислоҳи раванди омодагӣ:* Маҷмуи мултимедиявӣ бояд имконият диҳад, ки дар асоси натиҷаҳои ҷорӣ раванди омодагӣ ислоҳ карда шавад ва ба хонандагон дар беҳтар кардани дониш ва малакаҳои худ кӯмак расонад.

*Ҳавасмандгардонии хонандагон:* Маҷмуи мултимедиявӣ бояд хонандагонро ҳангоми иҷрои супоришҳо ҳавасманд гардонад ва ба онҳо дар расидан ба ҳадафҳои таълимии худ кӯмак расонад [48, С.62-71].

ТИК назар ба воситаҳои анъанавӣ имкониятҳои бештари дидактикӣ доранд ва метавонанд шавқу рағбати хонандагонро ба фанҳои таълимӣ баланд бардоранд. Бартариҳои асосии ТИК дар таълим, аз ҷумла. инҳоянд:

**Интерактивият:** Имконияти муколамаи фаъол байни хонанда ва воситаҳои ТИК, ки ба хонанда имкон медиҳад, ки бо система фаъолона кор кунад ва вокуниш гирад.

**Иттилооти айёнӣ:** Пешниҳоди иттилооти таълимӣ дар шакли айёнӣ, аз ҷумла тасвирҳои аёнӣ, моделҳо ва графикаҳо, ки ба хонанда дар фаҳмидани мавод кумак мекунанд.

**Амсиласозӣ**: Имконияти амсиласозии равандҳо ва зуҳуроти воқеӣ ё виртуалӣ, ки барои омӯзиши мавзӯъҳои мураккаб ва абстрактӣ муфид аст.

**Захираи иттилоот:** Нигоҳдории миқдори зиёди иттилоот дар формати рақамӣ бо дастрасии осон, нусхабардорӣ ва интиқол.

**Автоматикунонӣ:** Автоматикунонии ҷараёни ҳисоббарорӣ, коркарди натиҷаҳои санҷишҳо ва идоракунии фаъолияти таълимӣ.

**Ҳамкории иттилоотӣ:** Имконияти ҳамкории иттилоотӣ байни иштирокчиёни раванди таълим дар шабакаҳои компютерӣ [54, С.65].

Воситаҳои муосири технологияҳои компютерӣ ба хонандагон ва омӯзгорон имкони эҷоди захираҳои таълимӣ, аз қабили презентатсияҳо, тестҳо, дастурҳо ва барномаҳои таълимиро фароҳам меоранд, ки ин малакаҳои амалии ҳосилшударо тақвият мебахшад.

Воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ имконият медиҳад, ки шаклҳо ва услубҳои нави методикаи таълими лоиҳавӣ барои эҷоди лоиҳаҳои байнисоҳавӣ пайдо карда шавад. Инчунин барои ташаккул ёфтани таҷрибаи фаъолияти илмии хонандагон мусоидат намояд. Хусусияти чунин лоиҳаҳо дар вазифаи пешниҳоди иттилоот, интихоби восита ва методҳо мувофиқи мавзуи лоиҳа зоҳир мегардад. Хонанда бояд на танҳо иттилоотро ҷамъоварӣ намояд, балки онро барои ҷойгиркунӣ дар захира ба қолаби муайян дарорад ва мувофиқи талаботҳои лоиҳаи мултимедиявӣ ба танзим дарорад. Одатан, дар ҷойгиркунии иттилоот дар интернет, хонанда худ хатогиҳои худро мебинад ва онҳоро бартараф менамояд ва бо ин васила, тамоми марҳилаҳои фаъолияти таҳқиқотиро паси сар менамояд.

Нақши захираҳои иттилоотии интернет дар таълим, бешубҳа бузург аст. Омӯзгор дигар пояи ягонаи пешниҳоди иттилоот ва ҳақиқат нест ва таҳсили фосилавӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ аллакай рақобатпазир гардидааст. Курсҳо ва озмунҳои фосилавии шабакавӣ машҳур мегарданд. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар сатҳи мактаб ё ноҳия маҳдуд нагардида, берун аз ҳудуди он баромад намояд.

Амалия нишон медиҳад, ки бо ёрии шабакаҳои интернетӣ хонандагон одатан ба худомӯзӣ машғул мегарданд, бо ҳамсолони худ муошират намуда, шавқу рағбатҳои умумиро пайдо менамоянд. Лекин, дар аксарияти ҳолатҳо, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ хусусияти таълимӣ надошта, бештар ба вақтгузаронӣ равона карда шудааст.

Дар байни лоиҳаҳои таълимии шабакавӣ метавон лоиҳаҳои озмунӣ, таълимӣ ва омехтаро ҷудо намуд. Ба лоиҳаҳои омехта метавон лоиҳаҳои озмунҳои фосилавии таълимӣ аз рӯи фанҳои гуногун: информатика, математика, география ва ғайраҳоро дохил намуд. Вазифаи чунин озмунҳо баланд бардоштани шавқу рағбати хонандагон ба фан, ташаккули маҳорати муоширати шабакавӣ, табодули таҷриба байни омӯзгорон ба ҳисоб меравад.

Иштирок дар лоиҳаҳои шабакавӣ аз омӯзгорон салоҳиятнокиро дар фанни худ талаб менамояд, зеро кори хонандагонро идора намуда, бо доштани рақибони арзандаву сазовор вазифаҳои гузошташударо ҳал менамояд ва бо ин васила дар якҷоягӣ бо хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.

Иштирок дар лоиҳаҳои дар сатҳи зарурӣ ташкилшуда метавонад сатҳи дониш ва шавқу рағбатро ба фан баланд намуда, баҳогузории мувофиқи хонандагонро ташаккул медиҳад. Қайд намудан зарур аст, ки ба роҳ мондани лоиҳаҳои якҷояи хонандагон аз муассисаҳои гуногун диққатҷалбкунанда аст. Чунин тарзи кор маҳорати ҳамкориҳои шабакавиро баланд менамояд ва ба хонандагон имконияти иштирокро дар фаъолияти телекоммуникатсионии лоиҳавӣ пешниҳод менамояд.

Технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ метавонад ҳамчун воситаи рушди равандҳои маърифатӣ, қобилиятҳои эҷодии хонандагон баромад намоянд. Эҷодиёт ин фаъолиятест, ки ба тавлиди чизи сифатан нав равона карда шудааст. Аз ин лиҳоз мавзуе, ки аз тарафи хонандагон тариқи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ таҳия карда мешавад, ҳамеша характери эҷодиро доро мебошад.

Дар робита ба ин, Ю.А. Иванов изҳор кардааст, ки: "Ин дар ҷустуҷӯи тарҳҳои нав ва қарорҳои техникӣ зоҳир мегардад. Технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба хонанда имконият медиҳанд, ки тахаюлоти худро дар шакли электронӣ амалӣ намояд ва рақобатпазирии маҳсули эҷодиёти худ, шуҳратсанҷии идеяҳои худро тафтиш намояд.  Ба хотири бунёд намудани захираи шавқовар ва муносиб, ба хонанда зарур аст, ки тамоми иттилоотро аз

худ кунад, хусусиятҳои психологии истифодаи онро эҳсос намояд, навоварии онро муайян намуда, аҳамиятии амалии онро дарк намояд. Ин ба ташаккули салоҳиятҳои калидии хонанда, қобилияти самтгирии ӯ дар ҳаёти шахсӣ мусоидат менамояд.

Бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ метавон махзани маълумот оид ба коркардҳои хонандагонро ҷамъоварӣ намуд, ки хонандагонро ба коркардҳои нави эҷоди ҳавасманд намояд. Бо ин мақсад ҳам хазинаи маълумоти иттилоотӣ, ки ба хонандагон дастрас аст ва ҳам сомонаи муассиса, ки ба табодули таҷриба байни хонандагон имконият медиҳад, баромад намоянд. Маҳз бо ин васила имконият пайдо мешавад, ки клуби эҷодкорони хонандагони болаёқат ташаккул ёбад [49, С.54].

Лекин майли бузург барои омӯзгор истифодаи аз ҳад зиёди барномаҳои таълимии мултемедиявӣ дар машғулиятҳо мебошад. Бо ёрии чунин воситаҳо метавон миқдори зиёди вақтро, бо гузоштани масъулият ба гузаронидани вақти зиёд ба бунёдгарони ин барномаҳо, банд намуд. Лекин конспект намудани иттилоот аз экран барои чашмон зараровар буда, бо танҳо хондани он хонандагон онро дар хотир нигоҳ дошта наметавонанд. Дар хотир бояд бошт, ки муошмрати “зиндаи” хонанда бо омӯзгор ва ҳамсабақонро ҳеҷ як барнома наметавонад иваз намояд, барандаи нисбатан безарари иттилоот барои чашмон китоб ва воситаҳои методӣ буд ва боқӣ мондааст.

Бешубҳа, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим манфиатҳои зиёд дорад. Онҳо ба рушди малака ва маҳорати амалӣ мусоидат мекунанд, имкон медиҳанд, ки раванди таълим ба таври самаранок ташкил карда шавад, шавқу ҳаваси хонандагонро ба фанҳои алоҳида зиёд мекунанд ва фаъолияти маърифатии онҳоро фаъол мегардонанд.

Технологияҳои мултимедиявӣ, бахусус, ҳамчун воситаи таълим аҳамияти калон доранд, зеро онҳо ба осонӣ қабул кардани иттилоот ва фаъолгардонии раванди таълимро тавассути истифодаи васоити визуалӣ таъмин мекунанд. Қувваи методии мултимедия дар он аст, ки хонандагонро

бе душворӣ ҷалб ва омӯзонидан мумкин аст, зеро онҳо ҳамзамон садо ва образҳои визуалиро қабул мекунанд. Ин на танҳо ба хонанда таъсири иттилоотӣ, балки таъсири эҳсосотӣ низ мерасонад.

Бо вуҷуди ин, дар баробари манфиатҳо, истифодаи ТИК дар таълим метавонад мушкилоти худро низ ба бор орад. Аз ҷумла, вобастагии аз ҳад зиёд ба технология метавонад ба қобилияти хонандагон барои мустақилона фикр кардан ва ҳалли масъалаҳо зарар расонад. Инчунин, масъалаи дастрасии баробар ба технология барои ҳамаи хонандагон вуҷуд дорад, зеро на ҳама оилаҳо имкони харидани компютер ё дастрасӣ ба интернет доранд.

Илова бар ин, муҳим аст, ки омӯзгорон барои истифодаи самарабахши ТИК дар раванди таълим омода бошанд. Онҳо бояд дониш ва малакаҳои заруриро барои интихоби воситаҳои мувофиқи технологӣ, таҳияи маводҳои таълимии интерактивӣ ва роҳнамоии хонандагон дар ҷараёни омӯзиш дошта бошанд. Агар омӯзгорон ба истифодаи ТИК омода набошанд, онҳо метавонанд онҳоро нодуруст истифода баранд ё ҳатто комилан аз истифодаи онҳо даст кашанд.

Барои ба ҳадди аксар расонидани манфиатҳои ТИК дар таълим ва кам кардани хатарҳои эҳтимолӣ, муҳим аст, ки стратегияи ҳамаҷонибаи истифодаи ТИК таҳия карда шавад. Ин стратегия бояд ҳадафҳо ва вазифаҳои истифодаи ТИК-ро муайян кунад, талабот ба таҷҳизот ва нармафзорро муайян кунад, барномаҳои омӯзиши омӯзгоронро таҳия кунад ва роҳҳои арзёбии самаранокии истифодаи ТИК-ро муайян кунад.

Дар ниҳоят, истифодаи ТИК дар таълим бояд ҳамчун як воситаи дастгирии раванди таълим баррасӣ шавад, на ҳамчун ивазкунандаи он. ТИК метавонад раванди таълимро ҷолибтар, интерактивӣ ва самараноктар кунад, аммо онҳо набояд ҷойгоҳи омӯзгорро ҳамчун роҳнамо ва манбаи дониш ишғол кунанд. Муносибати мутавозин ба истифодаи ТИК дар таълим, ки манфиатҳои онро ба ҳадди аксар расонад ва хатарҳои эҳтимолиро кам кунад, калиди муваффақият аст.

Дар раванди таълим кӯмак намудан ба хонанда дар бунёди стратегияи инфиродӣ бо назардошти қобилият ва соҳаи ҳавасмандиву арзишии шахсият муҳим аст. Ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба раванди таълим метавонад асоси ташаккули шакли нави таҳсилоти фосилавӣ гардад, ки ба худбаҳодиҳии батафсил такя менамояд ва бо воситаҳои технологӣ, натиҷаҳои ҳавасмандии худбаҳодиҳии фаъолияти худомӯзишии инсон дастгирӣ мегардад.

Ба андешаи муҳаққиқ Е.С. Полат: "Дар марҳилаи кунунии рушди педагогика дар муайян намудани талаботи методологии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ бояд на ба иваз намудани методҳои анъанавии таълим ба методҳои нав, балки оид ба аз нав дида баромадан ва пурра намудани методҳои анъанавӣ бо чунин як мазмуну мундариҷа, ки имконият медиҳад, онҳоро дар шароити мавҷуда истифода намуд, сухан рондан мумкин аст" [103, С.47].

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим дар ҳамон ҳолат самаранок мегардад, ки агар шароитҳои муайяни дидактикӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Нақши шароитҳои дидактикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълим бағоят бузург аст. Дар он се шарти асосӣ баррасӣ мешаванд:

*Ба инобат гирифтани нақши пешбари донишҳои назариявӣ:* Ин шарт ба муҳим будани омӯзиши назария дар марҳилаҳои аввали таълим ва гузаштан ба омӯзиши ҷузъиёт дар марҳилаҳои баъдӣ ишора мекунад. Истифодаи ТИК имкон медиҳад, ки назария ва амалияро пайваст карда, дониш ва малакаҳои устуворро инкишоф дод.

*Ягонагии вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандаи таҳсилот:* Ин шарт таъкид мекунад, ки таълим бояд на танҳо дониш диҳад, балки шахсро тарбия ва инкишоф диҳад. ТИК метавонад барои баланд бардоштани таъсири эҳсосӣ ва эътиқодии таълим истифода шавад.

*Ҳавасманднамоӣ ва ангезиши муносибати мусбӣ ба таълим:* Ин шарт ба муҳим будани бедор кардани шавқу рағбат ба таълим ишора мекунад. ТИК метавонад барои фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ ва ҳавасмандкунии хонандагон истифода шавад.

Бояд таъкид созем, ки риояи ин шартҳо барои истифодаи самараноки ТИК дар таълим муҳим аст [29, С.265].

Истифодаи ТИК дар раванди таълим имкон медиҳад, ки маводи таълимӣ ба таври ҷолибтар ва фаҳмотар пешниҳод карда шавад. Намоишҳои визуалӣ, моделҳои интерактивӣ ва симулятсияҳо имкон медиҳанд, ки хонандагон мафҳумҳои мураккабро осонтар дарк намоянд. Ғайр аз ин, ТИК метавонад барои ташкили корҳои гурӯҳӣ, мубодилаи афкор ва ҳамкорӣ дар лоиҳаҳо истифода шавад, ки ин малакаҳои иҷтимоии хонандагонро инкишоф медиҳад.

Бо вуҷуди ин, муҳим аст, ки ТИК на танҳо ҳамчун воситаи фароғатӣ, балки ҳамчун абзори таълимӣ истифода шавад, ки ба ҳадафҳои таълимӣ мувофиқ бошад. Истифодаи бемақсади технологияҳо метавонад ба паст шудани таваҷҷӯҳ ва самаранокии таълим оварда расонад. Аз ин рӯ, омӯзгорон бояд дар интихоби технологияҳо ва тарзи истифодаи онҳо дар раванди таълим эҳтиёткор бошанд.

Риояи шароитҳои дидактикӣ ва истифодаи бомаҳорати ТИК имкон медиҳад, ки таълим ба як раванди ҷолиб ва самаранок табдил дода шавад. Ин на танҳо ба беҳтар шудани азхудкунии донишҳо, балки ба инкишофи шахсияти ҳамаҷонибаи хонандагон мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд доимо малакаҳои худро дар соҳаи ТИК такмил диҳанд, то ки онҳо метавонанд аз имкониятҳои он ба таври пурра истифода баранд.

Ниҳоят, истифодаи ТИК дар таълим бояд ба принсипҳои асосии дидактикӣ асос ёбад ва ба ҳадафҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳанда мувофиқ бошад. Бо риояи ин шартҳо, ТИК метавонад ба як абзори пуриқтидор барои тағир додани раванди таълим ва омодасозии хонандагон ба зиндагии муосир табдил ёбад.

Таҳқиқот собит месозад, ки ду шарти дидактикии муҳим дар таълим мавҷуд аст:

**Ҳалли мушкилот:** Ин шарт азхудкунии таҷрибаи эҷодиро тақозо мекунад, ки онро танҳо тавассути ҳалли мушкилот ва вазифаҳои проблемавӣ, ки вазъияти проблемавӣ эҷод мекунанд, ба даст овардан мумкин аст. Омӯзгор бояд технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро барои эҷоди вазъиятҳои проблемавӣ истифода барад, то омӯзишро фаъол ва эҷодӣ гардонад.

**Пайваст намудани корҳои таълимии коллективӣ бо муносибатҳои инфиродӣ:** Ин шарт аз омӯзгор истифодаи шаклҳои мувофиқи таълимро талаб мекунад, ки ба таъминоти иттилоотӣ-технологии ҷараёни таълим нигаронида шудаанд. Ин имкон медиҳад, ки ҳам дар дарсҳои нақшавӣ таҳти роҳбарии омӯзгор ва ҳам дар омӯзиши мустақили хонандагон истифода бурда шавад.

Ҳамин тариқ, таълим бояд ҳам ҳам мушкилотро дар бар гирад ва ҳам корҳои коллективиро бо муносибатҳои инфиродӣ пайваст кунад, то раванди таълим самараноктар ва эҷодкорона гардад.

Ин ду шарти дидактикӣ, мушкилот ва пайваст намудани корҳои таълимии коллективӣ бо муносибатҳои инфиродӣ, дар якҷоягӣ метавонанд заминаи мустаҳкамеро барои таълими муассир фароҳам оваранд. Мушкилот, чунон ки зикр шуд, хонандагонро ба таҳлили амиқ, эҷодкорӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли нав ташвиқ мекунад. Онҳоро водор месозад, ки берун аз доираи маълумоти омодашуда фикр кунанд ва маҳорати худро дар шароитҳои воқеӣ санҷанд.

Дар айни замон, пайваст намудани корҳои коллективӣ бо муносибатҳои инфиродӣ имкон медиҳад, ки муҳити ҳамкорӣ ва дастгирии мутақобила дар синф ба вуҷуд оварда шавад. Хонандагон метавонанд аз якдигар омӯзанд, ғояҳои худро мубодила кунанд ва якҷоя ба ҳадафҳои таълимӣ ноил шаванд. Ин муносибат инчунин ба эҷоди ҳисси ҷавобгарӣ ва иштироки фаъол дар раванди таълим мусоидат мекунад.

Илова бар ин, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ин раванд нақши муҳим мебозад. ТИК метавонад барои эҷоди вазъиятҳои проблемавии ҷолиб, дастрасӣ ба захираҳои гуногун ва ташкили ҳамкории онлайн истифода шавад. Омӯзгор метавонад ТИК-ро барои фароҳам овардани имкониятҳои нав барои омӯзиш ва рушди хонандагон истифода барад.

Дар маҷмӯъ, муттаҳидсозии ин ду шарти дидактикӣ бо истифода аз ТИК метавонад ба эҷоди муҳити таълимии фаъол, эҷодкор ва муассир оварда расонад. Ин равиш хонандагонро барои муваффақият дар ҷаҳони муосир, ки тағирёбанда ва пур аз мушкилот аст, омода месозад.

Муҳити иттилоотӣ ва коммуникативӣ, ки дар он ҳар як хонандаи муосир ҷойгир карда шудааст, барои истифодаи фаъоли воситаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим тамоми шароитро фароҳам меорад, аҳамият ва самаранокии кори мустақилонаро баланд мебардорад. Ин ба туфайли пайваста такмил додани дастурҳои таълимӣ дар асоси технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ имконпазир аст ва ба хонандагон имкон медиҳад, ки маълумоти таълимии пешниҳодшударо мутобиқи қобилияти инфиродӣ мустақилона идора кунанд ва як қисми вазифаҳои омӯзгориро ба хонанда супоранд. Омӯзгор танҳо хонандаро дастгирӣ мекунад, дар ҷараёни иттилооти таълимӣ роҳнамоӣ мекунад ва дар ҳалли мушкилот кӯмак мекунад.

Самтгирии таълим ба фаъолнокии шахсият ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ бояд ба рушди шахсият, ошкор намудани хусусиятҳои хонанда, эътирофи таҷрибаи субъективии ӯ ва ошкор намудани гуногунии инфиродии бадастории дониш равона карда шавад.

Мазмуни таълим бояд дар ҷараёни азхудкунӣ ба тарзи нав фаҳмида шавад ва ба ташаккули худташкилнамоӣ, инкишофи қобилияти маърифатӣ, сифатҳои шахсӣ, тафаккур, шахсияти эҷодӣ, қонеъ кардани ниёзҳои маърифатӣ, рушди зеҳнӣ, қобилияти иҷтимоӣ ва малакаҳои худомӯзӣ мусоидат намояд.

Мутобиқати махзани таълимӣ-иттилоотӣ ба мундариҷаи таълим шарти дигари дидактикӣ буда, инфрасохтор бояд ба хусусияти меҳнат мувофиқ бошад ва дар асоси талаботҳои илмӣ-педагогӣ бунёд карда шавад.

Дар ҷаҳони муосир, ки технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба ҳама соҳаҳои ҳаёт ворид шудаанд, самтгирии таълим ба фаъолнокии шахсият ва истифодаи ин технологияҳо на танҳо як тамоюл, балки зарурати муҳим ба шумор меравад. Ин равиш имкон медиҳад, ки хонандагон на танҳо донишҳои тайёрро азхуд кунанд, балки дар ҷараёни таълим фаъолона иштирок намуда, малакаҳои мустақилона фикр кардан, таҳлил кардан ва ҳалли масъалаҳоро инкишоф диҳанд. Истифодаи ТИК дар таълим имконият медиҳад, ки раванди таълим ҷолибтар, интерактивӣ ва мувофиқ ба ниёзҳои инфиродии хонандагон гардад.

Мазмуни таълим бояд ба таври динамикӣ тағйир ёбад ва ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошад. Он бояд на танҳо донишҳои мушаххасро дар бар гирад, балки инчунин ба рушди малакаҳои муҳим, аз қабили тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ ва муошират мусоидат намояд. Ҷараёни азхудкунии мазмуни таълим бояд ҳамчун як раванди фаъол ва эҷодкорона ташкил карда шавад, ки дар он хонандагон метавонанд донишҳои навро дар заминаи таҷрибаи худ фаҳманд ва татбиқ намоянд.

Мутобиқати махзани таълимӣ-иттилоотӣ ба мундариҷаи таълим ва инфрасохтори мувофиқ яке аз шартҳои муҳими таъмини сифати таълим мебошад. Махзани таълимӣ-иттилоотӣ бояд дорои захираҳои гуногуни таълимӣ, аз қабили китобҳои электронӣ, маводи аудиовизуалӣ, симулятсияҳо ва дигар воситаҳои таълимӣ бошад. Инфрасохтори таълимӣ бояд бо технологияҳои муосир муҷаҳҳаз карда шавад ва ба хонандагон имкон диҳад, ки ба маълумот дастрасӣ пайдо кунанд, дар лоиҳаҳо ҳамкорӣ кунанд ва малакаҳои заруриро барои зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ инкишоф диҳанд.

Дар маҷмӯъ, нигаронида шудани таълим ба фаъолнокии шахсият ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ имконият медиҳад, ки таълим ба ниёзҳои инфиродии хонандагон мутобиқ, ҷолиб ва муассир

гардонида, онҳоро барои зиндагӣ ва кор дар ҷаҳони муосир омода созад. Ин равиш ба рушди шахсияти ҳамаҷонибаи хонандагон, инкишофи қобилиятҳои маърифатӣ, сифатҳои шахсӣ, тафаккур, шахсияти эҷодӣ ва қонеъ гардонидани ниёзҳои маърифатии онҳо мусоидат менамояд.

Тамоми шароитҳои номбаршуда системаи талаботҳоро ба технологияҳо ҳам дар таълими анъанавӣ ва ҳам дар таълим тариқи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ муайян менамояд [95,145].

Барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ метавон талаботҳои асосиро ҷудо намуд, ки ба таъминоти иттилоотиву технологии раванди таълим пешниҳод карда мешаванд:

- ба таври муайян дақиқ намудани нақш ва мақом, таъинот ва вақти истифодаи барномаҳои компютерии таълимӣ;
- нақши пешбари омӯзгор дар гузаронидани машғулиятҳо;
- мутобиқати методикаи таълими компютерии стратегияи умумии машғулияти таълимӣ;
- таъмини сатҳи баланди индивидуализатсияи таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ;
- таъмини алоқаи ҷавобии устувор дар таълим.

Истифодаи маҷмӯи шароитҳои дидактикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълим ба баланд бардоштани сифати тайёр кардани мутахассиси рақобатпазир мусоидат мекунад, ки касбашро хуб медонад ва қобилияти кории худро дар сатҳи ҷаҳонӣ дорад.

Дар шароити муосир, ки ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадид дар бозори меҳнат ҳукмрон аст, истифодаи самараноки захираҳои дидактикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим на танҳо тақозои замон, балки шарти зарурии таъмини муваффақияти мутахассисони оянда ба ҳисоб меравад. Ин имкон медиҳад, ки таълим фарогиртар, ҷолибтар ва мутобиқ ба ниёзҳои инфиродии хонандагон гардад.

Истифодаи маҷмӯи шароитҳои дидактикӣ, аз қабили маводҳои таълимии интерактивӣ, симулятсияҳо, моделҳо ва дигар воситаҳои таълимӣ, ба хонандагон имкон медиҳад, ки консепсияҳои назариявиро ба таври амалӣ дарк намуда, маҳоратҳои ҳалли масъала ва тафаккури интиқодиро инкишоф диҳанд. Ин равиш, дар навбати худ, ба мустаҳкам шудани дониш ва баланд бардоштани самаранокии раванди таълим мусоидат мекунад.

Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, аз қабили платформаҳои таълимии онлайн, абзорҳои ҳамкорӣ, нармафзори таълимӣ ва захираҳои интернетӣ, имкониятҳои бештареро барои таълим фароҳам меоранд. Хонандагон метавонанд ба таври мустақил ба маълумот дастрасӣ пайдо кунанд, дар лоиҳаҳои гурӯҳӣ иштирок намоянд, аз мушовирони онлайн маслиҳат гиранд ва дар вақти дилхоҳ ва дар ҳар ҷо таҳсил кунанд. Ин имкониятҳо ба рушди малакаҳои мустақилона таҳсил кардан, идоракунии вақт ва истифодаи самараноки технологияҳо мусоидат мекунанд.

Бо назардошти ин, муассисаҳои таълимӣ бояд ба таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии муосир, ки истифодаи васеи шароитҳои дидактикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар бар мегиранд, диққати махсус диҳанд. Инчунин, зарур аст, ки омӯзгорон дар самти истифодаи самараноки ин воситаҳо дар раванди таълим омӯзонида шаванд, то онҳо тавонанд, ки ба хонандагон дар рушди маҳоратҳои зарурӣ барои рақобат дар бозори меҳнати ҷаҳонӣ кумак расонанд. Ҳамин тариқ, маҷмӯи шароитҳои дидактикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълим ҳамчун ангезанда барои баланд бардоштани сифати тайёр кардани мутахассисони рақобатпазир хизмат мекунад.

## Хулосаи боби якум

Салоҳиятнокӣ натиҷаи омӯзиш, низоми арзишҳо, самтгириҳо ва одатҳоро муттаҳид менамояд ва ҳамчун қобилияти истифодаи дониш ва таҷриба дар амал фаҳмида мешавад. Салоҳиятнокӣ барои муайян намудани сатҳи касбияти инсон истифода гардида, қобилияти шахсият ба амалҳои фаъол ва масъулиятноки ҳаётиро ифода мекунад. Дар психология ва

педагогикаи муосир масъалаҳои мукаммал намудани салоҳиятҳои асосии хонандагон муносибати гуногунсамтаро талаб менамояд. Салоҳияти асосӣ хусусияти интегративӣ дошта, динамика ва гуногунмаъногии он мураккабӣ ва мухталиф будани натиҷаи онро муайян менамояд. Ҷанбаи калидии салоҳиятнокӣ истифодаи дониш дар фаъолияти амалии инсон аст.

Ташаккули салоҳиятнокӣ дар раванди таълим ҳамчун вазифаи муҳим арзёбӣ мегардад, ки ба рушди қобилияти татбиқи донишҳо, малакаҳо ва арзишҳо дар ҳолатҳои гуногуни ҳаёт равона шудааст. Салоҳиятнокӣ имкон медиҳад, ки хонандагон на танҳо донишҳои назариявӣ азхуд кунанд, балки онҳоро дар амалия татбиқ намуда, мушкилоти мушаххасро ҳал намоянд ва қарорҳои самаранок қабул кунанд. Дар ин замина, педагогҳо вазифадоранд, ки шароит ва муҳитеро фароҳам оранд, ки ташаккули салоҳиятҳои гуногунро ҳавасманд созанд.

Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки салоҳиятнокӣ ҳамчун сохтори мураккаб аз унсурҳои гуногун иборат аст, ки донишҳо, малакаҳо, муносибатҳо ва арзишҳоро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, салоҳиятнокӣ на танҳо маҷмӯи донишҳо, балки қобилияти истифодаи онҳо дар шароити мушаххас мебошад. Инчунин, он дорои ҷузъи арзишӣ мебошад, ки интихоби стратегияи мувофиқ ва амалҳои масъулиятнокро муайян мекунад.

Дар педагогикаи муосир, ташаккули салоҳиятнокӣ тавассути истифодаи усулҳои фаъоли таълим, аз қабили омӯзиши лоиҳавӣ, омӯзиши ҳолатӣ, бозиҳои нақшӣ ва мубоҳисаҳои гурӯҳӣ амалӣ карда мешавад. Ин усулҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки дар раванди таълим фаъолона иштирок намуда, донишҳоро мустақилона кашф кунанд, мушкилотро ҳал намоянд ва бо ҳамкорон муносибатҳои созанда барқарор кунанд.

Барои арзёбии сатҳи салоҳиятнокӣ, усулҳои гуногуни баҳодиҳӣ, аз қабили портфолио, баҳодиҳии ҳамсолон, баҳодиҳии худидоракунӣ ва санҷишҳои амалӣ истифода мешаванд. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки на танҳо сатҳи дониш, балки қобилияти татбиқи онҳо дар амал, малакаҳои ҳалли мушкилот, кор дар гурӯҳ ва муоширати байнишахсӣ баҳогузорӣ карда шаванд.

Ташаккули салоҳиятнокӣ дар раванди таълим вазифаи муҳим ва бисёрҷанба буда, муносибати комплексӣ ва муттаҳидкунандаро талаб мекунад. Он ба рушди шахсияти фаъол, масъулиятнок ва қобили мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи ҷаҳони муосир равона шудааст.

Салоҳиятҳои асосӣ ҳамчун хусусияти интегралӣ ва серҷанбаи шахсияти мутахассис аст, ки сифати баланди фаъолияти меҳнатиро дар асоси донишҳо, қобилият ва донистани воситаҳои иҷроиши фаъолият таъмин менамояд. В.В.Сериков қайд менамояд, ки салоҳияти мутахассис бо хусусияти ихтисос алоқаманд аст, ки дар маҷмуъ ба донишҳои асосӣ заруранд. Чунин таснифоти салоҳиятнокӣ моҳияти онро дар қобилияти инсон дар истифодаи донишҳои илмӣ ва амалӣ нисбат ба фаъолияти асосӣ ифода менамояд.

Ташаккули салоҳиятҳои асосӣ, мукаммалгардонии минбаъдаи он дар доираи тамоми фанҳо дар раванди таҳсилоти асосӣ бо назардошти алоқаҳои байнифаннӣ амалӣ мегардад. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои асосӣ бо назардошти он, ки рушди ҳар як унсури он дар давраи алоҳида боиси рушди унсурҳои дигари салоҳияти асосӣ мегардад, ҷудо намуд.

Дар таълими технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ маҷмуи метод ва воситаҳои омӯзиш, ки ба ташаккули донишҳои алоҳида, қобилият, маҳорат ва салоҳият равона гардидааст, пешниҳод мегардад. Дар шароити компютеркунонии таҳсилот дар раванди таълим боз як иштирокчии дигар - компютер пайдо мешавад, ки бо таъминоти барномавии зарурӣ маҷаҳҳаз гардонида шудааст. Сатҳи фарҳанги иттилоотии хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ин қобилияти кор кардан бо иттилоот дар компютер бо истифодаи метод ва воситаҳои муосир ба ҳисоб меравад.

Ҳадафи асосии маълумоти миёнаи умумӣ омодасозии мутахассиси рақобатпазир бо малакаҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва омодагии татбиқи дониш дар фаъолияти минбаъда мебошад. Аз ин рӯ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифадоранд раванди таълимро бо назардошти иттилоотикунонии таълим ташкил намоянд.

Воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба хонандагон ва омӯзгорон имкон медиҳанд, ки захираҳоеро, ки дар ҷараёни

таълим истифода мешаванд, ба монанди презентатсияҳои омӯзишӣ, тестҳо, дастурҳо, барномаҳо барои синфи компютериро эҷод намоянд. Ҳамаи ин воситаҳоро хонандагон таҳти роҳбарии омӯзгор барои истифодаи минбаъда сохта метавонанд, ки имкон медиҳад малакаҳои амалии дар дарсҳо ҳосилшударо тақвият бахшад.

Воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ имконият медиҳад, ки шаклҳо ва услубҳои нав методикаи таълими лоиҳавӣ барои эҷоди лоиҳаҳои байнисоҳавӣ пайдо карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки таҷрибаи фаъолияти хонандагон ташаккул ёбад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим дар ҳамон ҳолат самаранок мегардад, ки агар шароитҳои муайяни дидактикӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Шароитҳои зерини дидактикӣ чунинанд:

- ба инобат гирифтани нақши пешбари донишҳои назариявӣ;
- ягонагии вазифаи таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандаи таҳсилот;
- ҳавасманднамоӣ ва ангезиши муносибати мусбӣ ба таълим;
- мушкилот;
- пайваст намудани корҳои таълимии коллективӣ бо муносибатҳои инфиродӣ;
- самтгирии таълим ба фаъолнокии шахсият;
- мутобиқати махзани таълимӣ-иттилоотӣ ба мундариҷаи таълим.

Истифодаи маҷмӯи шароитҳои дидактикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ сифати тайёрии мутахассиси рақобатпазирро дар бозори меҳнат, ки касбашро хуб медонад, баланд мебардорад ва ба рушди доимӣ, худомӯзӣ ва зудҳаракатии иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии босуръати талабот дар бозори меҳнат, истифодаи маҷмӯи шароитҳои дидактикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ на танҳо имконпазир, балки зарурати ногузири таъмини рақобатпазирии мутахассисони оянда мебошад. ТИК, аз қабили платформаҳои таълимии электронӣ, абзорҳои таҳлили додаҳо ва моделиронии рақамӣ, имконият медиҳанд, ки раванди таълим ба талаботи

фардии хонандагон мутобиқ гардонида шуда, таваҷҷуҳ ба рушди малакаҳои амалӣ ва тафаккури интиқодӣ равона карда шавад.

Аз ҷумла, истифодаи бозиҳои тақлидкорӣ ва амсилаҳои маҷозӣ дар раванди таълим имкон медиҳад, ки хонандагон дар шароити наздик ба воқеият таҷриба андӯхта, қарорҳои стратегӣ қабул намоянд ва оқибатҳои онҳоро арзёбӣ кунанд. Ин усул махсусан дар соҳаҳои муҳандисӣ, иқтисодӣ ва тиббӣ, ки хатогиҳо метавонанд гаронбаҳо бошанд, аҳамияти калон дорад. Мувофиқи таҳқиқоти Муассисаи таҳқиқоти педагогии Амрико (AERA), истифодаи ТИК дар таълим метавонад ҳосилнокии таълимро то 30% афзоиш диҳад.

Илова бар ин, ТИК имкониятҳои нави ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷрибаро байни хонандагон, омӯзгорон ва корфармоён фароҳам меорад. Вебинарҳо, конфронсҳои онлайнӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ имкон медиҳанд, ки хонандагон бо мутахассисони пешқадам дар соҳаи худ робита барқарор намуда, аз таҷрибаи онҳо омӯзанд ва имкониятҳои нави касбиро кашф намоянд. Чунин муҳити ҳамкорӣ ба рушди малакаҳои коммуникатсионӣ ва иҷтимоии хонандагон мусоидат мекунад, ки ин барои муваффақият дар бозори меҳнат ниҳоят муҳим аст.

Рушди доимӣ, худомӯзӣ ва зудҳаракатии иҷтимоӣ, ки ба шарофати истифодаи ТИК дар таълим таъмин карда мешавад, ба мутахассисон имкон медиҳад, ки ба тағйиротҳои босуръати технологӣ ва иқтисодӣ мутобиқ шаванд ва дар бозори меҳнат мавқеи устуворро ишғол намоянд. Маҳз мутахассисони қодир ба худомӯзӣ ва омӯзиши доимии малакаҳои нав метавонанд дар шароити рақобати шадид муваффақ гарданд ва ба рушди иқтисодиёти миллӣ саҳмгузор бошанд.

# БОБИ 2. АМСИЛАИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСИИ ХОНАНДАГОН ДАР ШАРОИТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

## 2.1. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қисми асосии ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна

Гузариш ба таълими босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ рушди қобилияти хонандагон ва ҷустуҷӯи воситаҳои нави таълимро тақозо мекунад. Таҳлили вазъияти имрӯза нишон медиҳад, ки ташаккули мақсадноки салоҳияти коммуникативии хонандагон яке аз самтҳои асосии беҳтар намудани омодагии онҳост. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ салоҳиятҳои калидӣ, аз ҷумла салоҳиятҳои коммуникативӣ дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтааст. Дар илми муосир ҷанбаҳои амалии коммуникатсия, аз қабили лингвистика, коммуникатсияи байнифарҳангӣ, технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ мавриди омӯзиш қарор доранд. Салоҳиятнокии коммуникативӣ ин унсури умумии салоҳиятнокӣ буда, бо сатҳи азхудшудаи маҳорат ва малакаҳои нутқӣ тасниф карда мешавад [78, С.256].

Муносибати босалоҳият имкон медиҳад, ки раванди таълим ба натиҷа нигаронида шуда, ба рушди малакаҳои амалии зарурӣ барои ҳаёт ва фаъолияти минбаъдаи хонандагон равона гардад. Тавре ки олимон қайд мекунанд, «салоҳиятнокӣ – ин қобилияти истифодаи дониш, малака ва муносибатҳо дар вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ мебошад» [47, С. 34-42]. Аз ин рӯ, ташаккули салоҳияти коммуникативӣ на танҳо азхудкунии қоидаҳои забон ва нутқ, балки қобилияти истифодаи онҳо дар шароитҳои мушаххаси коммуникативӣ, барои ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ иборат аст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва густариши робитаҳои байнифарҳангӣ, салоҳияти коммуникативӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад. Таъмини муоширати самаранок дар муҳити гуногунфарҳангӣ, қобилияти дарк ва

эҳтироми фарҳангҳои дигар, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳими муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи таҳқиқоти Е.Г. Тарева, «коммуникатсияи байнифарҳангӣ – ин раванди муошири шахсонест, ки ба фарҳангҳои гуногун таалluқ доранд ва дорои системаҳои гуногуни арзишҳо мебошанд». Аз ин лиҳоз, ташаккули салоҳияти коммуникативӣ бояд ба омодагии хонандагон ба муошири самаранок бо намояндагони фарҳангҳои гуногун нигаронида шавад.

Барои ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. ТИК имкон медиҳад, ки раванди таълим ҷолибтар ва интерактивӣ гардад, инчунин ба хонандагон имконият медиҳад, ки малакаҳои муоширатро дар шароити гуногун, аз ҷумла дар муҳити онлайнӣ, азхуд намоянд.

Дар раванди ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон, нақши омӯзгор хеле муҳим аст. Омӯзгор бояд на танҳо донишҳои назариявиро пешниҳод кунад, балки инчунин ба хонандагон дар ташаккули малакаҳои амалии муошират, аз қабили гӯш кардан, суханронӣ, муҳокима ва ҳамкорӣ кӯмак расонад. Ғайр аз ин, омӯзгор бояд фазои мусоиди таълимӣ фароҳам оварад, ки дар он хонандагон аз ибрози ақидаи худ натарсанд ва омода бошанд, ки бо ҳамдигар ҳамкорӣ кунанд.

Ҳамин тариқ, ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон вазифаи муҳими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, ҳалли он рушди қобилияти хонандагон ва омодагии онҳоро ба ҳаёт ва фаъолияти минбаъда таъмин менамояд. Ин раванд истифодаи усулҳои муосири таълим, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва нақши фаъоли омӯзгорро тақозо мекунад.

Барои хонандагон донишҳо оид ба асосҳои раванди коммуникативӣ, маҳорати фаъолияти иттилоотӣ ва коммуникативӣ, хусусиятҳои коммуникатсияи шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ, муҳити коммуникатсионӣ ва истифодаи принсипҳои коммуникативӣ дар таҳлили чорабиниҳои ҷамъиятӣ зарур аст. Фаҳмиши хуби тарафайн омили муҳими муносибати мусбӣ буда,

нофаҳмиҳо метавонад ба мунокишаҳо оварда расонад. Салоҳияти коммуникативӣ барои муоширати самаранок зарур аст. Забони хаттӣ ва шифоҳӣ воситаи маъмули муоширати расмӣ буда, тафаккур, таҷриба, фикрҳо ва эҳсосоти инсонро инъикос мекунад. Барои интихоби дурусти воситаҳои шифоҳӣ, донистани семантика ва маънои онҳо зарур аст. Маънои иҷтимоиву коммуникативӣ воҳиди асосии коммуникатсия ба ҳисоб меравад[80, С.61].

Дар раванди коммуникатсия, таъсири мутақобила ва мубодилаи иттилоот байни иштирокчиён нақши калидӣ дорад. Ин раванд на танҳо интиқоли маълумот, балки фаҳмиши онро низ дар бар мегирад. Нофаҳмиҳо дар ин марҳила метавонад ба паҳншавии нодурусти иттилоот ва дар натиҷа ба мунокишаҳо оварда расонад.

Салоҳияти коммуникативӣ маҷмӯи донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳоест, ки барои муоширати самаранок зарур мебошад. Ин салоҳият аз донистани қоидаҳои забон, фарҳанг ва иҷтимоиёт иборат аст. Салоҳияти коммуникативӣ имкон медиҳад, ки инсон дар ҳолатҳои гуногуни коммуникативӣ ба таври муассир ва мувофиқ амал кунад.

Забони хаттӣ ва шифоҳӣ воситаҳои асосии муоширати расмӣ мебошанд. Забони хаттӣ барои сабт ва нигоҳдории иттилоот, инчунин барои интиқоли он ба масофаҳои дур истифода мешавад. Забони шифоҳӣ бошад, барои муоширати мустақим ва фаврӣ муфид аст. Ҳар ду шакли забон тафаккур, таҷриба, фикрҳо ва эҳсосоти инсонро инъикос мекунанд. Интихоби дурусти воситаҳои шифоҳӣ аз донистани семантика ва маънои онҳо вобаста аст, зеро ҳар як калима ва ибора метавонад маъноҳои гуногун дошта бошад.

Маънои иҷтимоиву коммуникативӣ воҳиди асосии коммуникатсия ба ҳисоб меравад. Ин маъно аз контексти иҷтимоӣ ва фарҳангии коммуникатсия вобаста аст. Мувофиқи назарияи конструктивизми иҷтимоӣ маъноҳо дар ҷараёни таъсири мутақобилаи иҷтимоӣ сохта мешаванд ва, аз ин рӯ, барои фаҳмидани паёмҳо донистани қаринаи иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо зарур аст. Ин дониш имкон медиҳад, ки муоширати самаранок ва пешгирии нофаҳмиҳо таъмин карда шавад.

А.А. Лобанов қайд мекунад, ки: “Нутқ - воситаи асосии коммуникатсия ва омили рушди тафаккури инсон ба ҳисоб меравад, он шахсиятро ифода менамояд, ӯро бо тамоми зуҳурот ошкор менамояд. Гуфтори нутқӣ ҳамчун шакли мураккаби фаъолият аст, ки аз амалҳои алоҳида иборат буда, ангеза, мақсад, вазифаи гӯяндаро дарбар мегирад. Барои амали намудани муошират бомуваффақ бояд назорати ин унсурҳои гуфтор ва интихоби бошуури онҳо амалӣ карда шавад” [78, С.27].

Дар соҳаи ташаккул ва инкишофи салоҳияти коммуникативии хонандагон таҳқиқотҳои муҳим ба монанди корҳои Н.С. Емелянов, А.В. Брушлинский ва дигарон мавҷуданд, ки хусусиятҳои ташкили раванди мазкурро ошкор месозанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити муосир ба ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон диққати махсус дода мешавад, ки омӯзонидани муошırати зеҳнӣ ва ҳамкориҳои коммуникативӣ аҳамияти калидӣ дорад. Барои муайян намудани моҳият, таснифи мафҳуми “салоҳияти коммуникативӣ” дар доираи донишҳои назариявии педагогӣ зарур аст.

Дар ин замина, мафҳуми "салоҳияти коммуникативӣ" ҳамчун маҷмӯи донишҳо, малакаҳо ва муносибатҳое муайян мешавад, ки имкон медиҳанд шахс дар равандҳои муошират бо дигарон самаранок ва бошуурона амал намояд. Ин салоҳият аз қобилияти фаҳмидани матнҳои гуногун, истифодаи забон дар шаклҳои гуногун (гуфторӣ ва хаттӣ), инчунин қобилияти таҳлил ва арзёбии вазъиятҳои коммуникативӣ иборат аст.

Салоҳияти коммуникативӣ, дар навбати худ, бо унсурҳои гуногун ифода меёбад, ки аз ҷумла забондонӣ, малакаҳои гӯш кардан ва шунавоӣ, қобилияти баён кардани андешаҳо ба таври возеҳ ва фаҳмо, инчунин қобилияти муносибат бо афкори дигаронро дар бар мегирад. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки салоҳияти коммуникативӣ на танҳо маҷмӯи малакаҳои техникӣ, балки инчунин қобилияти эҷодкорона ва муносибати интиқодӣ ба равандҳои муоширатро дар бар мегирад.

Барои ташаккули салоҳияти коммуникативӣ дар хонандагон, муҳим аст, ки дар раванди таълим усулҳои фаъол ва ҳамкориро истифода барем. Ин усулҳо аз ҷумла муҳокимаҳо, лоиҳаҳо, бозиҳои нақшӣ ва дигар шаклҳои фаъолиятеро дар бар мегиранд, ки хонандагонро ба муошират бо ҳамдигар ва омӯзгор ҷалб мекунанд. Ҳамзамон, муҳим аст, ки омӯзгор нақши фасилитаторро иҷро кунад, ки ба хонандагон дар таҳлил ва арзёбии стратегияҳои муошират ва рушди малакаҳои муассир кӯмак мерасонад.

Дар адабиёти педагогӣ таъкид мешавад, ки салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун як ҷузъи муҳими салоҳияти касбӣ дар оянда арзёбӣ мешавад. Хонандагоне, ки салоҳияти коммуникативии хуб ташаккулёфта доранд, дар ҷомеа муваффақтар хоҳанд буд, зеро онҳо метавонанд дар муҳити гуногуни касбӣ ва иҷтимоӣ муошırати муассир барқарор намоянд ва ҳамкориҳои самарабахшро ба роҳ монанд.

Мафҳуми салоҳияти коммуникативиро нахуст А.А. Бодалев истифода карда, таъкид кардааст, ки: “Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қобилияти ба роҳ мондан ва нигоҳ доштани алоқаҳои самаранок бо дигар одамон дар ҳолати мавҷудияти захираҳои дохилӣ, яъне дониш ва маҳорат аст” [16, С.42].

Бояд таъкид кард, ки консепсияи "салоҳияти коммуникативӣ" ҳамчун интихоб ва татбиқи модели рафтори нутқӣ вобаста ба потенсиали инсон дар ҳолатҳои гуногуни муошират, инчунин қобилияти фарқ кардани ҳолат аз рӯи мавзуъ, ҳадаф ва қоидаҳои коммуникативӣ зуҳур ва истифода мешавад.

Таҳлил ва баррасии сохтори салоҳияти коммуникативӣ собит месозад, ки то ҳол таснифоти ягона ва мукаммали мафҳуми "салоҳияти коммуникативӣ" пешниҳод нашудааст ва дар масъалаи муайян кардани ҷузъҳои таркибии он низ ягонагии назар вуҷуд надорад. Як зумра пажӯҳишгарон ҷузъҳои салоҳияти коммуникативӣ ва салоҳиятҳои зеҳниро ҷудогона баррасӣ намуда, онҳоро мустақил медонанд. Аммо, як гурӯҳи дигари олимон сертаркиба будани салоҳияти коммуникативиро таъкид мекунанд, вале тасаввуроти онҳо дар робита ба ин масъала хеле фарқ мекунад.

М.Н.Вятюнев алоқамандии байни маҳорати коммуникативӣ ва қобилияти зеҳниро таъкид намуда, изҳор кардааст, ки: “Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун воситаи  муошират дар фаъолияти меҳнатӣ ва таълимӣ, қонеъ намудани талаботҳои зеҳнӣ мебошад” [26, С.38-45].

Н.И.Гез бошад навиштааст, ки: “Салоҳияти коммуникативӣ маҷмуи қобилиятҳо, ки ба амалӣ намудани робита имконият медиҳад, маҳсуб меёбад. Салоҳияти коммуникативӣ қобилияти мутобиқ намудани гуфторро бо ҳадафҳои вазъияти муошират, дарки муносибатҳои тарафайни ҷонибҳои муошират, инчунин қобилияти ташкили дурусти муошират бо назардошти меъёрҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии рафтори коммуникативиро дарбар мегирад” [28, С.19]. Ю.Н.

Муҳаққиқ Ю.Н. Емелянов қайд намудааст, ки: “Салоҳияти коммуникативӣ ин чунин як сатҳи омӯхташудаи ҳамкорӣ бо муҳит аст, ки барои инсон дар доираи қобилият ва мавқеи иҷтимоӣ бомувввафақ амал намудан, талаб карда мешавад” [41, С.37].

Дар шароити имрӯза “салоҳияти коммуникативӣ” ба таври мухталиф тасниф карда мешавад. Чунин мешуморем, ки таснифоти нисбатан бомуваффақ, муайяннамоии зерин ба ҳисоб меравад: “Сифати интегралии шахсият, ки дониш ва маҳоратро барои ҳамкории самаранок бо мақсади ивазнамоии иттилоот, ба роҳ мондани алоқаҳо, идоракунии вазъият бо ёрии воситаҳои шифоҳӣ ва хаттӣ пешбинӣ менамояд” [115, С.110-117].

Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қобилияти интегративӣ, ки ба натиҷанокии фаъолияти коммуникативӣ равона шудааст, муайян мегардад ва аз таҷрибаи муошират, сатҳи омӯзиш ва рушд бармеояд. Ташаккули салоҳияти коммуникативӣ дар натиҷаи ҳамкории субъектҳои раванди таълим ба миён меояд, ки дар он муошират нақши муҳим дорад ва асоси мундариҷавии робита ба ҳисоб меравад. Дар муошират шакл, навъ ва вазифаҳои ҳамкорӣ амалӣ мегарданд ва маҳорати коммуникативӣ таҳким меёбад [92, С.231].

Муҳаққиқоне, ки мавзуи мазкурро таҳқиқу баррасӣ кардаанд, қайд мекунанд, ки муошират ҳамчун ҳамкорӣ аст, ки вазифаи асосии он танзим мебошад. “Ҳамкорӣ ҳамчун унсури интегративии фаъолият бо назардошти манфиатҳо ва одатҳои шахсӣ фаҳмида мешавад. Муошират раванди дуҷонибаи робита ва ивази иттилоот байни субъектҳо мебошад, ки ташаккул, пешниҳод, қабул ва таҳқиқи иттилоотро дар бар мегирад” [56, С.63].

Ҳамкории коммуникативӣ дар асоси нишондиҳандаҳои гуногун навъбандӣ карда мешавад: дар асоси миқдор, характер ва сатҳи ҷалби субъектҳо ба раванди ҳамкорӣ; шаклҳои ташкилии ҳамкориҳои коммуникативӣ; воситаҳои коммуникативӣ; аз мавқеи манфиати тарафҳо; дар асоси таҷассуми хусусиятҳои психологии ҳамкории коммуникативӣ ва ғайраҳо [105, С.25-26].

“Дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ принсипи асосии тарҳи коммуникативии таҳсил шавқу рағбат ба раванди ҳамкорӣ ба ҳисоб меравад, ки байни омӯзгор ва хонандагон дар дарсҳо ба роҳ монда шуда, ба дарки масъалаи баррасишаванда ва якдигарфаҳмӣ байни тамоми иштирокчиёнӣ ҳамкорӣ равона карда шудааст” [11, С.279].

Хулоса, д**ар ҳамаи таснифоти мавҷуда, салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун як маҷмуи мушаххаси донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо муаррифӣ мешавад, ки барои таъмин ва танзими равандҳои муошират ва иртибот хизмат мекунад. Ин маҷмуъ имкон медиҳад, ки мутақобилаи самаранок ба даст оварда шуда, таъсири зарурии тарафайн таъмин гардад.**

Пас аз истифода гардидани мафҳуми мазкур, як қатор таҳқиқотчиён ба ин масъала рӯй оварда, тахқиқотҳои эмпирикии худро гузарониданд. Умуман, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таҳқиқи салоҳияти коммуникативӣ, дар шароити имрӯза ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст. Дар аксарияти таҳқиқотҳо таъкид карда мешавад, ки моҳияти салоҳияти коммуникативӣ ин қобилияти ба роҳ мондан ва нигоҳ доштани алоқаҳои зарурӣ бо одамони дигар  ба ҳисоб меравад [52, С.53].

Дар консепсияи дарки салоҳияти коммуникативӣ олимон малака ва маҳорати истифодаи муносиб ва моҳиронаи забонро дар вазъияти мушаххаси муошират дохил менамоянд. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қобилияти эҷодии инсон дар истифодаи техникаи воситаҳои забонӣ муайян карда мешавад, ки аз дониш ва омодагии истифодаи муносиби онҳо зоҳир мегардад. Л.А.Петровская чунин мешуморад, ки тайёр будан ба гуфтугӯ заминаи салоҳияти коммуникативӣ ба ҳисоб меравад [101, С.132].

Хусусияти салоҳияти коммуникативии шахсият самтгириҳо дар соҳаи муошират, маърифат ва муносибатҳои байнишахсӣ, донистани қонуниятҳои мантиқӣ, одоби муошироти шифоӣ, технологияҳои коммуникативӣ ба ҳисоб меравад. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун маҷмуи донишҳои шахсии ташаккулёфта, қобилиятҳои коммуникативӣ ва ташкилотӣ, маҳорати худназораткунӣ баррасӣ карда мешавад. Он дар алоқамандӣ бо хусусиятҳои таъсиррасонии одамон, донишҳо ва малакаҳо дар соҳаи муносибатҳои байнишахсӣ баррасӣ карда мешавад. Инчунин, салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун сифати шахс, ки дар муносибат бо одамони дигар зоҳир мегардад, ҳамчун малакаи коммуникативӣ ва ташкилӣ баррасӣ карда мешавад.

Яке аз масъалаҳои муҳим таркиби салоҳияти коммуникативӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки **салоҳияти коммуникативӣ аз чор унсури алоҳида ва ба ҳам алоқаманд иборат аст. Ин унсурҳо ба якдигар таъсир мерасонанд, зеро мазмун ва мундариҷаи унсури алоҳида тариқи унсурҳои дигар амалӣ мегардад ва дар онҳо зоҳир мегардад:**

- унсури ҳавасмандӣ-арзишӣ, ки арзишҳои коммуникативӣ, талаботҳо, муқаррарот, кӯшиши бунёд, бадасторӣ ва паҳни иттилоот, бадастории дастгирии эҳсосотӣ, арзишҳои шахсӣ таҷассум мегардад;

- унсури маърифатӣ, ки аз системаи донишҳои коммуникативӣ, донишҳо оид ба ҷанбаи арзишиву маъногии муошират, оид ба сифатҳои шахсӣ, ки ба муошират мусоидат менамоянд ё баръакс монеа мегарданд, иборат аст;

- унсури эҳсосотӣ, ки дар бунёд ва нигоҳ доштани алоқаи мусбии эҳсосотӣ бо ҳамсуҳбат, худтанзимнамоӣ ифода мегардад;

- унсури рафторӣ, ки дар қобилияти дарки нафари дигар дар муошират, қобилияти қабул намудан, дарк кардан ва дуруст баҳогузорӣ намудани шарики муошират таҷассум мегардад [37,20].

Мувофиқи муносибати функсионалӣ салоҳияти коммуникативӣ аз унсурҳои иҷтимоиву забонӣ, граматикӣ ва стратегӣ иборат аст. Салоҳияти иҷтимоиву забонӣ ин қобилияти истифодаи воситаҳои забонӣ ба назардошти мавзуъ, нақши иштирокчиён дар муошират ва муҳит ё вазъияти мушаххаси коммуникативӣ, инчунин донистани қоидаи рафтор, ки дар вазъияти мазкур қабул гардидааст, ба ҳисоб меравад. Салоҳияти граматикӣ ба соҳаи донистани қоидаҳои забоншиносӣ, ба монанди хазинаи луғавӣ, калимасозӣ ва сохтори ҷумла тааллуқ дорад.

М.Н. Вятюнев чунин пешниҳод менамояд, ки салоҳияти коммуникативӣ - ин интихоб ва амалӣ намудани барномаи рафтори шифоҳӣ аст, ки аз қобилияти инсон дар самтгирии ӯ дар ин ё он муҳити коммуникативӣ вобаста мебошад: ин маҳорати муайян намудани вазъият дар алоқамандӣ бо вазифа, мавзуъ ва муқаррароти коммуникативӣ аст [26, С.38].

Ҷанбаи этикии салоҳияти коммуникативӣ риояи меъёрҳои муошират, истифодаи дурусти воситаҳои забониро дар вазъияти ҳаётии муошират пешниҳод менамояд. Дар чунин вазъият кӯшиш карда мешавад, ки натанҳо ба мақсадҳои худ диққат дод, балки манфиати шарикии муоширатро ба инобат гирифт. Таркиби этикии салоҳияти коммуникативӣ ҳамеша хусусияти созандаро доро мебошад, зеро интихоби воситаи рафтор нисбат ба шарики муошират ҳамеша бо назардошти вазъияти мушаххас амалӣ карда мешавад.

Таҳлили шароитҳои имконпазири дидактикии раванди ташаккули салоҳияти коммуникативӣ нишон медиҳад, ки технологияҳои мухталифи фаъолияти таълимӣ ҷудо карда мешаванд. Дар ин самт, технологияи гуфтугӯи стратегияеро амалӣ менамояд, ки дар раванди муошират барои ба даст овардани натиҷаи ба нақша гирифташудаи коммуникативӣ истифода

мешаванд. Дар фарқият аз гуфтугӯ, нутқи монологӣ - нутқи нисбатан мутташаккил ба ҳисоб меравад, ки барномарезии муайянро талаб менамояд. Барои монолог тартиби нутқ, мулоҳизаронии пешакӣ муҳим аст. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки технологияи гуфтугӯӣ ва монологӣ ба ташаккули малакаи коммуникативии хонандагон мусоидат менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон технологияи бозӣ васеъ истифода карда мешавад. Бозиҳои нақшофаринӣ ба бунёди ҳолатҳои мухталифи коммуникативӣ кӯмак менамоянд, имконият медиҳанд, ки асоси самтгириҳои рафтори хонандагон дар ҳолатҳои нутқӣ ташаккул ёбад. Истифодаи бозиҳои нақшофаринӣ ба рушди малакаҳо мусоидат менамояд. Дар гузаронидани бозиҳои нақшофаринӣ имконияти тақлиди вазъияти муошират пайдо мешавад. Чунин технологияҳо ба ҳалли вазифаҳои коммуникативӣ, ба азхудкунии маҳорати бозёфт ва пайванд кардани роҳҳои ҳалли масъала кӯмак намуда, ба ворид гардидани таҷрибаи коммуникативӣ ба системаи омилҳои дохилии муваффақияти иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, салоҳияти коммуникативӣ ин тайёрии назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ дар соҳаи муносибатҳои байнишахсӣ, истифодаи моҳирона ва самараноки воситаҳои нутқ дар вазъият ва соҳаҳои мухталиф, донистани одоби муошират,, технологияҳои коммуникативӣ ба ҳисоб меравад. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун маҷмуи донишҳо, маҳорати коммуникативӣ ва ташкилӣ, қобилияти худназоратнамоӣ баррасӣ карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ташаккул ва рушди салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон аз салоҳияти зеҳнӣ вобаста аст, зеро маҳз он ҳамчун заминаи азхудкунии донишҳо дар соҳаҳои мухталиф баромад менамояд. Дар алоқамандӣ бо ин дар хонандагон қобилияти худомӯзӣ - ҷустуҷӯӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи технологияҳои навтарини коммуникативӣ, ташкил намудани раванди таълимӣ ва ҳамкорӣ инкишоф

меёбад. Ҳамин тариқ, салоҳияти зеҳнӣ ва коммуникативӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои камолоти зеҳнӣ баррасӣ карда мешавад.

Қайд намудан зарур аст, ки салоҳияти зеҳнӣ ва коммуникативии хонанда барои фаъолияти минбаъда, инчунин барои худтакмилдиҳии хонанда салоҳияти калидӣ ба ҳисоб меравад. Чунин салоҳиятҳо ҳамчун қобилияти ҳалли ҳолатҳои проблемавӣ баромад менамоянд.

Барои рушди салоҳияти коммуникативӣ муносибати мусбии инсон ба раванди муошират, яъне, мавқеи фаъоли коммуникативӣ, ки дар рафтори мувофиқ зоҳир мегардад, муҳим аст. Дар раванди чунин муошират имконияти дарк намудан ва амалӣ кардани амалҳои якҷоя барои ҳар як иштирокчӣ мавҷуд аст.

Имконияти чунин дарккнамоӣ ба рушди зеҳнӣ мусоидат менамояд, зеро маҳз зеҳн дар ташаккули салоҳияти коммуникативӣ нақши муҳим бозида, қисми таркибии қобилиятҳои коммуникативӣ баромад менамояд ва ҳамчун қобилияти баҳогузориву дарки рафтори худ ва рафтори одамони дигар баррасӣ карда мешавад. Ин ҳама сатҳи ташаккули мавқеи салоҳиятнокиро дар раванди муошират ва муваффақияти рушди нерӯи коммуникативии инсон муайян менамояд. Ҳамин тариқ, метавон чунин як муоширатро салоҳиятнок ҳисобид, ки дар доираи он мавқеи салоҳиятнокӣ истифода карда мешавад [38, С.289].

Салоҳияти коммуникативӣ ин тайёрии назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ дар соҳаи муносибатҳои байнишахсӣ, истифодаи моҳирона ва самараноки воситаҳои нутқ дар вазъият ва соҳаҳои мухталиф, донистани одоби муошират, технологияҳои коммуникативӣ ба ҳисоб меравад. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун маҷмуи донишҳо, маҳорати коммуникативӣ ва ташкилӣ, қобилияти худназоратнамоӣ баррасӣ карда мешавад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълим самаранок буда, хонандагонро ба ташаббус ва иҷрои вазифаҳои иловагӣ ҳавасманд менамояд. Муҳити иттилоотиву коммуникативӣ дастрасии фаврии иттилоот, коммуникатсияи байни иштирокчиёни раванд ва кори мустақилонаи гурӯҳию инфиродиро таъмин мекунад. Истифодаи фаъоли ин технологияҳо имконият медиҳад, ки тайёрии мутахассисон беҳтар гардад ва хонандагон бо дастовардҳои илмӣ-техникӣ шинос шаванд. Ташаккули салоҳияти иттилоотиву коммуникативӣ ва рушди муҳити иттилоотии муассисаи таълимӣ вазифаҳои муҳими системаи маълумоти миёнаи умумӣ мебошанд.

Дар шароити муосир, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълим на танҳо як тамоюл, балки зарурати воқеӣ ба ҳисоб меравад. Гузариш ба шакли электронии таълим, истифодаи захираҳои таълимии онлайн ва платформаҳои таълимӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён дар вақти дилхоҳ ва дар ҳама ҷо ба маълумот дастрасӣ пайдо кунанд.

Ворид намудани унсурҳои ТИК дар раванди таълим инчунин ба рушди малакаҳои муҳими асри XXI, аз қабили тафаккури интиқодӣ, ҳамкорӣ, эҷодкорӣ ва малакаҳои коммуникатсионӣ мусоидат мекунад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи ТИК дар таълим хонандагонро фаъолтар мегардонад ва ҳавасмандии онҳоро барои омӯзиш зиёд мекунад. Илова бар ин, ТИК имкон медиҳад, ки муаллимон усулҳои гуногуни таълимро истифода баранд, ки ба талаботи инфиродии ҳар як хонанда ҷавобгӯ бошанд.

Дар робита ба ин, таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимии мувофиқ, ки ба истифодаи самараноки ТИК нигаронида шудаанд, аҳамияти калон дорад. Инчунин, зарур аст, ки муаллимон дониши кофӣ дар бораи истифодаи ТИК дошта бошанд, то ки онҳо тавонанд ин технологияҳоро ба таври муассир дар раванди таълим истифода баранд. Таъмини муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти муосири ТИК ва дастрасии доимӣ ба интернет низ шарти муҳими муваффақият аст.

Ҳамин тариқ, истифодаи ТИК дар таълим на танҳо ба беҳтар шудани сифати таълим мусоидат мекунад, балки инчунин ба тайёр кардани мутахассисони рақобатпазир, ки қодиранд дар ҷомеаи иттилоотӣ бомуваффақият фаъолият кунанд, мусоидат мекунад. Ин раванд бояд ҳамаҷониба ва бо назардошти таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ сурат гирад.

Муайянсозии дараҷаи рушди салоҳиятҳо бо истифода аз воситаҳои ташхисӣ, аз қабили пурсишномаҳо, тестҳо ва саволномаҳо, имкон медиҳад, ки сифатҳои инфиродии хонандагон, ки ба салоҳият ва салоҳиятмандии онҳо таъсир мерасонанд, ҳадафмандона арзёбӣ карда шаванд. Истифодаи нишондиҳандаҳо, аз қабили ҳавасмандӣ, интеллект, фаъолият ва рефлексия, дар муайян намудани сатҳи ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Дар ташхиси сатҳи ташаккули салоҳияти хонандагон методҳои мусоҳиба, пурсиш, методи ченаки зеҳнии иҷтимоӣ, мушоҳида ва санҷиш мавриди истифода қарор гирифтанд. Қайд кардан зарур аст, ки баҳогузории ташаккули салоҳият хусусияти сатҳӣ дорад. Дар доираи сатҳи ташаккули салоҳият дараҷаи пуррагии азхудкунии тамоми унсурҳо ба назар гирифта мешавад.

Раванди ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ташаккули донишҳо ва маҳорату қобилиятҳо дар мустақилона истифода намудани технологияи иттилоотӣ ва компютерӣ дар фаъолият барои ҳалли доираи

васеи вазифаҳои ҳаётан муҳим ва омодагӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ зоҳир мегардад.

# ХУЛОСАИ УМУМӢ

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда мо ба чунин хулоса расидем, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди ташаккул ва рушди салоҳиятнокӣ ва салоҳияти хонандагон ба таври назаррас мусоидат менамояд.

Дар илми педагогика имрӯз таснифҳои гуногуни мафҳумҳои салоҳият ва салоҳиятнокӣ мавҷуданд. Мафҳуми "салоҳият" бори аввал аз ҷониби Н.Хомский дар асараш "Ҷанбаҳои назарияи синтаксис" (1965) истифода шудааст. Мувофиқи таърифи ӯ, салоҳият қобилияти иҷрои фаъолияти мушаххас, бахусус фаъолияти забониро ифода мекунад. Хомский салоҳиятро ҳамчун маҷмӯи қобилиятҳои зеҳнӣ, донишҳо ва эътиқодот, ки дар муошират бо дигар омилҳо инкишоф меёбанд, муайян мекунад.

Мафҳуми салоҳият на танҳо унсурҳои маърифатӣ ва амалию технологӣ, балки унсурҳои ҳавасмандгардонӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва рафториро низ дар бар мегирад. Салоҳият ин натиҷаи таҳсил, системаи арзишҳо ва одатҳо мебошад. Ин мафҳум на танҳо дар муассисаҳои таълимӣ, балки инчунин тавассути оила, ҳамсолон, дин ва фарҳанг ташаккул меёбад. Барои ҳар як салоҳият дараҷаҳои гуногуни рушдро муайян кардан мумкин аст.

Дар як қатор таҳқиқотҳо мафҳуми "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ" ҳамчун синоним баррасӣ карда шудаанд. Лекин, дар таҳқиқоти худ зарур мешуморем, ки мафҳуми "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ" ҷудо карда шаванд. Мувофиқи таҳқиқотҳои А.С.Белкин, С.Е.Шишов ва Л.М.Сурков метавон муқаррар намуд, ки салоҳият - ин меъёрҳои пешниҳодшуда ба тайёр намудани мутахассис аст, ки барои фаъолият дар соҳаи муайян зарур аст. Салоҳият ҳамчун қобилият ва омодагии шахсият ба фаъолияти бомуваффақи маҳсулнок, ки дар донишҳо ва таҷриба асос ёфтааст, баррасӣ карда мешавад. Салоҳиятнокӣ бошад, ҳамчун сифатҳои аллакай ташаккулёфтаи шахсият, ҳамчун "барнома" фаҳмида мешавад, ки дар асоси он салоҳият рушд менамояд.

Дар доираи педагогика пештар муносибатҳои илмӣ ҷой доштанд, ки мувофиқи онҳо “салоҳиятнокӣ” (ба даст овардан, мувофиқ будан) ҳамчун илм ва таҷриба дар ин ё он соҳа, ҳамчун имкониятҳои шахсии мансабдори муайян, дониш ва таҷрибаи ӯ, ки имконият медиҳад дар коркарди доираи муайяни қарорҳо иштирок намояд ё масъаларо худ ҳал намояд, тасниф карда мешуд.

Сатҳи эмпирикӣ донишҳоро тасниф менамояд, аммо мустақилияти роҳбарият, тавсияҳо ва таҳлил надорад ва ба асоснокии назариявӣ такя мекунад. Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълим истифода шуда, муносибати махсус ва таҳқиқоти илмиро талаб мекунанд, то мақсадҳо ва методҳоро мутобиқ созанд. Истифодаи технологияҳо самаранокии таълимро беҳтар намуда, тайёрии хонандагонро такмил медиҳад. Воситаҳои гуногуни технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагон мусоидат мекунанд.

Дар контексти таҳсилоти муосир, татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ на танҳо воситаи мусоидаткунанда, балки ҷузъи зарурии раванди таълимӣ ба шумор меравад. Ин технологияҳо имконият медиҳанд, ки мундариҷаи таълимӣ ба таври ҷолибтар ва дастрастар пешниҳод карда шавад, инчунин, ҳамкории байни омӯзгорон ва хонандагонро тақвият бахшанд. Истифодаи ТИК дар таълим имкон медиҳад, ки хонандагон малакаҳои муҳими асри XXI, аз қабили тафаккури интиқодӣ, ҳалли мушкилот ва ҳамкорӣ дар гурӯҳҳоро инкишоф диҳанд.

Илова бар ин, ТИК имкон медиҳад, ки раванди таълим фардикунонида шавад, яъне ба эҳтиёҷоти инфиродии ҳар як хонанда мутобиқ карда шавад. Бо истифода аз платформаҳои таълимии онлайн, нармафзори таълимӣ ва захираҳои гуногуни интернетӣ, омӯзгорон метавонанд барои ҳар як хонанда барномаи таълимии махсус таҳия намуда, пешравии онҳоро пайгирӣ намоянд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон дар суръати худ пеш раванд ва ба он мавзӯъҳое, ки ба онҳо бештар таваҷҷӯҳ доранд, амиқтар ворид шаванд.

Бо вуҷуди ин, татбиқи самараноки ТИК дар таълим аз омӯзгорон дониши мукаммали педагогӣ ва техникӣ, инчунин, қобилияти интихоби дурусти воситаҳои ТИК-ро талаб мекунад. Омӯзгорон бояд дар истифодаи ТИК таҷриба дошта бошанд ва донанд, ки чӣ гуна онҳоро ба таври самаранок дар раванди таълим татбиқ намоянд. Инчунин, муҳим аст, ки омӯзгорон дар бораи манбаъҳои боэътимоди иттилоотӣ ва усулҳои арзёбии маълумот дониш дошта бошанд, то ки ба хонандагон дар интихоби маълумоти дуруст ва муҳим кӯмак расонанд.

Дар маҷмӯъ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ потенсиали бузургеро барои беҳтар намудани сифати таълим пешниҳод мекунанд. Бо татбиқи дурусти ТИК дар раванди таълим, мо метавонем ба хонандагон дар инкишофи малакаҳои зарурӣ барои муваффақият дар ҷаҳони муосир кӯмак расонем. Бо вуҷуди ин, муҳим аст, ки мо ин технологияҳоро ҳамчун воситае истифода барем, ки раванди таълимро дастгирӣ мекунад, на ҳамчун ҳадафи ниҳоӣ.

Дар шароити муосир муносибати босалоҳият ба сифати яке аз муқаррароти муҳими консептуалӣ таҷдиди мазмуну мундариҷаи таҳсилот баррасӣ карда мешавад. Муносибати босалоҳият ин самтгирии афзалиятнок ба мақсад - омӯзиш, худмуайяннамоӣ, рушди фардият ба ҳисоб меравад. Салоҳиятнокӣ, дар фарқият аз дониш, дорои характери амалкунӣ, амаливу самтгирӣ мебошад, яъне салоҳиятнокӣ ин маҷмуи донишҳо дар амал мебошад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар таълим бо шароитҳои дидактикӣ самаранок аст ва ба сифати тайёрии хонандагон таъсир мерасонад. Таҳқиқотҳои муосир ба салоҳияти коммуникативӣ диққати махсус медиҳанд ва корҳои амалӣ дар ташаккули онро талаб мекунанд. Ҷанбаҳои амалии коммуникатсия, аз қабили лингвистика ва технологияҳои иттилоотӣ, васеъ мешаванд. Салоҳияти коммуникативӣ маҷмӯи дониш, маҳорат ва малакаҳоест, ки самаранокии муоширатро таъмин мекунад.

Истифодаи ТИК дар таълим, дар сурате ки бо принсипҳои дидактикӣ мувофиқат кунад, метавонад баланд бардоштани самаранокии раванди таълим ва сифати тайёрии хонандагон мусоидат намояд. Таҳқиқотҳои муосир дар соҳаи педагогика ва психологияи таълим аҳамияти махсусро ба ташаккули салоҳияти коммуникативӣ равона карда, зарурати татбиқи корҳои амалиро дар ин самт таъкид менамоянд. Ҷанбаҳои амалии коммуникатсия, аз қабили лингвистикаи компютерӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, доираи васеътари татбиқро касб намуда, барои рушди салоҳияти коммуникативӣ имкониятҳои навро фароҳам меоранд.

Салоҳияти коммуникативӣ маҷмӯи мураккаби дониш, маҳорат ва малакаҳоест, ки самаранокии муоширатро дар шароитҳои гуногуни иҷтимоӣ ва касбӣ таъмин менамояд. Ин мафҳум на танҳо донистани забон, балки қобилияти истифодаи онро дар ҳолатҳои гуногун, аз ҷумла, тавассути воситаҳои ТИК дар бар мегирад. Тибқи таърифи М. Байрам, салоҳияти коммуникативӣ аз чанд ҷузъ иборат аст: салоҳияти забонӣ, иҷтимоӣ, дискурсӣ ва стратегӣ. Рушди ин ҷузъҳо дар раванди таълим, бо истифода аз ТИК, метавонад ба ташаккули муоширати муассир дар байни хонандагон ва омӯзгорон, ҳамчунин дар доираи васеи ҷомеа мусоидат намояд.

Истифодаи ТИК дар таълим имкон медиҳад, ки раванди таълим ба шакли интерактивӣ ва ҷолибтар табдил дода шуда, фаъолияти хонандагон дар ҷараёни дарс афзоиш ёбад. Воситаҳои ТИК, аз қабили платформаҳои таълимии онлайн, барномаҳои таълимии интерактивӣ, захираҳои мултимедиявӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, имконият медиҳанд, ки маводҳои таълимӣ дар шакли гуногун пешниҳод гардида, муносибати инфиродӣ ба хонандагон таъмин карда шавад. Ҳамчунин, ТИК имконият медиҳад, ки ҳамкории байни хонандагон дар лоиҳаҳои гурӯҳӣ тақвият ёфта, мубодилаи афкор ва таҷриба дар шакли онлайн ба роҳ монда шавад.

Дар айни замон, муҳим аст, ки истифодаи ТИК дар таълим бо мақсадҳои педагогӣ ва дидактикӣ мувофиқат кунад. Ин маънои онро дорад, ки омӯзгорон бояд дониши кофӣ оид ба ТИК дошта бошанд ва қобилияти

интихоби воситаҳои мувофиқро барои ҳалли вазифаҳои таълимӣ доштa бошанд. Ғайр аз ин, зарур аст, ки омӯзгорон маҳорати таҳияи маводҳои таълимии интерактивӣ ва ташкили фаъолияти муштараки хонандагонро дар муҳити онлайн доштa бошанд. Татбиқи муваффақонаи ТИК дар таълим аз омодагии касбии омӯзгорон ва таъмини онҳо бо захираҳои зарурӣ вобаста аст.

Пас аз истифода гардидани мафҳуми мазкур, як қатор таҳқиқотчиён ба ин масъала рӯй оварда, таҳқиқотҳои эмпирикии худро гузарониданд. Умуман, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таҳқиқи салоҳияти коммуникативӣ, дар шароити имрӯза ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст. Дар аксарияти таҳқиқотҳо таъкид карда мешавад, ки моҳияти салоҳияти коммуникативӣ ин қобилияти ба роҳ мондан ва нигоҳ доштани алоқаҳои зарурӣ бо одамони дигар ба ҳисоб меравад.

Салоҳият шарти ташаккул ва зуҳури салоҳиятнокӣ буда, омили асосии татбиқи бомуваффақияти салоҳият аст. Технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ воситаи самараноки таълим буда, дорои вазифаи ҳавасманднамоӣ ва ҳамкориҳои доимӣ мебошанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ технологияҳои мултимедӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад, ки онҳо имконияти коркард, ҳифз, интиқол ва намоиши матн, графика, аниматсия, расмҳои рақамӣ, видео, садоро фароҳам меоранд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки салоҳиятҳои худро ташаккул диҳанд ва ба раванди ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ омилҳои беруна ва дохилӣ таъсир мерасонанд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим, тавре ки дар Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, на танҳо баланд бардоштани сифати таълим, балки ташаккули шахсияти комил ва ҷавобгӯ ба талаботи ҷомеаи муосирро таъмин менамояд. Ин технологияҳо имконият медиҳанд, ки муаллим раванди

таълимро мувофиқи талаботи хонандагон ташкил намуда, ба ҳар як хонанда муносибати инфиродӣ зоҳир намояд.

Салоҳиятнокии иттилоотӣ ҳамчун қобилияти коркард, таҳлил ва истифодаи иттилоот аз манбаъҳои гуногун муайян мегардад. Ташаккули ин салоҳият дар шароити истифодаи васеи ТИК, аз ҷумла захираҳои электронӣ, пойгоҳҳои додаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ, аҳамияти хоса касб мекунад. Омилҳои дохилӣ, аз қабили ангеза, қобилияти омӯзиш ва дониши қаблӣ, инчунин омилҳои беруна, аз ҷумла муҳити таълимӣ, дастрасӣ ба технология ва дастгирии муаллим, ба раванди ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ таъсир мерасонанд.

Мувофиқи таҳқиқоти гузаронидашуда, истифодаи мунтазами ТИК дар дарсҳо ба баланд шудани шавқу ҳаваси хонандагон, фаъолнокии онҳо дар раванди таълим ва дарки амиқи мавзуъҳо мусоидат мекунад. Инчунин, ТІК имконияти таҳия ва истифодаи маводҳои таълимии интерактивӣ, аз қабили слайдҳо, видеоҳо ва симулятсияҳоро фароҳам меорад, ки ин ба беҳтар шудани азхудкунии мавод ва ташаккули малакаҳои амалӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ нақши муҳимро дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон мебозанд ва барои татбиқи бомуваффақияти салоҳиятнокӣ дар амал замина мегузоранд. Истифодаи дуруст ва самараноки ин технологияҳо метавонад ба беҳтар шудани сифати таълим, ташаккули шахсияти комил ва омода намудани насли ҷавон ба ҳаёти мустақилона дар ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат намояд.

Корҳои озмоишӣ дар асоси назария, ки гузоштани вазифа ва таснифи натиҷаҳоро муайян менамояд, гузаронида мешавад. Вазифаи асосии корҳои санҷишиву озмоишӣ санҷиши фарзия ва пешниҳодоти назария ба ҳисоб меравад.

Мақсади корҳои таҷрибавӣ - озмоишии мо муайян намудани шароитҳои дидактикии ташаккул ва инкишофи салоҳияти хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Мақсади гузошташуда хусусияти вазифаҳоро дар раванди корҳои таҷрибавӣ озмоиши муайян намуд:

- муайян намудани самт ва марҳилаҳои кор нисбати ошкор намудани ташаккули салоҳияти хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ;

- ошкор намудани нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ ва муайян намудани сатҳи аввалини ташаккули салоҳияти хонандагон;

- таҳлил ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳои ниҳоии корҳои санҷишиву озмоишӣ.

Суҳбатҳо ба хонандагон нишон дод, ки онҳо дар омӯзиш ва азхудкунии бастаҳои мухталифи барномаҳо ҳавасманд буда, дар ин самт саъю кӯшиш менамоянд. Лекин дар ин самт, шароити муфиди педагогӣ мавҷуд набуда, омӯзгорон имконият надоранд, ки ба таври инфиродӣ ба ҳар як хонанда машғул гарданд.

Ҳамин тариқ, ба таври умумӣ метавон қайд намуд, ки унсури когнитивии ташаккули салоҳияти хонандагон дар самти истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар сатҳи на он қадар баланд қарор дошта, беҳбудӣ мехоҳад.

Ташхиси ташаккули унсури тарҳсозии салоҳияти хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба ёрии пурсишномаҳо, худбаҳодиҳӣ ва нишондиҳандаҳои баҳогузории маҳсули фаъолияти таълимии хонандагон тариқи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ - маводҳои дидактикӣ ва методӣ амалӣ гардонида шуд.

Қайд намудан зарур аст, ки нишондиҳандаи назарраси ташаккули сатҳи одии унсури моделсозии салоҳияти хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ миқдори маҳсулоти таълимӣ мебошад, ки тариқи истифода аз компютер иҷро карда шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тамоми хонандагон дар омодагӣ ба машғулиятҳо, конференсияҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ васеъ истифода менамоянд.

Ташхиси ташаккули унсури тарҳсозии салоҳияти хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ тавассути пурсишномаҳо, худбаҳодиҳӣ ва нишондиҳандаҳои баҳогузории маҳсули фаъолияти таълимии хонандагон тариқи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ - маводҳои дидактикӣ ва методӣ амалӣ гардонида шуд.

Зимни баррасии масъалаи шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои умумии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ хулосаҳои хусусии зерин бароварда шуданд:

1. Таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ-озмоишӣ собит месозанд, ки салоҳияти коммуникативӣ ҷузъи муҳими салоҳияти умумӣ буда, бо дараҷаи азхудкунии малакаву маҳоратҳои нутқӣ, ки ҳолати рафтори нутқии касбиро муайян менамоянд, тавсиф мешавад. Салоҳияти коммуникатсионӣ ҳамчун омодагӣ ба дарки инсони дигар ва муошират бо ӯ, инчунин ҳамчун имконияти муқаррар ва ҳалли намудҳои махсуси вазифаҳои коммуникатсионӣ, муайян кардани ҳадаф ва стратегияи муошират, баҳодиҳии вазъият, ба инобат гирифтани мақсадҳо ва усулҳои муошират бо шарикон, тағйир додани тактика ва стратегияи муошират дар ҳолати зарурат, зуҳур меёбад.

2. Шароитҳои зерини дидактикӣ муайян карда шуданд, ки ба ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ мусоидат мекунанд: ба инобат гирифтани нақши пешбари донишҳои назариявӣ; ягонагии вазифаи таълимӣ, тарбияви ва инкишофдиҳандаи таҳсилот, яъне таълим ҳамчун раванди дидактикӣ натанҳо вазифаи таълимӣ, балки вазифаи тарбиявӣ ва ҳам вазифаи инкишофдиҳиро иҷро намояд; ҳавасманднамоӣ ва ангезиши муносибати мусбӣ ба таълим; пайваст намудани корҳои таълимии коллективӣ бо муносибатҳои инфиродӣ дар таълим.

3. Ташаккул ва инкишфи салоҳият ва салоҳиятнокӣ аз хусусиятҳои ҳавасмандӣ ва шахсиятии хонанда, ташхис ва таҳлили донишҳо, маҳорат, қобилият ва инчунин талаботҳову имконияти хонанда, мавриди истифода қарор додани корҳои мустақилона, корҳои лоиҳавӣ, шароити педагогӣ бо

таъсири муҳити таълимӣ вобаста аст. Илова бар ин, салоҳият ва салоҳиятнокӣ на танҳо дар доираи раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ, балки зери таъсири арзишҳои оилавӣ, доираи муносибатҳои рафиқона, унсурҳои динӣ ва арзишу анъанаҳои фарҳангӣ ташаккул меёбад;

4. Яке аз самтҳои муҳими такомули салоҳиятҳои умумии шогирдон ин ташаккули ҳадафмандонаи салоҳияти коммуникативии онҳо мебошад. Аз ин рӯ, таъмини шароитҳои мусоид дар ҷараёни таълим барои рушди маҳорати таҳлил ва таснифи маълумот дар заминаи ҳамкории субъектҳо зарур аст. Салоҳияти коммуникативӣ бо дараҷаи азхудкунии маҳорат ва малакаҳои нутқӣ, ки вазъияти амали нутқиро муайян мекунанд, тавсиф мешавад.

Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қобилияти ҳамгиройӣ муайян карда мешавад, ки дар сифатҳои гуманистии шахсият устувор буда, ба таъмини самаранокии фаъолияти коммуникативӣ нигаронида шудааст ва аз таҷрибаи муошироти байнишахсӣ, сатҳи таҳсилот, тарбия ва рушд сарчашма мегирад. Ташаккул ва рушди салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон ба салоҳияти зеҳнӣ вобаста аст, зеро он ҳамчун заминаи азхудкунии донишҳо дар соҳаҳои гуногун хизмат мекунад. Салоҳияти зеҳнӣ ва коммуникативӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои камолоти ақлӣ ва ташаккули шаклҳои дигари салоҳиятҳо баромад мекунанд.

5. Ба раванди ташаккули салоҳиятҳои комуникативии хонандагон роҳу воситаҳои зерини дидактикӣ мусоидат карда метавонанд: амалисозии муколамаи интерактивӣ, иттилооти визуалии таълимӣ, моделсозии равандҳо ва зуҳуроти воқеӣ ё виртуалӣ, нигоҳдории миқдори зиёди иттилоот дар формати рақамӣ, автоматикунонии ҷараёни фаъолияти ҳисоббарорӣ, автоматикунонии идоракунии фаъолияти таълимӣ ва ғ. Дар ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон истифодаи технологияи бозӣ мувофиқи мақсад аст.

6. Ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ҳамчун унсурҳои бунедии фаъолияти муваффақонаи касбӣ дар давраи таҳсил дар муассисаи таълимӣ ба таври қонунӣ сурат мегирад. Маҳз дар ин давраи ҳассоси ташаккули

худшиносӣ ва ҷаҳонбинии шахс таваҷҷӯҳи устувор ва майл ба намудҳои муайяни фаъолият бедор мешавад, ангезаҳои маърифатӣ тақвият меебанд, қобилияти қабули қарорҳои мустақил ташаккул меебад ва инчунин барои такмили доимии худ ва рушди шахсии шахс замина фароҳам оварда мешавад. Ҳамгиройийи технологияҳои инноватсионии таълим, шаклҳо ва усулҳои гуногуни таълим дар раванди таълим ба ташаккул ва рушди сифатҳои муҳим, аз қабили мустақилият, худтанзимкунӣ, қобилияти худомӯзӣ ва рушди худ таъсири назаррас мерасонад, ки дар ниҳоят ба ташаккули муқаррароти арзишии аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ки барои татбиқи самаранок дар соҳаи касбӣ заруранд, оварда мерасонад.

**Тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал:**

Дар асоси таҳлилҳо ва хулосабарориҳо мо чунин тавсияҳоро пешниҳод менамоем:

- воридсозии технологияҳои компютерӣ ба соҳаи маориф бояд пурзур карда шавад, зеро истифодаи онҳо дар ташаккул ва инкишофи салоҳияти касбии хонандагон мусоидат менамояд;

- дар раванди таълим аз шароитҳои дидактикии истифодаи технологияҳои компютерӣ бояд васеъ истифода карда шавад;

- истифодаи метод ва усуҳои таълими истифодаи технологияҳои компютерии мувофиқ дар тамоми муассисаҳои таълимӣ бояд ба роҳ монда шавад;

- ҷорӣ намудани курсҳои махсусгардонидашуда оид ба технологияҳои компютерӣ дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ барои таъмини омодагии касбии устувори хатмкунандагон зарур аст. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки кишварҳое, ки ба рушди малакаҳои рақамӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир мекунанд, дар иқтисодиёти рақамӣ ба дастовардҳои назаррас ноил мегарданд;

- таҳия ва нашри маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, дастурҳои таълимӣ ва маводи дидактикӣ оид ба истифодаи технологияҳои компютерӣ дар раванди

таълим бояд ба роҳ монда шавад. Чунин маводҳо бояд ба стандартҳои муосири педагогӣ ҷавобгӯ буда, барои дар амал татбиқ намудани усулҳои инноватсионии таълимӣ мусоидат намоянд;

- баргузории семинарҳо, тренингҳо ва курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорон оид ба истифодаи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим ва баланд бардоштани сатҳи дониши онҳо дар ин самт аҳамияти калон дорад. Мувофиқи таҳқиқоти илмӣ, омӯзгороне, ки малакаҳои истифодаи технологияҳои компютериро хуб азхуд кардаанд, дар фаъолияти касбии худ натиҷаҳои беҳтар нишон медиҳанд;

- ҷалби коршиносони соҳибтаҷрибаи соҳаи технологияҳои компютерӣ барои гузаронидани машваратҳо ва тренингҳо бо омӯзгорон ва хонандагон зарур аст. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ва омӯзгорон аз таҷрибаи пешқадами соҳаи технологияҳои иттилоотӣ баҳравар гарданд ва малакаҳои худро такмил диҳанд. Ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳа ба татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ мусоидат мекунад.

# ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абдусамадова М.А Компетентностный подход в профессионалной подготовке учителей начальных классов в эстетическом воспитании учащихся (на примере уроков изобразительного искусства) - Автореф. дисс. на соикание уч. степени канд. пед.наук. - Душанбе, 2014. – 26 с.

2. Агафонова, И.Д. Педагогическая модель формирования коммуникативной компетенции менеджеров в системе дополнительного образования / И.Д. Агафонова // Известия российского государственного технического университета. – 2008. – № 69 – С. 337-341.

3. Аксенова, Л.Н. Ситуационно-контекстный подход в процессе формирования профессиональной компетентности у будущих специалистов / Л.Н. Аксенова, Т.В. Боровская // Наука – образованию, производству, экономике : материалы 12-й международной научно-технической конференции. – Мн. : БНТУ, 2014. – Т. 2.154с.

4. Альбрехт, К.Н. Использование ИКТ на уроках английского языка / К.Н. Альбрехт // Информационно-коммуникационные технологии в педагогическом образовании. – 2010. – №5. – С. 1-2.

5. Аминов, Н.А. Социальный интеллект и социальная компетенция в подготовке социальных работников (факторные модели Дж. Гилфорда и Г. Морлоу) / Н.А. Аминов // Социальная работа. Под ред. И.А. Зимней. – М., 1992. – Вып. 5. – С. 37-46.

6. Андреев В.И. Педагогика творческого саморазвития. Казань. 1996.

7. Асмолов, А.Г. Системно-деятельностный подход к разработке стандартов нового поколения / А.Г. Асмолов // Педагогика. – 2009. – №4. – С. 18-22.

8. Атахонов, Т., Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ / Т. Атахонов и др. . - Душанбе 2005. с

9. Балакина, Л.Л. Диалог как педагогический принцип формирования коммуникативной компетентности учащихся / Л.Л. Балакина // Вестник

ТГПУ. – 2005. – Выпуск 2(46). – С. 52-56.

10. Балакина, Л.Л. Образование в условиях информационно-коммуникативного общества / Л.Л. Балакина // Вестник ТГУ. Бюллетень оперативной научной информации. – Томск, 2006. – № 76. – С. 6-15.

11. Батаева, Е.В. Коммуникативные и инструментальные стратегии в системе высшего образования. – Харковь, 2015. – Т. 21.

12. Белов, С.В. Диалог – основа профессии педагога / С.В. Белов. – М.: АПКиПРО, 2002. – 148 с.

13. Беспалько, В.П. Образование и обучение с участием компьютеров (педагогика третьего тысячелетия) / В.П. Беспалько. – М.: 2003.

14. Беспалов П.В. Компьютерная компетентность в контексте личностно-ориентированного обучения // Педагогика. - 2003. - № 4. - С. 41-45.

15. Богдан, Г.Ю. Новые информационные технологии как фактор повышения квалификации преподавателей колледжа. – Челябинск, 2003.

16. Бодалев, А.А. Общение и диалог в практике обучения, воспитания и психологической консультации / А.А. Бодалев. – М., 2007. – 164 с.

17. Бодалев А.А. Личность и общение / А.А. Бодалев. -М., 1995. –С. 42.

18. Борытко, Н. М. Диагностическая деятельность педагога: учебное пособие для студентов высших учебных заведений / Н. М. Борытко; под ред. В. А. Сластенина, И. А. Колесниковой. – М.: Академия, 2006. – С. 132.

19. Брыкова, О.В. Проектная деятельность в учебном процессе / О.В. Брыкова, Т.В. Громова. – М.: Чистые пруды, 2006. – 32 с.

20. Васичкина, О.Н Информационно-коммуникативные технологии на занятиях по иностранному языку / О.Н Васичкина // Актуальные проблемы лингвистики и журналистики. – 2008. – С. 236-240.

21. Вербицкий, А.А. Личностный и компетентностный подходы в образовании: проблемы интеграции / А.А. Вербицкий, О.Г. Ларионова. – М.: Логос, 2009. – 336 с.

22. Виноградова Г.А. Нравственно-психолгический климат и мастерство

учителя /Г.А.Виноградова.-Ижевск:Изд-во Удм.Ун-та,1995.- 123 с.

23. Власенко, В.А. Взаимосвязь компонентов информационно-образовательной среды школы / В.А. Власенко, А.В. Якушина // Интернет и образование. – 2012. – №41. – С. 124-128.

24. Волкова, Н.В. Коммуникативный потенциал проектной деятельности/ Н.В. Волкова // «CredeExperto: транспорт, общество, образование, язык»: международный информационно-аналитический журнал. – 2014. – № 1 (06). – С.162-170.

25. Вульфов Б.З. Педагогическое сопровождение: явление и процесс / Б.З. Вульфов // Мир образования – образование в мире. – 2017. - № 2 (22).- С.87-94.

26. Вятютнев, М.Н. Коммуникативная направленность обучения русскому языку в зарубежных школах / М.Н. Вятютнев // Русский язык за рубежом. – 1977. – № 6.

27. Гальперин, П.Я. Введение в психологию / П.Я. Гальперин. – М.: Кн. Дом Университет, 2000, – 329 с.

28. Гез, Н.И. Формирование коммуникативной компетенции как объект зарубежных методических исследований / Н.И. Гез // Иностранные языки в школе. – 1985. – № 2.

29. Гершунский Б.С. Компьютеризация в сфере образования: проблемы и перспективы / Б.С. Гершунский. - М.: Педагогика, 1987. – С.265.

30. Горбунова, Л.Н. Освоение информационных и коммуникационных технологий педагогами в контексте ориентации на профессионально-личностное развитие: Информатика и образование / Л.Н. Горбунова, А.М. Семибратов. – 2004.

31. Горюнова, М.А. Образовательная информационная среда: Экскурс в терминологию и обоснование понятия / А.М. Горюнова, А.А. Андреев // Развитие региональной образовательной информационной среды: сб. науч. ст. – Санкт-Петербург, 2006.

32. Гришкун, В.В. Образовательные электронные издания и ресурсы /

В.В. Гришкун, С.Г. Григорьев. – М.: МГПУ, 2006. – 98 с.

33. Давыдова, Г.И. Рефлексивный диалог в образовательном процессе вуза / Г.И.Давыдова // Высшее образование сегодня. – 2008. – № 10. – С. 91-93.

34. Давыдова, Л.Н. Различные подходы к определению качества образования / Л.Н. Давыдова // Журнал «Качество. Инновации. Образование». – М., 2005. – №2. - С. 5-8.

35. Деркач А.А. Взаимосвязь структурных компонентов состояния психической готовности студентов к педагогической деятельности// Психолого-педагогические проблемы взаимодействия учителя и учащихся. — М.: 1987.

36. Долгих, М.В. Развитие коммуникативной компетенции студентов вузов : дис. канд. пед. наук : 13.00.08 / М.В. Долгих. – Челябинск, 2007. – 193 с.

37. Дондокова Р.П. Сущностная характеристика и структура коммуникативной компетентности. / Р. П. Дондокова // Вестник Бурятского государственного университета. - 2012. - Вып. 1.1. Педагогика.

38. Дружинин, В.Н. Психология общих способностей / В.Н. Дружинин. – СПб.: Питер,1999.

39. Дубовицкая Т.Д. Методика диагностики направленности учебной мотивации / Т.Д. Дубовицкая // Психологическая наука и образование. - 2002. - №2.

40. Елизаров, А.А. Дистанционное обучение в московском центре Интернет-образования / АЛ.Елизаров // Российская школа и Интернет: сб. трудов Всероссийской науч.-практ. конференции. – СПб., 2002.

41. Емельянов, Ю.Н. Активное социально-психологическое обучение / Ю.Н. Емельянов. – Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1985.

42. Ефременко, В.А. Применение информационных технологий на уроках иностранного языка / В.А. Ефременко // Иностранные языки в школе. – №8. – 2007. – С.18-22.

43. Желтякова М.В., Варфоломеева Т.Н. [Электронный ресурс]: Перспективы развития отрасли информационных технологий в образовании, VII международная студенческая электронная научная конференция «Студенческий научный форум» 2015г., URL: http://www.scienceforum.ru/2015/976/7928 (дата обращения 01.02.16)

44. Жуков, Ю.М. Диагностика и развитие компетентности в общении / Ю.М. Жуков, Л.А. Петровская, П.В. Растянников – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1991. – 96 с.

45. Зеер, Э.Ф. Компетентностный подход в реализации профессионального развития личности специалиста / Э.Ф. Зеер, О.В. Мухлынина. – Екатеринбург, 2011. – 266 с.

46. Зеер Э.Ф., Сыманюк Э.Э., Павлова А.М. Модернизация профессионального образования: компетентностный подход: учеб. пособие. М.: Изд-во МПСИ, 2005.

47. Зимняя, И.А. Ключевые компетенции – новая парадигма результата образования / И.А. Зимняя // Высшее образование сегодня. – 2003. – №5. – С. 34-42.

48. Иванов В.Л. Структура электронного учебника // Информатика и образование. 2001. № 6.

49. Иванов Ю.А. Дидактические условия использования педагогических задач при изучении общеобразовательных и специальных предметов в педвузе. – Волгоград, 2007. –С. 54.

50. Изаренков, Д. Базисные составляющие коммуникативной компетенции и их формирование на продвинутом этапе обучения студентов-нефилологов / Д. Изаренков // Русский язык за рубежом. – 1990. – № 4. – С. 54-60.

51. Ильин, Е.П. Мотивация и мотивы / Е.П. Ильин. – СПб.: Питер. – 2003. – 512 с.

52. Ильин Е.П. Психология общения и межличностных отношений / Е.П. Ильин. -СПб.: Питер, 2009. –С.53.

53. Ильина, Т.С. Опыт развития информационной культуры учителей средствами образовательных технологий: Материалы межрегиональной научно-практической конференции. – Санкт-Петербург, 2006.

54. Информационные технологии в образовании // автор и составитель О.А.Минич. –Минс, 2008.

55. Ионова, О.Н. Формирование информационной компетентности взрослых в процессе дополнительного образования / О.И.Ионова. – Великий Новгород, 2007.

56. Каймакова, М.В. Коммуникации в организации: текст лекций / М.В. Каймакова. – Ульяновск: УлГТУ, 2008.

57. Казарцева, О. Культура речевого общения: теория и практика обучения: учебное пособие / О. Казарцева. – М.: Флинт, Наука, 1999.

58. Каримова, И.Х. К вопросу об основных направлениях развития педагогической науки / И.Х. Каримова // Вестник Академии образования Таджикистана. – Душанбе, 2013. – №3. – С. 11-20.

59. Каримова, И.Х. Проблемы совершенствование педагогических исследований /И.Х. Каримова // Вестник Академии образования Таджикистана. – Душанбе, 2013.– №3. – С. 6-16.

60. Качалова, Л.П. Образовательные технологии: дидактико-личностно ориентированный подход / Л.П. Качалова. – Шадринск: Изд-во ШГПИ, 2002. – 123 с.

61. Кларин, М.В. Инновационные модели обучения в зарубежных педагогических поисках / М.В. Кларин. – М., 1994. – 223 с.

62. Кларин, М.В. Инновации в обучении: метафоры и модели: анализ зарубежного опыта / М.В. Кларин. – М.: Наука, 1997. – 233 с.

63. Козырев, В. А. Компетентностный подход в педагогическом образовании / под ред. В. А. Козырева, Н. Ф. Радионовой. – СПб.: Изд-во РГПУ, 2004.

64. Колесникова, И.А. Педагогическое проектирование: учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений / И.А. Колесникова, М. П.

ГорчаковаСибирская / Под ред. И.А. Колесниковой. – М.: Академия, 2005.

65. Копьев, А.Ф. Психологическое консультирование: опыт диалогической интерпретации / А.Ф. Копьев // Вопросы психологии. – 1990. – Т. 3. – С. 17-25.

66. Корзинкова, Д.Н. Психологические особенности обучающихся как фактор успешности их обучения: сравнительный анализ / Д.Н. Корзинкова, В.П. Иванова, Н.А. Шумская // Вестник Кыргызско-Российского Славянского университета. – 2014. – №1. – С. 106-110.

67. Краевский, В.В. Основы обучения. Дидактика и методика: учеб. пособие для студентов высш. учеб. заведений / В.В. Краевский. – 2-е изд., стер. – М.: Академия, 2008. – 352 с.

68. Кручинина, Г.А. Дидактические основы формирования готовности будущего учителя к использованию новых информационных технологий обучения.– Москва, 1996.

69. Кузьмина, Н.В. Акмеологическая теория повышения качества подготовки специалистов образования / Н.В. Кузьмина. – М., 2001.

70. Куликова, Л.Г. Развитие инновационных компетенций у студентов и аспирантов в системе учебно-научно-педагогического комплекса / Л.Г. Куликова, В.М. Лопаткин // Мир науки, культуры, образования. – ГорноАлтайск, 2013. – № 6 (43). – С. 225-227.

71. Rодиров, R.Б. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ/ R. Б. Rодиров, М.Т. Давлатов, С.Х. Расулов. – Душанбе, 2008. – 192 с.

72. Rодиров, R.Б. Таърихи мактаб ва афкори педагогӣ то давраи ислом / R. Б. Rодиров – Душанбе: Ирфон, 2013.

73. Қодиров К.Б. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик - Душанбе: Маориф, 1998. - 335 с.

74. Rодиров, К. Таърихи тарбия аз аҳди бостон то замони сомониён / К. Rодиров // Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. – 239 с.

75. Ларионова, М.А. Использование интерактивных средств обучения на

уроках информатики / М.А. Ларионова // Новые образовательные технологии в вузе. – Екатеринбург, 2010. – Ч 2. – 444 с.

76. Лебедева, М.Б. Что такое ИКТ-компетентность студентов педагогического университета и как ее сформировать / М. Б. Лебедева, О. Н. Шилова. – 2004. – № 3.

77. Лебедев, О.Е. Компетентностный подход в образовании / О.Е. Лебедев // Школьные технологии. – 2004. – №5. – С. 3-12.

78. Лобанов А. А. Основы профессионально-педагогического общения: учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений. М.: Академия, 2002.

79. Лукьянова, Н.А. Реализация структурно-функциональной модели в процессе формирования коммуникативных компетенций у студентов туристских специальностей / Н.А. Лукьянова // Омский научный вестник. – 2011. – №4 (99). – С. 168-172.

80. Лурия А. Р. Язык и сознание / под ред. Е. Д. Хомской. Ростов н/Д.: Феникс, 1998.

81. Львова, О.В. Технократический и гуманитарный подходы к информатизации лингвистического образования / О.В. Львова // Информационные технологии в образовании и науке. – М.: Самарский филиал МГПУ, МГПУ, 2011.

82. Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо / М.Лутфуллозода, Ғ.Бобизода. –Душанбе, 2017.

83. Лутфуллоев, М. Основы педагогических исследований / М. Лутфуллоев, К. Абдурахимов // Вестник Академии образования Таджикистана. – Душанбе, 2014. – №1. – С. 17-41.

84. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир - Душанбе, 2001. с

85. Матвеенко, И.А. Применение информационно-коммуникационных технологий в процессе обучения студентов (магистров) профессиональному английскому языку в институте природных ресурсов / И.А. Матвеенко, Л.В. Надеина // Филологические науки. Вопросы теории и практики. – 2011. – № 4 (11). – С. 115-118.

86. Меськов, В.С. Постнеклассический подход к e-Learning: новая образовательная парадигма для обществ знания / В.С. Меськов, А.А. Мамченко // Преподаватель XXI века. – 2009. – № 1.

87. Мильруд, Р.П. Компетентность в изучении языка / Р.П. Мильруд // Иностранные языки в школе. – 2004. – №7. – С. 30-36.

88. Мильруд, Р.П. Современные концептуальные принципы коммуникативного обучения иностранным языкам / Р.П. Мильруд, И.Р. Максимова // Иностранные языки в школе. – 2000. – № 4. – С. 9-15.

89. Минько, М. Время «Ч»: Модель компетенций HR-менеджера / М. Минько. – М.: Альпина Паблишерз, 2010. – С.23.

90. Михайлова, О.В. Использование проектной методики как средства формирования иноязычной компетенции студентов неязыкового вуза / О.В. Михайлова // Филологические науки. Вопросы теории и практики. – 2013. – № 9 (27).

91. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ) Мураттибон: Ғ.Бобизода, Д. Имимназаров, Ш.Исрофилниё, А.Байзоев. –Душанбе: "Ирфон" 2018.

92. Науменко, Е.А. Деловые коммуникации: учебное пособие / Е.А. Науменко. – Тюмень, 2013.

93. Нежурина, Н.Ю. Разработка модели формирования коммуникативно-речевой компетенции обучающихся на основе дебатной технологии / Н.Ю. Нежурина // Вестник ВГТУ. – 2013. – Т.9 – С. 88-91.

94. Носкова, Т.Н. Методические основы создания использования модульной аудиовизуальной технологии обучения / Т.Н. Носкова – СПб., 2002. – 28 с.

95. Образцов П.И. Психолого-педагогические аспекты разработки и применения в вузе информационных технологий обучения / П.И. Образцов. Орловский государственный технический университет. - Орел, 2000.

96. Обушак, С.И. Педагогический аспект формирования коммуникативной компетенции студентов / С.И. Обушак // Вестник

Российской академии естественных наук. – 2011. – № 15(2). – С. 113-118.

97. Палеева, И.В. К вопросу о становлении коммуникативной дидактики в российской педагогике / И.В. Палеева, Е.Е.Сартакова// Современные проблемы науки и образования. – 2015.– № 1(1). 143.

98. Пахаренко, Н. В. Модель определения уровня сформированности общекультурных и профессиональных компетенций / Н. В. Пахаренко, И. Н. Зольникова // Современные проблемы науки и образования. – 2012. – №6.

99. Певзнер, М.Н., Шестернинов Е.Е. Развитие креативности в педагогической среде и создание условий для адресного научнометодического сопровождения педагогов в системе ПКРО. – 2016. - №5. –С.95.

100. Первутинский, В.Г. Развитие социальной компетентности студента в условиях профессиональной подготовки [Электронный ресурс] / В.Г. Первутинский // http://akmeo.rus.net/index.php. – СПб. – 2002.

101. Петровская Л.А. Компетентность в общении: социально-психологический тренинг / Л.А. Петровская. – М.: Изд-во МГУ, 1980.

102. Подласый, И.П. Педагогика:100 вопросов – 100 ответов: учеб. пособие для вузов / И.П. Подласый. – М.: Владос-пресс, 2004. – 365 с.

103. Полат, Е.С. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования: учеб. пособие для студ. пед. вузов и сист. повыш. квалиф. пед. кадров / Е.С. Полат. – М.: Академия, 2003. – 272 с.

104. Полат, Е.С. Современные педагогические и информационные технологии в системе образования: учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / Е.С.Полат, М.Ю. Бухаркина. – М.: Академия, 2010.

105. Почепцов, Г.Г. Теория и практика коммуникации / Г.Г. Почепцов. – М.: Центр, 1998. – 348 с.

106. Почепцов, Г.Г. Теория и практика коммуникации / Г.Г. Почепцов. – М.: Центр, 1998.

107. Путилов, Г.П. Информационно-образовательная среда технического вуза на базе образовательного интернетсервера / Г.П. Путилов,

Л.Н. Кечиев, П.В. Степанов // Профессиональное инженерно-техническое и военное образование в XXI веке. – М., 2001. – С. 157-158.

108. Путилов, Г.П. Концепция построения информационнообразовательной среды технического вуза / Г.П. Путилов.– М.: МГИЭМ, 1999.

109. Равен, Дж. Компетентность в современном обществе: выявление, развитие и реализация / Дж. Равен. – М.: Когито-Центр, 2002. – 396 с.

110. Райзенберг, Б. А. Программно-целевое планирование и управление: учебник / Б.А.Райзенберг . – М.: Инфра-М, 2002 – С. 70.

111. Реформирование высшего образования в Казахстане и Болонский процесс: информационные материалы для практических действий. – А., Ассоциация «Образование для всех в Казахстане», Национальный офис программы Темпус в Казахстане, 2009.

112. Роберт, И.В. Современные информационные технологии в образовании: дидактические проблемы, перспективы использования / И.В. Роберт. – М.: Школа-Пресс, 1994. – 205 с.

113. Роберт, И.В. Толкование слов и словосочетаний понятийного аппарата информатизации образования / И.В. Роберт // Информатика и образование. – 2004. – № 5. – С. 22-29.

114. Роберт, И.В. Толковый словарь терминов понятийного аппарата информатизации образования / И.В. Роберт, Т.А. Лавина. – М.: БИНОМ, 2012.

115. Ротова, Н.А. Сущность, содержание и компоненты коммуникативной компетенции педагога начального общего образования / Н.А. Ротова // Вестник Челябинского государственного педагогического университета. – 2013. – № 8. – С. 110-117.

116. Савичев, С.С. Проблема развития коммуникативной компетентности студентов высшей школы / С.С. Савичев // Известия Самарского научного центра Российской академии наук. – 2010. – № 5. – С. 78-80.

117. Сайков, Б.П. Информационная среда школы. Информатика / Б.П. Сайков// Первое сентября. – 2007. – № 20.

118. Сериков, В. В. Образование и личность. Теория и практика проектирования педагогических систем / В. В. Сериков . – М.: Логос, 1999.

119. Сластенин В.А. Педагогика: учебник для студ. учреждений высш. проф. образования / В.А. Сластенин, И.Ф. Исаев, Е.А. Шинов; под ред. В.А. Сластенина. – 11-е изд. – М.: Издательский центр «Академия», 2012.- 608 с.

120. Сластенин В.А., Исаев И.Ф. Педагогика. М.: АКАДЕМА, 2003. – С. 155.

121. Сластенина, Т.А. Развитие коммуникативной компетенции как ключевого компонента профессионализма будущих педагогов / Т.А. Сластенина // Вестник ЮУрГУ. Серия «Образование. Педагогические науки». – 2010. – №36 (212). – С.88-93.

122. Смирнова, Е.А. Роль формирования коммуникативных умений в профессиональной подготовке будущих специалистов / Е.А. Смирнова // Известия Российского государственного педагогического университета им. А.И. Герцена. – 2007. – Т. 8. – № 30. – С. 89-96.

123. Смирнова, Е.В. Компоненты психологической структуры коммуникативной компетенции будущих гидов-переводчиков в условиях уровневого построения учебного процесса / Е.В. Смирнова // Приволжский научный журнал. – 2015. – №3.

124. Столяренко, А.М. Общая педагогика: учебное пособие для студентов вузов, обучающихся по педагогическим специальностям / А.М. Столяренко. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2006. – 479 с.

125. Татур, Ю. Г. Компетентность в структуре модели качества подготовки специалиста / Ю. Г. Татур // Высшее образование сегодня. – 2004. – № 3. – С. 21– 26.

126. Тевс, Д.П. Использование современных информационных и коммуникационных технологий в учебном процессе / Д.П. Тевс, В.Н. Подковырова, Е.И. Апольских, М.В. Афонина. – Барнаул: БГПУ, 2006.

127. Тимохина, Е.В. Модель формирования профессионально-коммуникативной компетенции будущего учителя иностранного языка / Е.В. Тимохина // Современные проблемы науки и образования. – 2015. – №1. – С. 905-906.

128. Тихонов А.Н. Развитие единой образовательной информационной среды в Российской Федерации / А.Н. Тихонов. Университет управления: практика и анализ. - 2001. - № 4(19). - С. 9-13.

129. Тормасин, С.И. Оценка интегрированных компетенций в системе обеспечения качества образования / С.И. Тормасин, Н.П. Пучков // Менеджмент качества в образовании: теория и практика / отв. ред. В.В. Страхов, Е.А. Кирьянова. – Рязань, 2011. – С. 23-24.

130. Тормасин, С.И. Оценка компетенций как механизм управления качеством их формирования в вузе / С.И. Тормасин, Н.П. Пучков // Вестник ТГТУ. – 2012. – С. 236-249.

131. Трофимова, Г.С. Педагогическая коммуникативная компетентность: теоретический и прикладной аспекты: монография / Г.С. Трофимова. – Ижевск: Удмурт, ун-т, 2012. – 114 с.

132. Урутина, Т.М. Коммуникативное взаимодействие преподавателей со студентами как фактор успешности обучения / Т.М. Урутина // Молодой ученый. – 2015. – №18. – С. 496-499.

133. Фомин, А.П. Педагогическое сознание в социальном образовательном пространстве / А.П. Фомин // Образование и здоровье в педагогике ненасилия. – 2008. – С. 62-70.

134. Хайновская, Т.А. Коммуникативная компетентность учителя. Уровни и этапы ее развития. / Т.А. Хайновская // Сибирский педагогический журнал. – 2007. – № 3. – С. 95-106.

135. Хайновская, Т.А. Профессионально-коммуникативная компетентность студентов педагогического вуза / Т.А. Хайновская // Педагогическое образование и наука. – 2009. – №1 – С. 73-76.

136. Холодная, М.А. Когнитивные и метакогнитивные предпосылки

интеллектуальной компетентности в научно-технической деятельности / М.А. Холодная, О.Г. Берестнева, И.С. Кострикина// Психологический журнал. – 2005. – № 1. – С. 29-37.

137. Хомский, Н. Язык и мышление. – М.: Изд-во Московского университета, 1972. – С. 123.

138. Хуторской, А.В. Ключевые компетенции как компонент личностно-ориентированной парадигмы образования / А.В. Хуторской // Народное образование. – 2003. – № 2. – С. 58-64.

139. Хуторской, А.В. Практикум по дидактике и современным методикам обучения / А.В. Хуторской. – СПб., 2004. – 541 с.

140. Царькова, Е.А. Компетентность в контексте модернизации профобразования / Е.А. Царькова // Профессиональное образование. – 2004. – № 6. – С. 5-6.

141. Шарифзода, Ф.Ш. Интегрированное обучение: проблемы, поиски и размышления: в 2-х частях / Ф.Ш. Шарифзода. – Душанбе, 1999-2000.

142. Шарифзода, Ф. Ш. Теория и практика интегрированного обучения на начальном этапе средней школы / Ф.Ш. Шарифзода. – Душанбе: Маориф, 1997. –194 с.

143. Шарифзода, Ф. Интеграция науки и образования в зеркале новых исследований / Ф. Шарифзода // Вестник Академии образования Таджикистана. –2014. – №1(15). – С. 42-56.

144. Шарифзода, Ф. Актуальные проблемы современной педагогики: в 2 кн. / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон. – Кн. 1. – 2009. – 459 с.

145. Шишов, С.Е. Компетентностный подход к образованию: прихоть или необходимость? / С.Е. Шишов, И.Г. Агапов // Стандарты и мониторинг в образовании. – 2002. – № 2. – С. 58.

146. Яковлева, О.В. Особенности методики формирования коммуникативной компетентности будущих учителей с использованием информационных и коммуникационных технологий / О.В. Яковлева // Известия Российского государственного педагогического университета им.

А.И. Герцена. – 2006. – № 22. – Т.4. – С. 216-219.

147. Ярыгин, О.Н. Структура интеллектуальной компетентности и её тестирование / О.Н. Ярыгин // Вектор науки Тольяттинского гос. ун-та. Тольятти. – 2011. – № 2(16). – С.134-145.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ:

**1. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида:**

[1-М] Абдуллозода Н. Салоҳияти коммуникативӣ - заминаи ташаккули салоҳиятнокии хонандагон./Н. Абдуллозода // [Матн] - Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши педагогика, №4 , 2019.- С. 100-104.

[2-М] Абдуллозода Н. Технологияҳои иттилоотӣ - воситаи асосии ташаккули салоҳияти хонандагон./Н. Абдуллозода // [Матн] - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Бахши педагогика, №1 , 2020.- С. 157-160.

[3-М] Абдуллозода Н. Ташаккули салоҳияти иттилоотии хонандагон дар раванди таълим /Н. Абдуллозода // [Матн] - Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши педагогика, №2 , 2020.- С. 104-108.

[4-М] Абдуллозода Н. Ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои асосии хонандагон /Н. Абдуллозода // [Матн] - Номаи донишгоҳ. Донишгоҳи давлатии Хуҷанд. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ , №3 (64) , 2020.- С. 152-156.

[5-М] Абдуллозода Н. Камолзода С. Шароитҳои педагогии истифодаи технологияҳои робитавӣ-иттилоотӣ дар раванди таълим /Н. Абдуллозода, С. Камолзода // [Матн] - Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши технологияи таълим, №4 (45) , 2022.- С. 200-207.

**2. Мақола ва маводи дар маҷмуаи конференсияҳо ва нашрияҳои дигар батаъррасида:**

[6-М.] Абдуллозода Н. Шароитҳои педагогии истифодаи технологияҳои иттилооти комуникатсиони дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / Н. Абдуллозода // [Матн] // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илми амалӣ Роҳ ва воситаҳои тайёр намудани омӯзгорони оянда ба корҳои тарбиявӣ дар мактаб – Хуҷанд, 2023 – С. 180-185.

[7-] Абдуллозода Н. Дарсҳои видеои аз фанни ТИ, барои синфҳои 6-8. - Душанбе, 2023 – 3 фита.

[8-] Абдуллозода Н. Воситаҳои асосии коркарди иттилоотӣададӣ дар ҷараёни дарсҳои технологияи иттилоотӣ /Н. Абдуллозода // [Матн] Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илми амалӣ дар мавзуи “Омӯзгор-проблемаҳои таҳсилоти муосир” ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ – Душанбе, 29 сентябри соли 2023 – 161-166.